Тавре, ки таҷрибаи бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дарак медиҳад, ҳадаф ва вазифаҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисоди да кишварҳои хоҷагии ҷаҳон гуногун мебошад. Масъалан агар дар ШМА тибқи қонуни соли 1934 минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо мақсади мусоидат ба рушди тиҷорати хориҷӣ тавассути озод намудани молҳои воридоти ба қаламрави гумрукии кшвар аз пардохтҳои гумрукӣ бошад, дар Британияи Кабир бошад ба ҳайси минтақаи озоди иқтисодӣ ноҳияҳоеро интихоб намудаанд, ки аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ қафомонда буданд. Имтиёзҳои Британияи Кабир бештар ба рушди истеҳсолот, воридотивазкунӣ, ҷалби технологияи муосир ва такмили иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат равона шуда буд. Британияи Кабир бо пешниҳоди имтиёзҳои андозию боҷӣ, меҳнатию молиявӣ, додани грант (ёрии молиявии бебозгашт) ва дигарҳо тавонист, ки дар муддати кутоҳтарин ба натиҷаи зарурӣ ноил гардад.

Ҷопон низ дар самти таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ дар намуди технополисҳо ва технопаркҳо таҷрибаи бой дорад. Технополисҳо дар Ҷопон унвони “Барномаи сохтмонии шаҳрҳои асри XXI”-ро дар худ таҷассум менамояд. Ин гуна шаҳрҳо – шаҳрҳои наву замонавие мебошанд, ки дар онҳо муосиртарин инфрасохтор бунёд гардида, дар таркиби худ сохтори ботавозуни маҷмаъаҳои илмию саноатӣ, донишгоҳҳову пажуҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ дошта, онҳо дорои шароитҳои мусоид барои зиндагии аҳолӣ, имкониятҳои фарҳангӣ ва истироҳатии онҳо мебошанд.

Ҷумҳурии Мардумии Чин бо муҷизаи иқтисодии худ дар хоҷагии ҷаҳон таҷрибаи бойро дар самти таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорост. Мамлакат дар охирҳои солҳои 1970 ва ибтидои соли 1980 ба бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ шурӯъ намуд. Нахустин минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин “Гуандун” ва “Футсзян” ба шумор мераванд. Дар ибтидо ҳадафи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисоди аз ҷониби Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷалби сармояи хориҷӣ буд. “ ...Мақсад дар он буд, ки тавассути ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ имконияти ҷалби маблағи ***сармояи хориҷӣ*** барои рушди иқтисодиёти худи Хитой истифода намоянд” [4,С.10-11].

Бо назардошти ҳадафҳои гузошташуда Ҷумҳурии Мардумии Чин минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, шаҳрҳои наздибаҳрӣ, минтақаҳои саноатию истеҳсолӣ, минтақаҳои рушди хизматрасонӣ, технопаркҳо, марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инноватсионӣ ва дигар намудҳои онро таъсис дод.

Дар қаламрави Федератсияи Русия 1 миллион метри мураббаъ (7 фоизи тамоми масоҳати мамлакат) аз моҳи июли соли 1990 то июни соли 1991 унвони минтақаи озоди иқтисодиро касб намуд. Федератсияи Русия намудҳои гуногуни минтақаҳои озоди иқтисодиро таъсис дод, сар карда аз минтақаҳои озоди гумрукӣ то ба комплексӣ. Русия мақоми минтақаи озоди иқтисодиро ба 11 минтақаи дорои аҳолии 18,5 миллион нафар дод, ки 13 фоизи тамоми аҳолии мамлакатро дар бар гирифта буд. Ҳадафи бунёди минтақаҳои озоди иқтисоди дар Русия – ин рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба шумор мерафт.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ҳадаф аз бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, пеш аз ҳама таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ба шумор меравад. Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки тавассути таъсиси чунин минтақаҳо дар

намудҳои гунон, аз ҷумла: минтақаҳои саноатӣ, савдо, транзитӣ, хизматрасонӣ, гумрукӣ, инноватсионӣ, комплексӣ, сармоягузорӣ, воридотивазкунандаю содиротӣ, наздисарҳадӣ, техно-инноватсионӣ, боғҳои техникӣ ва ғайраҳо, ки ба онҳо сармоягузории дохилию хориҷиро тавассути сиёсати ҳавасмандгардонии андозию боҷӣ, молиявию меҳнатии субъектон ба роҳ монда, истеҳсолот ва хизматрасониро такмил ва рушд диҳад.

Албата пас аз оне, ки минтақаи озоди иқтисодӣ таъшкил карда мешавад, тавассути онҳо истеҳсоли молҳои нав ба роҳ монда шуда, хизматрасониҳои гуногун рушд менамояд. Ҳамчунин аз ҳисоби корхонаҳои нав ба нав бозорҳо ба маҳсулот таъмин мегардад, ки ин боиси паст шудани сатҳи нархҳо дар бозор хоҳад гардид. Дар баробари ҳамаи ин ба кишвар имкон фароҳам оварда мешавад, ки аз техникаю технологияи муосири талаботи давру замон, таҷҳизотҳои нав дар раванди ташкили истеҳсолот баҳрабар гардад. Ҳамчунин шумораи корхонаҳои муштарак бо шарикони стратегии хориҷӣ афзун гардида аз таҷрибаи бой ва пурғановари онҳо истифода карда мешавад. Дар қатори ҳамаи ин, бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ боиси афзоиш ҳаҷми ММД ва суръатнокии рушди он мегардад. Кишвари мо метавонад иштироки худро дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ боз ҳам афзунтар гардонад. Ҳаҷми содиротро зиёд намуда воридоти молҳоро тавассути ба роҳ мондани истеҳсолоти маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда ташаккул диҳад.

Ҳадафи иҷтимоии таъсис минтақаҳои озоди иқтисдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама, нигоҳдории ҷойҳои кории мавҷуда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ тавассути таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолию хизматрасонӣ мебошад. Ҳамчунин тавассути фаъолияти субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ тибқи назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ тахассуснокии қувваи корӣ ё худ малакаи касбию маҳорати онҳо баланд гардида, ҳамчун мутахассисони ворзидаи соҳаҳои иқтисодӣ, менеҷерӣ, муҳандисӣ, технологӣ ва дигар касбу кор ба мамлакат хизмат менамоянд.

Дар шароити муосир дар қадамрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 минтақаи озоди иқтисодӣ кору фаъолият намуда истодаанд, ки онҳо – ***минтақаи озоди иқ*** ***“Данғара”, “Суғд”, “Панҷ***мебошанд. Дар ***Ишкошим”*** ***“Кӯло*** онҳо 96 субъекти иқтисодӣ фаъолияти худро ба қайд гирифтааст, ки шумораи субъектони иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали зерин оварда мешаванд (ниг. ба ҷадвали 1)

Ҷадвали 1.

Шумораи субъектони иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯлӣ солҳои 2011-2023 [12].

	с. 20	***с. 20***	***с. 20***	***с. 20***	***с. 20***	***с. 2***
МОИ «Суғд»	13	27	27	29	31	35
МОИ «Данғара»	2	26	26	28	30	32
МОИ «Ишкошим»	0	0	1	3	3	5
МОИ «Панҷ»	2	9	9	9	10	14
МОИ «Кӯлоб»	-	-	2	3	4	8

Тавре, ки аз маълумотҳои омории ҷадвали мазкур бар меояд дар соли 2023 шумораи субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ афзун гардида, танҳо дар ҳамин сол 16 субъекти нав дар ҳудуди 5 минтақаи озоди иқтисодии мамлакат фаъолияти худро бақайд гирифтааст. Айни ҳол дар минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” 35 субъек фаъолият намуда истодаанд, ки назар ба соли 2011 – 22 субъек зиёд мебошад.

Дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” бошад 34 субъекти иқтисодӣ фаъолият менамояд, ки назар ба соли 2011 – 30 субъект зиёд мебошад. Дар ин марҳила афзоиши субъектон дар дигар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”, ки дар соли 2024 соҳиби 14 субъект гардидааст ва “Кӯлоб”, ки дар ин давра 8 субъекти иқтисоди дар он фаъолият менамояд.



Диаграммаи 1. Динамикаи истеҳсоли маҳсулотҳои саноатии минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2023 (млн. сомонӣ) [8]

Чи тавре, ки аз маълумотҳои омории диаграммаи мазкур бар меояд дар давоми солҳои 2022-2023 афзоиши истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ ба назар мерасад. Маълумотҳои омории диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки дар соли 2022 ба маблағи 402,2 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 бошад – 445,6 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби субъектони минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавлид карда шудааст, ки назар ба соли 2022 – 10,8% зиёд мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба 2302 млн сомонӣ баробар шудааст [8, 12].

Дар соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 174 ҳазору 156 ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст, ки назар ба солҳои қаблӣ тамоюли коҳишёбиро дар худ нишон медиҳад. Масъалан ин нишондиҳанда дар соли 2013 ба 205,3 ҳазор ҷойи нави корӣ баробар буд, ки дар қиёс ба соли 2022 - 31,2 ҳазор ҷойи корӣ ё худ 15,2% назар ба соли 2022 зиёд буд [11, С. 211-213].

Агар аз рӯи минтақаҳои чумҳурӣ таҳлил намоем дар соли 2022 – Вилояти Суғд 30,3 ҳазор ҷойи нави корӣ, Вилояти Хатлон – 63 ҳазор, ВМКБ – 14,6 ҳазор, шаҳри Душанбе наздик ба 39 ҳазор ва НТҶ бошад 27,3 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ, мавсимӣ ва муввақатиро ташкил намудаанд [11, С. 112-113].

Яке аз ҳадафҳои иҷтимоии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон - ин бунёд ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад. Гарчанде, ки аз маълумотҳои омории ҷадвали мазкур ҳолати камшавии таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ба назар расад ҳам, аммо ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҷониби субъектони бақайдгирифташудаи минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат сол то сол меафзояд. Масъалан дар соли 2022 зиёда аз 1368 ҷойи кории амалкунанда ба 86 ширкатҳои ватанию хориҷӣ, ки ҳамчун субъект дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд рост меояд. Ташкили бештари ҷойҳои корӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии “Суғд”, “Данғара” ва “Панҷ” бинобар сабаби ҷоннок намудани фаъолияти кории онҳо рост меояд.

Дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони аввали фаъолияти онҳо то ба имрӯз аз ҷониби субъектони иқтисодӣ зиёда аз 1462 ҷойҳои нави кории пурмаҳсул бунёд гардидааст, ки ҳоло бошад дар онҳо бештари шаҳрвандони кишвари мо кору феъолият менамоянд. Дар ин марҳила аз ҷониби субъектони бақайдгирифташуда ба фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба маблағи 2350 млн сомонӣ сармоягузорӣ карда шудааст [8, 13].

Дар шароити муосир аз ҷониби субъектони минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба бозорҳои дохилию хориҷӣ як қатор маҳсулотҳо ба монанди: профили алюминӣ, профили пластикӣ, истеҳсоли металлоконструксияҳо, профилҳо аз металҳои гуногун барои дару тиреза, лулаҳо ва зарфҳои пластикӣ, маҳсулотҳои масолеҳи сохтмонӣ, рангу бори сохтмонӣ, дару тирезаҳои чӯбин, ноқилҳои баркӣ аз мед ва алюминий, маҳсулоти ороиши сохтмонӣ, мебелҳои гуногун, маҳсулотҳои ороишии сохтмонӣ, меваҳои хушки банду бастшуда, маводҳои шустушӯй,

маҳсулотҳои коркардашдуаи саноати нассоҷӣ, дучарха ва бозичаҳои кӯдакона, маҳсулотҳои нафту газ, сангҳои ороишӣ ва ғайраҳо бо мақсади фурӯш истеҳсол ва пешкат карда мешавад

Ноҳияи Данғара яке аз ноҳияҳои калони саноатию аграрии Вилояти Хатлон ба шумор меравад. Маҳсулотҳои истеҳсолии ноҳия дорои аҳамияти стратегӣ дар самти савдои хориҷии мамлакат мебошанд. Иқтидори саноатию аграрии рушдёфтаи он барои истеҳсол ва коркарди маҳсулоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда буда, дорои инфрасохтори муосири иқтисодию иҷтимоӣ, хизматрасонии замонавӣ, шароити мусоид барои рушди соҳибкорони хурду миёна, сармоягузорӣ, фарҳангию сайёҳӣ, муҳити тозаи экологӣ мебошад ва дар ноҳия мардуми соҳибмаърифату меҳнатдӯст кору зиндагӣ мекунанд.

Тӯли солҳои 2000 то 2021 (яъне дар давоми зиёда аз 20 сол) бахши саноати ноҳияи Данғара ба тамоюлҳои мусбии рушд нигоҳ накарда, суръати рушди устуори истеҳсоли маҳсулоти саноатиро таъмин намудааст. Тавре, ки маълумотҳои омории ноҳия гувоҳи медиҳад дар соли 2021 нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ ба 215 маротиба нисбат ба соли 2000-ум зиёд гардидааст ва дар муқоиса ба соли 2016 бошад 245%, (ё 2,5 маротиба). Дар соли 2021 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 2,1 миллиард сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2000-ум ва 2015 мутаносибан 1,7 миллиард сомонӣ ва 1,3 миллиард сомонӣ зиёд аст [11, С. 211-213].

Ташкили минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ба рушди минбаъдаи минтақа мусоидат кард. Дар он 33 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ба 8 миллиону 945,6 ҳазор сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1 миллиону 445,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Аз оғози фаъолият ҳаҷми сармоягузорӣ ба 1 миллиарду 950 миллиону 100 ҳазор сомонӣ ва дар се моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми сармоягузории субъектҳои минтақавӣ 55,0 миллион сомониро ташкил дод. Дар он маҳсулоти сохтмонии ҷавобгӯи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла калсит, рангҳои сохтмонӣ, эмульсия, конструкцияҳои оҳанин, қубурҳои пластикӣ, хишти сохтмонӣ ва моеъҳои зарфшӯӣ истеҳсол мешавад.

ғ ф dz ls O ƨ O ф ts ɩ ts н ф ф ƨ ls ф fŋ ts н ф ф ñ ŗ O dz Ч O tɕ O ò ə O fŋ l
ф ƨ ls ф fŋ ts н ф ф Ɉ ф dz ts w ls ф м O ls dz ts dz dʒ ƙ fŋ ts ф н O ɳ ts ʔ dʒ j s dz f O dz tɕ O w н ф , ʕ
ls O j dʒ ф dz ф O c ts dz ф в ts n ts ʔ c ts ф ʕ ts tɕ t , ф dz ų ƙ dz ф dz в O dz O dz
ə ф dz ts w ls fŋ O c dʒ ф O tɕ ɩ O dz н O dʒ j ɠ ƙ ɩ ts tɕ O н -2 0 ϱ O n t s ʔ w ʕʕ ts f ɳ ƙ f в j н
ʧ ƙ tɕ dʒ O c fŋ ƙ dz ə O н ts ф dʒ ts O dʒ O dz ʕ ƙ dz O dz н O ʧ j h dz ф c ts н dʒ j dz O dʒ



Диаграммаи 2. Пешниҳоди ҷойҳои корӣ аз ҷониби ба "Данғара" ҳамгоми пурра ба кор даровардани иқ [12].

ʊ O ə tɕ j , ʕ ф O ɩ dʒ O j dz ƙ dʒ ts ls c ts ф ls O c ф w ɠ O tɕ н ф н O ф н ф O
в O tɕ ʕ ts н O tɕ ts ə O tɕ н O dz ф ф Ɉ ls ф н ts tɕ c ts ф ф fŋ ls j c fŋ ts dz ф ф fŋ ƙ в j
dʒ ф dz ls O ƨ O в O dz O dz н dʒ j ɠ O tɕ н O н . ŗ ф н O dʒ j h O ə O кӯрхонаи ʕ ф O ɩ
конструксияҳои металли (Хитой), ки бо ҳаҷми сармоягузори 15 млн. доллари ИМА бо номи ҶДММ "АУФЕН" дар соли 2014 сохтмонаш оғоз ёфта буд, дар оянда имкони 1000 нафар шумораи коргаронро бо кори доимӣ таъмин карданро дорад.

Корхонаҳои дигари минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” ба монанди: ҶДММ “Ғаюр саноат”, ки ба истеҳсоли семент машғул аст ва бо ҳаҷми сармоягузории умумии 150 млн. доллари ИМА ва иқтидори солоани истеҳсолии он 1,6 млн. тонна дар як сол ташкил менамояд ва ҶДММ «Пак Сомон Инвестгруппа» - корхонаи истеҳсоли семент, ҳаҷми сармоягузории 100 млн доллари ИМА, иқтидори истехсолот –1 млн тонна дар як сол метавонанд то 800 ҷойҳои нави корӣ пешниҳод намоянд. Яке аз корхонаи навтаъсиси минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”, ки ба ҳамагон маълум аст ҶДММ «ТК ОЙЛ» (Хитой) мебошад. Корхонаи мазкур ҳангоми пурра фаъолият намуданаш метавонад 600 нафар қувваи корӣ маҳалӣ ва хориҷиро ба ҷой кори доимӣ таъмин намояд.

Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ як аз шартҳои асосӣ дар интихоби макони мусоид барои оғози бизнес аст. Барои корхонаҳое, ки маҳслоташон ба содирот равона мешавад, минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон макони мусоид мебошад. Шабакаи рушдкардаи нақлиётии мамлакат барои содирот ва тиҷорат бо кишварҳои хориҷии дуру наздик имконияти васеъ эҷод мекунад. Шоҳроҳи байналмиллалӣ бевосита аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад. Айни ҳол аз ҷониби субъектони минтақаи озоди иқтисодӣ ба як қатор мамлакатҳои хориҷи дуру наздик ба монандӣ: Федератсияи Руссия, Хитой, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Туркменистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон молу хизматҳо содирот мегардад. Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои мӯътадили сармоягузорӣ мебошанд.

Айни замон дар шароити бӯҳрони ҷаҳонӣ таҳияи сиёсати самарабахши иқтисодӣ барои кишвар аҳамияти хоса дорад. Тоҷикистон дар 33 соли истиқлолият самтҳои низоми сиёсӣ ва афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро муайян намуда, дар ин кор ба комёбиҳои бузург ноил гардид. Илова бар ин, ислоҳот дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ зина ба зина сурат гирифта, сатҳи зиндагии ҷомеа сол то сол боло меравад. Ҳоло Тоҷикистон кишвари агросаноатӣ буда, тавассути минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонад, дар оянда ба як кишвари саноатӣ табдил ёбад. Тоҷикистон дорои мавқеи хуби транзитӣ буда, ба бозорҳои бузурги истеъмолӣ, аз қабили кишварҳои Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Русия, Ҳиндустон ва Афғонистон дастрасӣ дорад. Мамлакат дорои нерӯи азими гидроэнергетикӣ, конхои маъдан ва иктидори саноатӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили бомуваффақияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дурнамои воқеъона дорад. Зеро барои ҳалли самараноки мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ таъсир расонида, қобилияти рақобатии онро баланд мебардорад.

Дар роҳи расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ назаррас мебошад. Зеро, дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯйи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Айни замон дар Тоҷикистон намудҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият намуда истодааст. Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба барномаи рушди инноватсионии Тоҷикистон ворид шудааст. Дар ниҳоят, тиҷорати муосирро бе чунин минтақаҳо тасаввур кардан душвор аст.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз 17-уми майи соли 2004, Боби 1, моддаи 1 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004., №5, моддаи 335). Ва бо тағироту иловаҳо аз 25 марти соли 2011, №700 қабул гардидааст.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.01.2023., №549. /340 саҳ. С. 45-48.
3. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 21.12.2021с. http://www.president.tj

4. Абдураҳмонов Ҳакимзода., Қаюмҷон Раҷабов “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ” Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ. Душанбе: “Ирфон-2010”., С.156.
5. Баронов В.И., Костюнина Г.М. - Свободные экономические и офшорные зоны. Учебное пособие**.** Издательство: Магистр, 2018 г., С.34-35.
6. Г.М. Костюнина. / Свободные экономические зоны в мировой экономике/. Монография М: 2022, 168 стр.
7. Р.И. Зименков. /Свободные экономические зоны./ Для студентов, аспирантов и преподавателей высших учебных заведений, научных работников, а также слушателей международных школ бизнеса и специалистов в сфере внешнеэкономических связей. Юнити-Дана – 2005 322 стр.
8. Ҳаҷми тавлидот дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон маълум шуд. https://sputnik.tj/20220831/tavlidot-mintaqaho-ozod-iqtisodi-tojikiston-1051061293.html
9. Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://mfa.tj
10. Социально-экономическое положение Республики Таджикистан. //АСПРТ// Статистический сборник 2013-2023 гг. с.211-213
11. https://khovar.tj/2024/04/minta-a-oi-ozodi-i-tisodii-to-ikiston-soli-2023-besh-az-445-million-somon-ma-sulot-iste-sol-namudand/ Минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон соли 2023 ба маблағи беш аз 445 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

УДК 336 (575.3)

Гулмирзоев Р. Н., Зафарзода А.

МАСОИЛИ БАҲСТАЛАБИ ТАКМИЛИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Дар мақола баъзе масъалаҳои такмили сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф бо такя ба адабиёти зарурати таҳқиқи масъаларо мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Асоснок гардидааст, ки такмили сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ яке аз масъалаҳои баҳсталаби илмӣ ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи таҳқиқи васеи мавзӯъ баъзе хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснок тавсия карда шудааст. Гузаштан аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ яке аз ҳадафҳои асоситарини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин замина давра ба давра чораҳои муттаасил ҷиҳати татбиқи он амалӣ гардонида мешавад. Бо мақсади соддагардонии барасмиятдарории гумрукӣ ҷиҳати мусоидат намудан ба интиқоли молу маҳсулот воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти ватанӣ дар ҳамкори бо дигар ташкилоту идораҳо, тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодаанд.

Вожаҳои калидӣ: гумрук, хизматрасониҳои гумрукӣ, иқтисодиёти рақамӣ, барнома, платформа, иқтисодиёт, иқтисоди рақамӣ, расмиёти гумрукӣ, барасмиятдарории гумрукӣ.

Гулмирзоев Р.Н., Зафарзода А.

РЕШЕНИ ВОПРОСЫ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ТАМОЖЕННЫХ УСЛУГ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются некоторые вопросы повышения качества таможенных услуг в условиях цифровой экономики. Автор, опираясь на литературу, определил необходимость

изучения и исследования данного вопроса. Обосновано, что повышение качества таможенных услуг в условиях цифровой экономики считается одним из наиболее дискуссионных научных вопросов. В результате обширного исследования темы были рекомендованы некоторые выводы и научно обоснованные рекомендации. Переход от аграрно-индустриальной экономики к индустриально-аграрной считается одной из важнейших целей Правительства Республики Таджикистан, и в этом контексте поэтапно реализуются последовательные меры по ее реализации. В целях упрощения таможенного оформления и упроҳения перемещения товаров структурные подразделения таможенной службы в пределах своей компетенции совместно с другими организациями и ведомствами принимают необходимые меры по увеличению объемов экспорта отечественной продукции.

Ключевые слова*:* таможня, таможенные услуги, цифровая экономика, программа, платформа, экономика, цифровая экономика, таможенные процедуры, таможенное оформление.

Gulmirzoev R. N., Zafarzoda A.

SOLUTIONS TO THE ISSUES OF IMPROVING THE QUALITY OF CUSTOMS SERVICES IN THE CONTEXT OF THE DIGITAL ECONOMY

The article discusses some issues of improving the quality of customs services in the context of the digital economy. The author, relying on the literature, determined the need to study and research this issue. It is substantiated that improving the quality of customs services in the context of the digital economy is considered one of the most controversial scientific issues. As a result of an extensive study of the topic, some conclusions and scientifically based recommendations were recommended. The transition from an agrarian-industrial economy to an industrial-agrarian economy is considered one of the most important goals of the Government of the Republic of Tajikistan, and in this context, consistent measures for its implementation are being implemented in stages. In order to simplify customs clearance and facilitate the movement of goods and products, structural divisions of the customs service, within their competence, together with other organizations and departments, take the necessary measures to increase the volume of exports of domestic products.

Keywords: customs, customs services, digital economy, program, platform, economy, digital economy, customs procedures, customs clearance

Дар умум масъалаҳои рушди хизматрасониҳои гурукӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт аз ҷониби як қатор муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Аммо баъзе паҳлӯҳои норавшани он дар мисолҳои мушаххас дида баромада нашудааст. Барои ҳамин зарурати таҳқиқи мавзӯъ ва ошкорсозии мушкилоти он дар шароити имрӯза пеш омадааст, ки яке аз масъалаҳои муҳими илми иқтисодиёт мебошад.

31 – уми октябри соли 2008 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидааст.

Дар консепсияи мазкур зарурати такмили хизматраосниҳои гумрукӣ дар мисолҳои мушаххас оварда шудааст:

Дар фаъолияти мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло ҳам проблемаҳои декларатсиякунонии нодурусти мол аз ҷониби иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ мавҷуд аст.

× меъёрҳои байналмилалӣ, ки барои татбиқи технологияҳои тиҷоратию логистикӣ заруранд, ба таври пурра истифода нагардидаанд.

× системаи ахбордиҳии мақомоти гумруки ҷумҳурии тоҷикистон оид ба нархгузорӣ, тахассуси тиҷоратию саноатӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва тамоюли ҷаҳонӣ дар тақсимбандии меҳнат то ҳол инкишоф наёфтааст.

× мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба муомилот баровардани мол назорати онро дар қаламрави гумрукии ҷумҳурии тоҷикистон (назорат дар асоси усулҳои аудит) самаранок иҷро наменамояд.

× таъминоти иттилоотию таҳлилии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти гумруки ҷумҳурии тоҷикистон ба таври нокифоя иҷро карда мешавад.

× сатҳи ҳамкории воҳидҳои фаврии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назораткунанда то ҳол ба талаботи имрӯз ҷавобгӯ намебошад.

× системаи тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳо барои мақомоти гумруки ҷумҳурии тоҷикистон, бахусус мутахассисон дар соҳаи идоракунӣ ва назорат ба таври кифоя ба роҳ монда нашудааст.

× системаи музди меҳнат ва таъминоти иҷтимоии шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудӣ металабад.

× зуҳуроти алоҳидаи коррупсионӣ дар мақомоти гумрук ҳанӯз ҳам ба назар мерасад.

Дар таҳлили чунин бандҳо омадааст, ки мавҷудияти проблемаҳои зикршуда боиси пастшавии самаранокии фаъолияти маъмурияти гумрукӣ, рақобати носолим, воридшавии молҳои пастсифат ба бозори дохилӣ ва дигар зуҳуроти манфӣ мегардад.

Дар шароити кунунӣ бартарафсозии мушкилотро мо дар таҳияи барномавии нави соҳавӣ, ки гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба иқтисодиёти рақамӣ таъмин менамяд, инчунин таҳияи платформаи ягонаи милли бақайдгирии маҳсулоти гумрукӣ ояндадор меҳисобем.

Дар коркардҳои илмии Ашуров М.Н., Давлатов Ф.Х. [1, С. 50 - 57], Гаюрова Р.С., Абдукодирзода Д.К. [2, С. 47 - 52], Джумабаев Х.К. [2, С. 27 - 30], Қараев Ф., Қодирзода Х.С. [4, С. 25 - 28], Мамадбекова Н.А. [5, С. 75 - 89], Маъруфджони С. [6, С. 75 - 89], Мираков У.М., Махмадзода Х. [7, С. 207 - 213], Муминов А.Б., Абдуллоев С.И. [8, С. 22 - 26], Наджмиддинзода А.М., Наджмиддинзода Н.Э. [9, С. 75 - 95], Соибов З.М. [10, С. 159 - 165], Соибов З.М. [11, С. 282 - 292], Тонконог В.В. [12, С. 16 - 23] Шамолов П.А., Меликов У.А. [13, С. 47 - 56] ва дигар муҳаққиқони илми иқтисодиёт мо ба таҳқиқи масъалаҳои дигари баҳсталаби гумрукӣ вомехурем.

Аммо ҳеҷ кадоме ба назари ҷадид зарурати рақамикунонии ба таври мушаххас зарурати рақамикунонии соҳаро мавриди таҳлили васеъ қарор надодаанд. Аз ҳамин хотир таҳқиқи мавзӯъ дар мисоли кишвари мо муҳим ва таҳқиқи масоил ниҳоят зарур мебошад.

Ҳамасола дар Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рақамикунонии соҳа ва татбиқи барномаҳои рақамии ҳушманд дастурҳои судманд ироа карда мешавад. Маълум аст, ки новобаста аз мураккаб будани низоми корбурдии дар мақомоти гумрукӣ Ҳукумати кишвар ба амалишавии барномаҳои рақамӣ диққати махсус медиҳанд.

Масоили дигари низоми мазкурро мо дар мураккаб будани ҷуғрофияи кишвари маҳбубамон мебинем. Дар аксарияти минтақаҳо бинобар сабаби релефи кӯҳӣ будан ҷойгирони иншооти гумрукӣ мураккаб ва сармояи хело калонро талаб менамояд. Ин ва дигар мушкилот ба монанди логистикӣ, ҳамлу нақли бор тариқи воситаҳои нақлиёти гуногун, арзиши гаронро зам менамояд, ки барои таҷдид ва навсозии объектҳои соҳавӣ маблағи калон зарур мебошад.

Аз дигар нуқтаи назар барои идора ва санҷиши сифати маҳсулот зарурати ташкили лабораторияҳои махсусӣ назорати гумрукӣ пеш меояд. Бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта на танҳо ба навсозии объектҳо балки омоданамоии мутахассиони соҳавии баландихтисос алоқаманд мебошад.

Ба назари мо ҳангоми ташкили низомҳои муташаккил ба инобат гирифтани мақсад ва роҳандози намудани алгоритми мувофиқ зарур мебошад.

Дар расми 1 механизми ташкили низомҳои муташаккил дар шароити рақамикунонии низоми гумрукӣ матраҳ карда мешавад.



Расми 1. механизми ташкили низомҳои муташаккил дар шароити рақамикунонии
**** С а р ч а ташаккил аз*** муаллиф

Аз намудор мушоҳида мешавад, ки алгоритми такмили низоми фаъолияти мақомоти гумрук шурӯъ мешавад аз нақшагирӣ, таҳияи барнома, ташкили базаи маълумоти соҳавӣ, такмили маркази масъулият ва омоданамоии мутахассисони соҳавӣ дар мақомоти гумрук.

Таҳияи алгоритми мазкур дар марҳилаи аввали рақамикунонӣ мақомоти гумрук муҳим мебошад. Зинаҳои баъдии он роҳандозии низоми марказонидашудаи соҳавӣ ва навсозии пойгоҳҳои иртиботӣ аст, ки тамоми марказҳоро бо ҳам мутаҳид намуда механизми ягонаи идоракуниро ба вуҷуд меорад.

Самаранокии низом дар чунин бандҳо ишора карда мешавад. Яъне дар сурати амалкард метавонад аҳамияти амалии низоми гумрукӣ чунин бошад.

Дар расми 2 аҳамияти низоми мақомоти гумрукӣ ва самаранокии он пешниҳод карда мешавад



Расми 2. Аҳамияти низоми худкори дар фаъолияти мақомоти гумрукӣ
**** С а р ч а ташаккил аз*** муаллиф

Аз расм аён аст, ки пеш аз ҳама низоми мазкур оддӣ буда дастрасӣ ба он дар заминаи дихоҳ афзори рақамӣ сурат мегирад. Тариқи нармафзори махсуси гумрукӣ метавонад амалиёти ҷоришударо анҷом дод. Чунин тарзи амалкард дар кишварҳои пешрафати олам истифода мегардад. Аз лиҳози фосилаи вақтӣ ва анҷоми амалиёт нисбат ба системаҳои қаблан таҳиягардида мувофиқ мебошад.

Вақтҳои охир ташаккули назорати гумрукӣ, хусусан масъалаи экспертизаи гумрукии молҳо аҳамияти баланди амалиро касб намудаистодааст, ки ҳалли он мавзӯи баҳсбарангези тамоми кормандони соҳа гардидааст.

Дар ин маврид аз ҷониби шахсони масъул пешгирии ҳолатҳои вайрон намудани талаботи қонунгузории мақомоти гумрукӣ, ҳангоми гузаронидани маҳслуоти пастсифат ва сангҳои қимматбаҳо, инчунин осори миллию таърихӣ меистад. Ҳар яки инро ба низоми мушаххас дароварда ва ташхис намудан ниҳоят мураккаб мебошад. Барои бартарафсозии мушкилот ташхиси объектҳо бо ёрии дастгоҳҳои рақамӣ пеш меояд.

Ташхиси гумрукии маҳсулот бидуни истифодаи воситаҳои махсус (масалан, ҳангоми тафтиши мутобиқати маҳсулот ба хусусиятҳои дар декларатсия зикршуда) ва ҳам бо истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ, ки имкон медиҳад, аз чумла, мамлакати истеҳсолкардаи маҳсулот, бехатарии он, мувофиқат ба навъ ва сифати он инчунин дигар хусусиятҳои муқарраргардида амалӣ карда шавад. Барои амалӣ намудани ҳолат ба инобат гирифтани тамоми бандҳои қонунӣ ва дида баромадани варианти мувофиқи гузариш аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ошкорсозии амалҳои зиди қонунҳои амалкунанда ва оғози парванда бидуни ҳуҷҷатҳои расмӣ ногузир мебошад. Ба бандҳои қонунӣ мувофиқат накардани он, инчунин тариқи нармафзорҳо ба танзим даровардани фаъолияти мушкилоти дарҷардида то кунун масоили баҳсталаби илмӣ мебошад. Яъне то чи андоза афзорҳои рақамӣ метавонанд дурустии ҳолатро ошкор ва санадҳои расмиро ба таври худкор омода намоянд.

Барои бартараф намудани мушкилот дар мисолҳои воқеӣ дида баромадани дурусти корӣ низоми рақамикунонидашуда ва ба инобат гирифтани чунин ҳадафҳо мувофиқи мақсад мебошад:

- таҳияи алгоритми рақамикнуонии мақомоти гумрукӣ;
- банақшагирии раванди ташкили система;
- ташкили объектҳои зарурӣ;
- ҷойгиронии иншооти зарурӣ вобаста ба ҷой, миқёс ва гузаронидани амалиёти гумрукӣ;
- зина ба зина таҳия намудани нармафзорӣ зарурӣ бо ҷалби кормандони соҳавӣ ва барномасозон;
- ба инобат гирфтани хароҷотҳои иловагии ташкилии низомҳои муташакил ва зарурати такмили он вобаста ба меъёрҳои рақамикикунонӣ, ки тавонад робитаи мустақими истифодабарандагонро таъмин намояд;
- омода намудани мутахассисони баландихтисоси дар соҳа амалкунанда ва ташкили курсҳои бозомӯзӣ;
- ҷалби коршиносони байналмилалӣ ва андӯхтани таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, инчунин ташкили майдонҳои мубоҳисавӣ бо ҷалби мутахассисони собиқаи корӣ дошта ва ба роҳ мондани таҷрибаомӯзӣ дар хориҷи кишвар;
- дида баромадани масъалаҳои ҷиддии ҷойдошта ва танзими саривақтии афзорҳои истифодамегардида;
- такмили меъёрҳои қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйироту иловаҳо вобаста ба шароити рақамикунонии иқтисодиёт.

Бартарфсозии масъалаҳои ҷойдошта дар марҳилаи аввали ташкили низомҳои рақамии гумрукӣ зарур буда имконият медиҳад, марҳилаҳои баъдии он дуруст анҷом дода шавад. Инчунин дар назди кормандони соҳавӣ як қатор масъалаҳои дигар меистад: дуруст будани санадҳои таҳиягардида, салоҳияти касбии баланд, истифода намудан аз афзорҳои замонавӣ ва монанди инҳо.

Мақомоти гумрук имрӯз бо дарназардошти тавсияҳои Созмонҳои умумиҷаҳонии савдо ва гумрук, инчунин бо инобатгирии таҷрибаи кишварҳои пешрафта, фаъолияти худро дар самти рақамикунии раванди ташкили назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ боз ҳам

ҷонноктар ба роҳ мондааст.

Имрӯз мақомоти гумрук ба электронӣ намудани фаъолият диққати махсусро зоҳир намуда, таъсири мусбии онро ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хуб дарк менамояд.

Бо ин мақсад, аз соли 2014 низоми иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи мақомоти гумрук, аз 1 уми сентябри соли 2020 низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ» бо фарогирии 11 мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва ба таври электронӣ пешниҳод намудани 23 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ мавриди истифода қарор гирифта, марҳилаи нави рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ бо гузариш ба низоми “Асикудаи ҷаҳонӣ” дар давраи санҷишӣ қарор дошта, низомҳои болозикр барои рақамикунонии хизматрасониҳои гумрукӣ ва табдилдиҳии фаъолияти гумрукӣ заминагузор мебошад.

Бо мақсади рақамикунии хизматрасониҳои гумрукӣ ва назорати интиқоли мо дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 “Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо” оғоз аз 1 июли соли 2024 рамзгузории электронии тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои некотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ, дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ, ҳама намуди спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ оғоз гардид.

Раванди мазкур бо дарназардошти талаботи қарори болозикр барои маҳсулоти доруӣ ва маводҳои тиббӣ аз 1 январи соли 2025 оғоз гардид, ки он барои рақамикунонии назорати интиқоли мол, пешгирии интиқоли ғайриқонунии молҳои болозикр ва дарёфти манбаъҳои иловагии пардохтҳои гумрукӣ мусоидат намуда, қадам муассир барои рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Ашуров М.Н., Давлатов Ф.Х. Развитие таможенной инфраструктуры приграничных районов Республики Таджикистан / М.Н. Ашуров, Ф.Х. Давлатов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 11. С. 50-57.

2. Гаюрова Р.С., Абдукодирзода Д.К. Роль таможенной инфраструктуры в улучшении качества таможенного контроля в Республике Таджикистан / Р.С. Гаюрова, Д.К. Абдукодирзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2019. № 3 (28). С. 47-52.

3. Джумабаев Х.К. Роль и значение налоговых льгот в развитии промышленных предприятий / Х.К. Джумабаев // Финансово-экономический вестник. 2018. № 4 (16). С. 27-30.

4. Қараев Ф., Қодирзода Х.С. Фаъолияти низомҳои гумрукӣ дар аҳди давлатдории сомониён / Ф. Қараев, Х.С. Қодирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2019. № 6. С. 25-28.

5. Мамадбекова Н.А. Масъалаи сармоягузорӣ ба фаъолияти гумрукӣ дар шароити нав / Н.А. Мамадбекова // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 4-1 (29). С. 246-252.

6. Маъруфджони С. Роль налогов и налоговой системы в стимулировании инвестиционной деятельности и развитии предпринимательства Республики Таджикистан / С. Маъруфджони // Таджикистан и современный мир. 2018. № 4 (63). С. 75-89.

7. Мираков У.М., Махмадзода Х. Основные меры борьбы с незаконным оборотом наркотиков в таможенных органах Республики Таджикистан / У.М. Мираков, Х. Махмадзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019. № 4-1. С. 207-213.

8. Муминов А.Б., Абдуллоев С.И. Таможенное стимулирование развития международного туризма в Таджикистане / А.Б. Муминов, С.И. Абдуллоев // Вестник Таджикского

национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. № 11. С. 22-26.
9. Наджмиддинзода А.М., Наджмиддинзода Н.Э. Оценка современной политики формирования инновационного потенциала промышленных предприятий Республики Таджикистан / А.М. Наджмиддинзода, Н.Э. Наджмиддинзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2022. № 2. С. 75-95.
10. Соибов З.М. Оид ба принсипи қонуният дар идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ / З.М. Соибов // Идоракунии давлатӣ. 2022. № 1 (55). С. 159-165.
11. Соибов З.М. Татбиқи низоми ҳукумати электронӣ дар раванди идоракунии давлатӣ: дар мисоли идоракунии давлатии фаъолияти гумрукӣ / З.М. Соибов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2020. № 1 (29). С. 282-292.
12. Тонконог В.В. Ротация кадров на государственной гражданской службе: плюсы и минусы / В.В. Тонконог // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. 2018. № 3 (24). С. 16-23.
13. Шамолов П. А., Меликов У. А. К вопросу о правовом регулировании инвестирования в Республике Таджикистан / П.А. Шамолов, У.А. Меликов // Академический юридический журнал. 2014. № 4 (12). С. 47-56.

УДК 657.6

Давлатзода М.Х.

ФОРМИРОВАНИЕ СИСТЕМЫ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА И АУДИТА БЮДЖЕТНЫХ СРЕДСТВ

Статья направлена на решение актуальной проблемы совершенствования учета и аудита бюджетных средств в Республике Таджикистан с целью улучшения финансового управления и обеспечения устойчивого социально-экономического развития страны. Ее актуальность заключается в необходимости разработки действенных решений для повышения прозрачности и эффективности системы бухгалтерского учета и аудита в государственном секторе Республики Таджикистан. Выявляются ключевые проблемы и формулируются рекомендации по совершенствованию существующей системы бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств.

Ключевые слова: бюджетная система, государственные финансы, использование финансовых ресурсов, государственные расходы, казначейская система, внешний аудит, внутренний аудит, мониторинге использования бюджетных средств.

Давлатзода М.Х.

ТАШАККУЛИ НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ВА АУДИТИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

Мақола ба ҳалли мушкилоти мубрами такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили идоракунии молиявӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии мамлакат нигаронида шудааст. Мубрамии он дар зарурати таҳияи тадбирҳои муассир оид ба баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар бахши давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мушкилоти асосии баҳисобгирӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ муайян гардида, оид ба такмили низоми мавҷуда тавсияҳо тартиб дода шудаанд.

Калидвожаҳо: низоми буҷетӣ, молияи давлатӣ, истифодаи захираҳои молиявӣ, харочоти давлатӣ, низоми хазинадорӣ, аудити берунӣ, аудити дохилӣ, мониторинги истифодаи маблағҳои буҷетӣ.

Davlatzoda M.Kh.

FORMATION OF THE SYSTEM OF ACCOUNTING AND AUDIT OF BUDGETARY FUNDS

The article is aimed at solving the urgent problem of improving the accounting and audit of budgetary funds in the Republic of Tajikistan in order to improve financial management and ensure sustainable socio-economic development of the country. Its relevance lies in the need to develop effective solutions to improve the transparency and efficiency of the accounting and audit system in the public sector of the Republic of Tajikistan. Key problems are identified and recommendations are formulated for improving the existing system of accounting and audit of budgetary funds.

Keywords: budget system, public finances, use of financial resources, public expenditure, treasury system, external audit, internal audit, monitoring the use of budgetary funds.

Формирование эффективной системы бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств является важным элементом обеспечения прозрачности, подотчетности и эффективности использования государственных финансов. В условиях глобализации и стремительного развития технологий контроль за использованием бюджетных средств становится ключевым аспектом государственной финансовой политики, а успешное функционирование бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств напрямую влияет на экономическую стабильность страны.

В последние десятилетия Республика Таджикистан сделала значительные шаги в реформировании системы государственного управления, что также затронуло финансовый сектор. Однако, несмотря на достижения в области финансовой отчетности и контроля, система бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств продолжает сталкиваться с рядом проблем, таких как отсутствие полного соответствия международным стандартам, недостаточная автоматизация процессов учета, а также низкий уровень подготовки кадров в этой области. Эти проблемы ограничивают возможности эффективного контроля и учета использования государственных ресурсов, что в свою очередь влияет на развитие национальной экономики и социальную стабильность в стране.

Одной из главных задач является оптимизация методов учета и улучшение механизмов аудита, что позволит сократить риски неэффективного использования бюджетных средств, предотвратить коррупционные проявления и повысить доверие граждан к государственным финансовым институтам. Важно отметить, что система бухгалтерского учета и аудита в Республике Таджикистан должна не только соответствовать внутренним потребностям, но и интегрироваться с международными практиками, что требует тщательной адаптации мировых стандартов к национальным условиям.

В последние годы наблюдается значительный рост интереса и внимания к вопросам совершенствования национальной системы бухгалтерского учета и аудита, что обусловлено необходимостью адаптации к международным правилам и практикам ведения бухгалтерского учета, составления финансовой отчетности и проведения аудита. В рамках решения данных вопросов было проведено несколько ключевых научных исследований, направленных на оптимизацию процессов бухгалтерского учета и аудита, что свидетельствует о прогрессивных тенденциях в развитии национальной научной мысли.

Необходимо отметить, что значительный вклад в развитие теории и практики бухгалтерского учета и аудита в контексте Республики Таджикистана был внесен рядом известных ученых и исследователей, среди которых можно выделить работы Д.А. Давлатзода

[1], М.В. Каллемуллоева [2], М.Б. Каримиён [3; 4], Б.Х. Каримова [5; 6; 7; 8], С.Ф. Низомова [9], К.Х. Хушвахтзода [10] и других. В своих исследованиях эти ученые обосновали необходимость внедрения современных подходов и методов в систему бухгалтерского учета и аудита, а также предложили ряд теоретических и практических решений для повышения качества финансового управления. Эти публикации сыграли важную роль в формировании научных основ бухгалтерского учета и аудита, их адаптации к специфике таджикской экономики.

Тем не менее, несмотря на достигнутые успехи, в области бухгалтерского учета и аудита остаются еще многие нерешенные проблемы, которые требуют дальнейшего исследования и разработки. В частности, одной из наиболее актуальных задач является создание и совершенствование эффективной системы бухгалтерского учета и аудита в сфере государственного бюджета. В условиях изменяющихся экономических реалий, а также в контексте глобальных процессов цифровизации и интеграции международных стандартов, важно провести глубокий анализ существующих проблем и предложить решения, которые позволят повысить эффективность и прозрачность использования средств государственного бюджета в Республике Таджикистан.

Особое внимание следует уделить развитию нормативно-правовой базы в сфере бухгалтерского учета и аудита, которая должна отвечать современным требованиям и стандартам, а также обеспечивать надежные механизмы контроля за расходованием государственных средств. Это требует разработки новых методологических подходов, улучшения кадровой подготовки специалистов в данной области и внедрения инновационных технологий, которые могут значительно улучшить процесс бухгалтерского учета и контроля.

Таким образом, несмотря на значительные усилия, направленные на развитие системы бухгалтерского учета и аудита в Республике Таджикистан, многие проблемы остаются актуальными. В частности, важно преодолеть существующие недостатки в организации аудита государственных расходов, улучшить взаимодействие между различными государственными структурами, а также совершенствовать процесс формирования и исполнения государственного бюджета с учетом мировых практик и международных стандартов. Поэтому дальнейшее исследование и совершенствование системы бухгалтерского учета и аудита в государственном секторе Республики Таджикистан является не только необходимым, но и крайне актуальным направлением научной работы.

Прежде всего, важно отметить, что бухгалтерский учет в государственном секторе имеет ряд существенных отличий от бухгалтерского учета в частном секторе. Эти различия следует рассматривать с трех ключевых позиций: принципы учета в государственном секторе, особенности его ведения и методы учета, а также классификация расходов.

В государственном секторе бухгалтерский учет направлен на обеспечение прозрачности, подотчетности и эффективного управления государственными финансами. При этом, основными целями учета являются: обеспечение доступа к информации о расходах и доходах государственных учреждений, что важно для общественного контроля (прозрачность); обеспечение правильного использования бюджетных средств и других государственных ресурсов (подотчетность); мониторинг эффективности использования финансовых ресурсов и достижение заявленных целей в рамках государственных программ (эффективность).

В отличие от частного сектора, где учет ориентирован на прибыль, в государственном секторе учет ориентирован на соблюдение бюджетных ограничений, эффективное использование публичных средств и достижение социальных целей. Также необходимо уметь ввиду, что что финансовая отчетность основывается на нормативных актах и бюджетной политике.

В государственном секторе широко используются кассовый метод и метод начисления. Кассовый метод предполагает учет фактических поступлений и выплат, тогда как метод начислений отражает обязательства и доходы в момент их возникновения, независимо от фактического получения или выплаты средств. Расходы классифицируются по различным

категориям в зависимости от их назначения (например, капитальные расходы, текущие расходы на социальные программы).

Существует несколько систем учета, используемых в государственном секторе, включая: государственную казначейскую систему, систему государственного учета по модульной системе, а также бухгалтерский учет на основе программы по государственным финансам.

В системе государственного казначейства управление финансовыми потоками осуществляется централизовано через казначейства, что позволяет обеспечивать мониторинг за движением государственных средств, их распределением и использованием. Главной целью этой системы является соблюдение бюджетной дисциплины и предотвращение перерасхода. В некоторых странах используется модульная система, при которой учет ведется в нескольких модулях (кассовые операции, налоги, расходы, кредитование и т.д.), что позволяет комплексно подходить к управлению бюджетом. Учет на основе программы по государственным финансам представляет собой интегрированное решение для управления государственными финансами, которое позволяет отслеживать расходы, доходы и обязательства в реальном времени. Он направлена на улучшение управления публичными средствами, повышение прозрачности и подотчетности в финансовых операциях.

Международные стандарты финансовой отчетности в государственном секторе (МСФОГС), известные также как IPSAS (International Public Sector Accounting Standards - Международные стандарты учета в государственном секторе), были разработаны с целью гармонизации бухгалтерского учета в государственном секторе и обеспечения сопоставимости финансовых отчетов между различными странами. Эти стандарты отражают мировые практики учета в публичной сфере и служат основой для повышения качества и прозрачности отчетности. Многие страны начали внедрять IPSAS с целью улучшения финансового управления и отчетности. Это внедрение помогает государствам добиться лучшего контроля за своими расходами и активами, а также способствует сокращению финансовых нарушений. Для того чтобы правильно применять эти стандарты, важно обеспечить наличие системы, которая будет учитывать не только деньги, но и различные формы обязательств, таких как долговые обязательства и контракты.

Таким образом, в государственном секторе бухгалтерский учет играет важную роль в обеспечении эффективного управления публичными средствами. Применение международных стандартов, таких как МСФОГС, позволяет улучшить прозрачность, подотчетность и финансовую стабильность. Государственные структуры, применяя такие стандарты и системы учета, могут не только повысить доверие общественности, но и создать основу для устойчивого развития экономики.

Аудит в государственном секторе – это, независимая и объективная оценка финансовых и операционных процессов государственных органов, направленная на обеспечение достоверности финансовой отчетности, соблюдения законодательства и эффективного использования бюджетных средств. Аудит играет важную роль в мониторинге государственных финансов, повышении прозрачности и ответственности, а также в предотвращении коррупции и нецелевого расходования средств.

Аудит в государственном секторе служит важным инструментом контроля за тем, как эффективно используются бюджетные средства. Аудиторы оценивают, соответствует ли использование финансовых ресурсов заранее установленным целям и задачам. Это особенно важно в контексте государственных программ, когда необходимо обеспечить максимальную отдачу от вложений. Аудит повышает уровень подотчетности государственных органов перед гражданами и законодателями, обеспечивая открытую и понятную отчетность по расходованию бюджетных средств. Это способствует укреплению доверия населения к действиям власти и помогает избегать коррупционных проявлений.

Аудит в государственном секторе оценивает, насколько точно и в срок выполняются требования законодательства и бюджетной политики, а также проверяет соответствие государственных расходов нормативно-правовым актам. Это важно для предотвращения

юридических и финансовых нарушений, а также для соблюдения принципов законности и справедливости в использовании государственных средств. Аудит помогает выявить слабые места в финансовом управлении и предложить способы улучшения. Например, может быть рекомендовано изменение методов учета, улучшение процесса планирования бюджета или оптимизация государственных расходов для повышения их результативности.

В государственном секторе аудит делится на два типа: **внутренний** и **внешний**. Оба типа аудита выполняют ключевую роль в управлении финансовыми потоками, однако их функции и задачи отличаются. Внутренний и внешний аудит, действуя в рамках строгих правовых и институциональных норм, помогают поддерживать высокий уровень финансовой дисциплины и способствуют улучшению управления государственными ресурсами.

Внутренний аудит в государственных учреждениях проводится непосредственно в рамках организаций и его основная цель - оперативный контроль за деятельностью органов исполнительной власти, проверка исполнения бюджетных программ и оценка внутренних процедур, включая управление рисками, соблюдение норм и эффективность работы. Внутренние аудиторы занимаются мониторингом и анализом процессов, выявляют возможные нарушения и предлагают корректирующие меры. Это позволяет своевременно реагировать на проблемы и улучшать управление на уровне конкретных государственных органов.

Внешний аудит проводится независимыми органами (например, государственной аудиторской службой или специализированными аудиторскими организациями), которые оценивают деятельность государственных органов с внешней точки зрения. Задача внешнего аудита - обеспечить объективную оценку и контроль над тем, как расходуются бюджетные средства и соблюдаются ли установленные процедуры и нормы. Внешний аудит также играет важную роль в обеспечении открытости и подотчетности перед обществом и законодателями.

Правовые и институциональные механизмы, регулирующие деятельность аудита, создают основу для эффективного контроля за государственными расходами, что способствует стабильному и устойчивому развитию финансовой системы. Система аудита в государственном секторе регулируется рядом законов и нормативных актов, включая: Закон Республики Таджикистан «О государственном финансовом контроле в Республике Таджикистан», Закон Республики Таджикистан «О счетной палате Республики Таджикистан», Закон Республики Таджикистан «О финансовом управлении и внутреннем контроле в государственном секторе».

Высшим органом внешнего государственного аудита является Счетная палата Республики Таджикистан. Она проводит проверки деятельности государственных органов и учреждений, оценку соблюдения бюджетной дисциплины и целевого использования бюджетных средств, и предоставляет отчетность в парламент и другим заинтересованным сторонам, что способствует повышению подотчетности.

Важную роль в реализации аудиторской деятельности играют органы государственного управления, такие как Министерство финансов Республики Таджикистан, а также специализированные структуры, которые обеспечивают методическое руководство и координацию аудиторской работы. Взаимодействие между государственными органами и независимыми аудиторами способствует улучшению качества финансового управления и более эффективному использованию бюджетных средств. Аудит также служит важным инструментом для обеспечения соблюдения бюджетной дисциплины в стране, помогая выявить и устранить случаи перерасхода бюджета, нецелевого использования государственных средств или нарушения законодательства. Это повышает доверие граждан к государственным органам и способствует устойчивому развитию финансовой системы.

Несмотря на наличие нормативных актов и институтов, регулирующих аудиторскую деятельность и контроль за государственными расходами в Республике Таджикистан, существуют определенные пробелы и проблемы в нормативной базе, которые могут ограничивать эффективность контроля (таблица 1).

Проблемы	Расшифровка проблемы
Недостаточная координация между различными аудиторскими органами	Существует несколько организаций, которые осуществляют аудит и контроль за государственными расходами (например, Счетная палата Республики Таджикистан, внутренние аудиторские службы в государственных органах и другие). Однако между этими органами может наблюдаться недостаточная координация, что приводит к дублированию усилий, недостаточной прозрачности в отчетности и затруднениям в интеграции информации, полученной разными контролирующими органами.
Невозможность полной независимости внешних аудиторских органов	Несмотря на наличие законодательных актов, которые регулируют работу внешних аудиторов, в некоторых случаях независимость счетной палаты и других внешних аудиторских органов может быть ограничена. Это может происходить, например, в случае недостаточной финансовой и организационной независимости.
Нехватка единых стандартов отчетности	Внедрение и использование МСФОГС в полной мере в Республике Таджикистан еще не завершено. Некоторые государственные учреждения могут продолжать использовать устаревшие формы отчетности или не полностью соответствовать международным стандартам. Это может препятствовать корректному и сопоставимому представлению данных о расходах, что затрудняет их контроль и анализ.
Отсутствие эффективных механизмов обратной связи и ответственности	В некоторых случаях результаты аудиторских проверок не приводят к адекватным действиям по исправлению нарушений. Например, может отсутствовать система ответственности государственных органов за выявленные нарушения, или же последствия недостаточны для предотвращения повторных нарушений. Это может происходить, например, из-за слабых правовых механизмов.
Ограниченный доступ общественности и СМИ к аудиторским отчетам	Несмотря на то, что счетная палата и другие контролирующие органы обязаны публиковать результаты своих проверок, в реальности общественность не всегда имеет полноценный доступ к этим данным. В некоторых случаях отчеты могут быть опубликованы в неудобочитаемом виде или без достаточной детализации, что затрудняет проведение независимого анализа и ограничивает возможности для общественного контроля.
Неадекватная квалификация и ресурсы для проведения эффективного аудита	В некоторых случаях для эффективного контроля за государственными расходами не хватает квалифицированных специалистов, современных инструментов для проведения комплексных проверок или достаточного финансирования аудиторских органов. Это может привести к поверхностным проверкам и пропуску важных нарушений в расходах.
Невозможность полного охвата всех государственных расходов	В ряде случаев аудит может не охватывать все области государственного сектора, что особенно актуально для частных компаний, участвующих в реализации государственных программ. Это может происходить из-за отсутствия четкой нормативной базы для включения всех участников в процесс контроля, а также из-за недостатка полномочий у аудиторских органов для проведения проверок в таких структурах.
Невозможность эффективного контроля за	Во многих случаях местные органы власти и местные бюджетные учреждения могут сталкиваться с трудностями в ведении отчетности и отсутствии полноценных механизмов контроля. Это затрудняет

использованием средств на местном уровне	центральный контроль за использованием средств на местах, а также может привести к коррупционным проявлениям и нецелевому расходованию средств.

Таким образом, для повышения эффективности контроля за государственными расходами в Республике Таджикистан необходимо преодолеть ряд нормативных и институциональных проблем. В частности, это улучшение координации между контролирующими органами, повышение независимости аудита, внедрение международных стандартов отчетности, усиление общественного контроля и ответственность государственных органов за результаты аудита. Важно также инвестировать в развитие квалификации аудиторов и внедрение новых технологий для более качественного и прозрачного контроля.

В Республике Таджикистан система бухгалтерского учета и аудита в государственном секторе направлена на обеспечение финансовой прозрачности, подотчетности и эффективного использования бюджетных средств. Система охватывает как центральные, так и местные органы власти и включает несколько уровней контроля и ответственности. Рассмотрим основные аспекты бухгалтерского учета и аудита, а также механизмы финансового контроля: учет государственных доходов и расходов, ответственные органы за аудит бюджетных средств и механизмы контроля.

Учет государственных доходов в Республике Таджикистан ведется на основе нормативно-правовых актов, регулирующих налоговую и бюджетную политику. Основные источники доходов включают налоги, сборы, таможенные пошлины, а также трансферты и кредиты. Учет поступлений осуществляется через Министерство финансов Республики Таджикистан и Налоговый комитет при Правительстве Республики Таджикистан. Расходы государственного бюджета включают как текущие расходы (например, на оплату труда, социальные выплаты, субсидии), так и капитальные расходы (например, на инфраструктурные проекты). Учет расходов осуществляется Министерством финансов через государственную казначейскую систему. Каждое министерство и ведомство формирует свои бюджеты, которые затем утверждаются парламентом. После утверждения осуществляется централизованный мониторинг расходования средств через казначейскую систему.

Счетная палата отвечает за проверку исполнения государственного бюджета и эффективного использования бюджетных средств. Она проводит аудиторские проверки финансовых отчетов государственных органов, анализирует соответствие расходования бюджетных средств законодательству и международным стандартам. Результаты аудиторских проверок Счетная палата представляет в Президенту Республики Таджикистан и парламенту.

Внутренний аудит осуществляется в рамках Министерства финансов Республики Таджикистан, которое имеет подразделения, занимающиеся контролем за расходами внутри самого министерства и других государственных структур. Также осуществляется внутренний контроль за выполнением бюджета и финансовой отчетности.

Важную роль в мониторинге использования бюджетных средств играет казначейская система. Она регулирует и мониторинг всех операций с государственными финансами, позволяет отслеживать все финансовые потоки, начиная от поступлений в бюджет до расходования средств.

Существует система внутреннего аудита в каждом министерстве и ведомстве, которая обеспечивает соблюдение бюджетной дисциплины и финансовую прозрачность. Функционирует также механизм общественного контроля, когда результаты аудиторских проверок публикуются в открытом доступе, и граждане могут быть привлечены к процессу мониторинга. Реализованы онлайн-платформы и базы данных, на которых публикуются отчеты о расходах и доходах государственного бюджета, что способствует увеличению прозрачности и подотчетности.

В ходе исследования мы пришли к выводу, что система бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств в Республике Таджикистан сталкивается с рядом серьезных проблем и вызовов, которые ограничивают ее эффективность. Среди наиболее значимых проблем можно выделить следующие:

1. **Коррупция и неэффективное использование средств.** Коррупция является одной из главных угроз, подрывающих доверие к государственному сектору и системе управления бюджетом. Несмотря на существование механизмов контроля, таких как внешние и внутренние аудиты, существует риск нецелевого расходования бюджетных средств, часто связанного с коррупционными практиками. Это может проявляться в виде завышенных цен на товары и услуги, фальсификации отчетности или же предоставления государственных контрактов на непрозрачных условиях. Такие действия ведут к значительным финансовым потерям для государства и снижают эффективность программ, направленных на развитие инфраструктуры, здравоохранения, образования и других важных сфер. Например, возможно, в некоторых случаях бюджетные средства выделяются на проекты, которые не осуществляются должным образом или не приносят ожидаемых результатов, в связи с чем расходы не оправдывают себя.

2. **Нехватка квалифицированных кадров.** Второй важной проблемой является нехватка высококвалифицированных специалистов в области бухгалтерского учета и аудита в государственном секторе. Для эффективного контроля за расходами государственного бюджета необходимы профессионалы, которые обладают знаниями в области международных стандартов бухгалтерского учета, аудита и финансового контроля. Однако в Республике Таджикистан существует дефицит таких кадров, что связано с недостаточной подготовкой специалистов в этой области, а также с низким уровнем оплаты труда и отсутствием стимулов для профессионального роста. Недостаток квалифицированных кадров также ограничивает способность аудиторских органов эффективно выполнять свои функции, что ведет к снижению качества проверок, увеличению числа ошибок в отчетности и ухудшению качества финансового контроля. Это также связано с недостаточной подготовкой государственных служащих, что способствует возникновению неэффективных или даже ошибочных решений в области расходования бюджетных средств. Например, без соответствующих знаний и опыта аудиторы могут упустить важные финансовые нарушения или не заметить признаки коррупционных действий, что снижает уровень доверия к системе управления финансами.

Для решения этих проблем необходимо усилить меры по борьбе с коррупцией, улучшить систему внутреннего контроля, а также инвестировать в подготовку и повышение квалификации кадров. Это требует не только улучшения образовательных программ в сфере бухгалтерского учета и аудита, но и создания стимулов для профессионального роста и повышения уровня заработной платы в этой области. Только комплексный подход к решению этих проблем позволит значительно повысить эффективность системы бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств в Республике Таджикистан.

В целях совершенствования системы бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств в Республике Таджикистан нами разработаны следующие рекомендации:

1. **Укрепление независимости аудиторских органов.** Необходимо усилить независимость внешних органов аудита, чтобы они могли проводить свои проверки без вмешательства. Важно обеспечить юридическую и финансовую независимость этих органов, что позволит им более эффективно и беспристрастно выполнять свои функции.

2. **Повышение квалификации кадров.** Важно организовать регулярное повышение квалификации сотрудников органов бухгалтерского учета и аудита, а также привлечь специалистов с международным опытом. Это можно достичь через организацию курсов, тренингов и сотрудничество с международными аудиторами и консультантами, что позволит внедрять современные методы и стандарты учета и аудита. Также следует создать условия для профессионального роста, включая возможность получения международных сертификатов и повышения квалификации в области МСФОГС.

3. **Внедрение международных стандартов бухгалтерского учета, финансовой отчетности и аудита.** Для повышения прозрачности и эффективности учета и аудита в государственном секторе следует продолжить внедрение международных стандартов, таких как МСФОГС. Это обеспечит соответствие национальной практики международным требованиям, повысит качество финансовых отчетов и позволит улучшить контроль за расходами государственного бюджета.

4. **Усиление общественного контроля и прозрачности.** Для повышения подотчетности необходимо создать механизмы открытого доступа к результатам аудиторских проверок, а также для отчетности о расходах государственного бюджета. Рекомендуется создать платформы для публикации отчетности в онлайн-формате, что обеспечит доступ к информации для граждан, СМИ и других заинтересованных сторон. Привлечение общественных организаций и активных граждан к процессу мониторинга и контроля за расходами повысит уровень общественного контроля и укрепит доверие населения к государственным органам.

5. **Укрепление координации между контролирующими органами.** Для повышения эффективности аудиторской деятельности и устранения дублирования усилий необходимо улучшить координацию между внутренними и внешними органами контроля. Создание единой базы данных и регулярное обмен информацией позволит улучшить контроль за государственными расходами и предотвратить финансовые нарушения.

6. **Разработка системы оценки эффективности бюджетных расходов.** Необходимо внедрить систему оценки эффективности государственных расходов, которая позволит не только контролировать факт расходования средств, но и оценивать их целесообразность и результативность. Внедрение индикаторов эффективности для различных бюджетных программ обеспечит более прозрачное и обоснованное использование финансовых ресурсов.

7. **Обновление и модернизация информационных систем учета.** Для повышения оперативности и точности учета государственных доходов и расходов следует внедрить современные информационные системы. Это поможет автоматизировать процессы учета, повысить прозрачность и снизить риски ошибок и манипуляций с данными. Модернизация казначейской системы и систем внутреннего учета обеспечит более эффективное управление финансовыми потоками.

8. **Проведение регулярных внешних и независимых аудиторских проверок.** Важно организовать независимые и регулярные проверки выполнения бюджета и целевого расходования средств, привлекая международные аудиторские компании для проведения внешних проверок. Это поможет повысить доверие к системе и обеспечить беспристрастную оценку финансовой деятельности государственных органов.

9. **Интеграция лучших практик в области антикоррупционной деятельности.** Для борьбы с коррупцией в сфере государственных расходов следует усилить контроль за использованием бюджетных средств на всех уровнях. Важно интегрировать международные антикоррупционные практики в бухгалтерский учет и аудит, включая улучшение системы оценки рисков, разработки антикоррупционных стандартов и проведение регулярных проверок на предмет коррупционных действий.

Внедрение предложенных рекомендаций позволит значительно повысить эффективность системы бухгалтерского учета и аудита бюджетных средств в Республике Таджикистан. Это будет способствовать улучшению управления государственными финансами, повышению прозрачности и подотчетности государственных органов, а также снижению коррупционных рисков.

ЛИТЕРАТУРА

1. Давлатзода Д.А. Бюджетные средства как область применения аудита эффективности в Таджикистане / Д. А. Давлатзода // Экономика и предпринимательство. – 2021. – № 9 (134). – С. 488-493

2. Калемуллоев М.В., Кодирзода Ф.Д. Институциональные основы оптимизации организационной структуры Счетной палаты Республики Таджикистан в условиях рынка / М.В. Калемуллоев, Ф.Д. Кодирзода // Государство и бизнес в современной экономике: Материалы V Международной научно-практической конференции, Воронеж, 22 февраля 2024 года. – Воронеж: Издательско-полиграфический центр «Научная книга», 2024. - С. 48-52
3. Каримиён М.Б. Хусусиятҳои воситаҳои асосӣ ва тартиби баҳисобгирии онҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ / М.Б. Каримиён // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - № 3 (37). – С. 108-114
4. Каримиён М.Б. Шароити корбурди стандартҳои байналмилалӣ дар баҳисобгирии идоракунии воситаҳои асосӣ / М.Б. Каримиён // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - № 4/1 (58). – С. 160-170
5. Каримов Б.Х. Влияние процессов глобализации и цифровизации на национальную систему бухгалтерского учета / Б.Х. Каримов // ЭКОНОМИКА, БИЗНЕС, ИННОВАЦИИ: сборник статей XXII Международной научно-практической конференции, Пенза, 15 апреля 2023 года. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение» (ИП Гуляев Г.Ю.), 2023. – С. 51-54
6. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б. Формирование системы бухгалтерского учета и организация бухгалтерской работы в экономических субъектах / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - 2024. - № 3 (53). – С. 150-156
7. Каримов Б.Ҳ. Равишҳои методологии бунёдшавии низомҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ / Б.Ҳ. Каримов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 2 (41). - С. 15-21
8. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Ҳ. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). - С. 23-34
9. Низомов С.Ф., Юсупов У.С. Алоқамандии низоми назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ / С.Ф. Низомов, У.С. Юсупов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2023. - № 4-2 (55). – С. 133-140
10. Хушвахтзода К.Х., Абдурахмонова М.З. Методологические аспекты аудита операций по социальному страхованию и пенсиям в условиях цифровой экономики Таджикистана / К.Х. Хушвахтзода, М.З. Абдурахмонова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. - № 1. – С. 5-11

УДК 332.1

Исмоилова Д.М.

МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВӢ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ МИНТАҚА

Раванди тақсиму бозтақсими арзиши маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ механизми молиявиест, ки соҳаҳои мустақилу ҷудогонаи муносибатҳои молиявиро дарбар мегирад. Ин соҳаҳо ба субъектҳои хоҷагидор, коргарони кироя, давлатӣ, мақомоти худидории маҳаллӣ имкон медиҳанд, ки захираҳои молиявии худиро ташаккул диҳанд. Дар мақолаи мазкур моҳияти механизми молиявии амалӣ гардонидани муттаҳидгардонии захираҳои фондҳои гуногуни молиявӣ ва таъмини тақсим ва истифодаи самараноки онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои тараққиёти мутавозини минтақавӣ таҳқиқ гардид.

Калидвожаҳо: рушди устувор, минтақа, стратегияи рушди устувори минтақа, механизми молиявӣ, фондҳои захираҳои молиявӣ.

Исмоилова Д.М.

ФИНАНСОВЫЙ МЕХАНИЗМ И ЕГО РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

Процесс распределения и перераспределения стоимости совокупного общественого продукта представляет собой финансовый механизм, который включает в себя обособленные сферы финансовых отношений, позволяющие формировать собственные финансовые ресурсы у хозяйствующих субъектов, наёмных работников, государства и органов местного управления. В данной статье исследована сущность финансового механизма реализации объединения ресурсов различных финансовых фондов и обеспечения их эффективного распределения и использования для достижения целей сбалансированного территориального развития.

Ключевые слова: устойчивое развитие, регион, стратегия устойчивого развития региона, финансовый механизм, фонды финансовых ресурсов.

Ismoilova D.M.

THE FINANCIAL MECHANISM AND ITS ROLE IN ENSURING THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGION

Financial mechanism is the process of distributing and redistributing the value of the total social product that includes separate areas of financial relations that allow economic entities, employees, the state and local governments to form their own financial resources. In this article the author considers the essence of the financial mechanism of realization of integration of various financial funds resources, ensuring their effective distribution and usage to achieve the goals of balanced territorial development.

Keywords: sustainable development, region, strategy of sustainable development of the region, financial mechanism, funds of financial resources.

Барои тамоми давлатҳо пойгоҳи асосии таъмини рушди устувор ин рушд додани минтақаҳои он мебошад. Ҳолати молиявии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҳрезии дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешниҳод гардида, босуръат афзоишёбанда ва ба таъсири омилҳои беруна устувор бояд бошад [1]. Аз ин лиҳоз ба мо зарур аст, ки барои густариши ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши молиявии минтақаҳо механизми мукаммали аммалигардонии ин ҳадафҳоро кор карда бароем ва рушди устувори таъминоти молиявии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳким диҳем.

Рушди устувори иқтисодиёт ин чунин тағйирёбии вазъи иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки афзоиши маҳсулоти миллӣ ва сифати онро дар баробари пешгирии сарвиқтии оқибатҳои манфӣ инъикос менамояд мебошад. Ҳадафи пешбари консепсияи рушди устувор таъмини сатҳи баланди зиндагии мардуми кишвар буда, рушди мутаносиби соҳаҳои экологӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар назар дорад. Ҳадафи консептуалии рушди устувор ин ноил шудан ба мувозинати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ, баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, ҳолати муҳити табиӣ дар асоси иттилоотикунонӣ ва ҳамзамон таъмини самаранокии иҷтимоӣ дар асоси азнавсозии сохторӣ ва технологии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт дар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар умум ва дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар шароити муосир аҳамияти хосса пайдо намуда, ба таъмини рушди мутаносиби иқтисодиёт, ҷомеа ва табиати минтақа нигаронида шудааст, ки ба татбиқи тадбирҳои маҷмӯии ҳалли масъалаҳое мусоидат мекунанд, ки ба тамоми соҳаҳои хаёти аҳолӣ таъсир мерасонад.

Дар сохтори идоракунии минтақаҳо муайян намудани дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа механизми муҳим маҳсуб мегардад, ки татбиқи он мувозинатии фаъолият ва дар натиҷа рушди босамари минтақаро дар оянда кафолат медиҳад. Вобаста ба ин дурнамои муайянгардида механизмҳои муассир барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда ва ба воқеият татбиқ намудани вазифаҳои гузошташуда вуҷуд бояд дошта бошанд.

Дар стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти идораи маҳаллӣ қайд гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои салоҳияти ба онҳо вогузошта ҷиҳати амалӣ намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ дошта захираҳои зарурӣ надорад, ё боз дар қисми дигари стратегия, ки ба бахши молиявӣ бахшида мешавад қайд мегардад, ки бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории миллӣ пурра ташаккул наёфтааст [1]. Муносибатҳои тақсимӣ ва бозтақсимӣ асоси моҳиятии муносибатҳои молиявиро тавсиф мекунанд. Вале танҳо чизи офарида ё офаридашавандаро тақсим ё бозтақсим кардан мумкин аст. Мутаносибан дар низоми муносибатҳои молиявӣ масоили сафарбарӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ дар шароити маҳдуд будани ин захираҳо аҳамияти якумдараҷа касб мекунанд. Тарзҳо ва усулҳои ҳалли ин масъалаи муҳимтарин дар низоми молияҳои давлатию байнидавлатӣ, ташкилотҳои молиявӣ, молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ хусусиятҳои муҳимми худро доранд, ки зарурати таҳқиқу тадқиқи мустақилонаи онҳоро муайян мекунад. Хулоса, молия ҳодисаи мураккабу серпаҳлӯ буда, ҳамзамон на танҳо категорияи иқтисодӣ, балки таърихӣ, моддӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ низ мебошад.

Молия чун категорияи иқтисодӣ – ин мафҳуми аз ҳама умумиест, ки робитаҳои пойдори мутақобилаи дохилию берунии байни субъектҳо ва объектҳои муносибатҳои молиявиро инъикос мекунад. Муносибатҳои мазкур вобаста аз тағйир ёфтани тасаввурот дар бораи моликият ва вазифаҳои давлат, субъектҳои иқтисодӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ, иттиҳодияҳои оммавию ҳуқуқӣ метавонанд тағйир ёбанд ва тағйир меёбанд. Дар замони муосир молия ин низоми танзим шудаи муносибатҳои тақсимотӣ мебошад, ки бо ташаккулу истифодаи захираҳои молиявӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои оммавию ҳуқуқӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ, яъне субъектҳои гуногуни муносибатҳои молиявӣ барои ноил гардидани онҳо ба мақсадҳои муайян, ҳалли ин ё он масоил иртибот дорад.

Чун категорияи таърихӣ молия баробари тараққии ҷамъият тавассути муносибатҳои худ миқдори зиёди субъектҳоро муттаҳид месозад, ин муносибатҳо ба самти тағйир ёфтани характери танзим ва истифодаи торафт бештари дастгоҳи васеи воситаҳои идораи захираҳои молиявии субъектҳои дахлдорро дар назар дорад. Чун категорияи моддӣ молия ҳосили ҷамъи сарватҳои мушаххас ва неъматҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар ихтиёри субъектҳои мухталифи муносибатҳои молиявӣ қарор дорад. Чун категорияи меъёрию ҳуқуқӣ молия аз муқаррароти муайяне иборат аст, ки байни симоҳои ҳуқуқию воқеӣ, мақомоти ҳукумати давлатию маҳаллӣ дар рафти аз ҷониби онҳо ташаккул додану истифода бурдани захираҳои молиявӣ ўҳдадориҳои мушаххаси молиявиро ба вуҷуд меорад.

Моҳияти иҷтимоию иқтисодии молияро метавон ҳангоми ҷавоб гуфтан ба ду суоли асосӣ кушода дод:

1) Ин ё он субъекти хоҷагидор, шаҳрванд, мақоми ҳукумати давлатӣ ё маҳаллӣ захираҳои молиявии худро аз ҳисоби кӣ ё чӣ ташаккул медиҳад?

2) Ин захираҳо чи тавр ва ба манфиати кӣ мавриди истифода қарор мегиранд?

Дар адабиёти иқтисодӣ молия ҳамчунин ба сифати соҳаи тадқиқоти илмӣ низ баррасӣ мешавад. Дар давоми ду садсолаи охир тасаввурот дар бораи молия чун илм низ дучори тағйироти муайян гардид. Ин на танҳо ба соҳаи молияи оммавӣ, балки ба молияи ташкилот, молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва молияи байналхалқӣ низ дахл дорад.

Раванди бозтақсими захираҳои молиявӣ байни субъектҳои гуногуни низоми молиявӣ ва дохили онҳо ҳамеша ба ноил гардидан ба мақсадҳои муайян нигаронида шудааст, бино бар ин он ба таври стихиявӣ амалӣ гардонида шуда наметавонад ва мутаносибан ташкили ягон низоми идораро тақозо мекунад. Дар таъмини молиявии рушди устувори минтақа ба кор

даровардани механизми назорати молиявӣ аҳамияти калон дорад. Аз нуқтаи назари амалия назорати молиявӣ маҷмӯи тадбирҳо оид ба ташкили риояи қонунгузории молиявӣ ва интизоми молиявии ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ ва идора, ҳамчунин арзёбии самарабахшии молиявӣ ва мақсаднокии хароҷоти мавҷуда мебошад.

Бо суханони дигар, назорати молиявӣ на танҳо арзёбии дурустию саҳеҳии ин ё он амалиёти молиявиро дар бар мегирад, балки ҷанбаи таҳлилӣ низ дорад. Назорати молиявӣ мисли тамоми категорияҳои дигари молиявӣ баробари таҳаввули муносибатҳои молиявӣ тағйири шакл кардааст. Таърихан он дар шакли назорати давлатӣ ба харҷи маблағҳои хазинаи давлат ба миён омадааст. Васеъ шудани соҳаи муносибатҳои молиявӣ, амиқ гардидани робитаҳои мутақобилаи молиявии байни субъектҳои хоҷагидорӣ, пайдоишу рушди бозорҳои молиявӣ, такмили шаклҳои ташкили бизнес тақозо мекарданд, ки назорати молиявӣ низ тағйир ёфта, шаклу усулҳои муносиби ташкили назоратро ба миён орад. Идораи давлатии бевоситаи молия танҳо нисбат ба молияи давлатӣ сурат мегирад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли тамоми мамлакатҳои аз лиҳози иқтисодӣ мутараққӣ идораи молияи давлатиро қонунгузорони молиявӣ тавассути мақомоти олии қонунгузорӣ танзим мекунанд. Ин мулоҳиза ба тасдиқи буҷаи давлатӣ ва ҳисобот дар бораи иҷроиши он, ҷорӣ намудан ё бекор кардани намудҳои алоҳидаи андоз, тасдиқи ҳаҷми интиҳоии қарзи давлат ва ғайра нисбат дорад.

Барои таъмини самаранокии механизми молиявӣ нақшагирии молиявӣ аҳамитяи калон дорад. Таҳти мафҳуми нақшагирӣ раванди таҳия ва қабули муқаррароти дорои характери миқдорию сифатӣ ва муайян кардани роҳҳои аз ҳама самарабахши ноилшавӣ ба онҳоро мефаҳманд. Нақшагирии молиявӣ дар низоми нақшагирии хоҷагии халқ марҳилаи хотимавӣ ба шумор меравад. Маҳдудияти нисбии қисмҳои алоҳидаи низоми молиявӣ таҳияи нақшаҳои комплексии молиявиро барои ҳар як соҳа, ҳар як субъекти низоми молиявӣ пешбинӣ мекунад. Объектҳои асосии нақшагирии молиявӣ захираҳои молиявӣ мебошанд, ки байни субъектҳои алоҳидаи низоми молиявӣ бозтақсим мешаванд. Ҳаракати захираҳои молиявӣ дар нақшаҳои дахлдор таҳким мешавад, ки онҳо низоми ягонаи нақшагирии молиявиро ташкил мекунанд. Ҷои марказиро дар низоми нақшаҳои молиявӣ буҷаҳо ишғол мекунанд. Дар буҷаҳо ифодаи миқдории шакли ташаккул ва харҷи фондҳои воситаҳои пулӣ, ки барои таъмини молиявии вазифаҳои давлат ва худидораи маҳаллӣ пешбинӣ шудаанд, инъикос меёбанд.

Нақшагирии дурнамоии молиявӣ дар минтақаҳо ба мақсади таъмини ҳамоҳангсозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсати молиявӣ, ҳамчунин ояндабинии комплексии оқибатҳои молиявии ислоҳоти мавриди назар, барномаҳо, қонун, пайгирии тамоюлҳои дарозмуддати манфӣ ва саривақт андешидани тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардонида мешавад. Чунин нақшагирӣ алоқаи байни мақсадҳои сиёсӣ, идорӣ ва иқтисодии мамлакатро, ки дорои характери дарозмуддат аст, таъмин мекунад. Дар доираи нақшагирии солонаи молиявӣ муқаррар намудани ин робитаҳо амалан номумкин аст. Таҳия ва татбиқи нақшаи ояндабинии молиявӣ яъне миёнамуддат танҳо дар асоси муносибати низомӣ ба ташаккули мақсадҳои сиёсати давлатӣ ва таҳлили омилҳои рушди он имконпазир аст. Дар сурати набудани нишонаҳои аниқ тасвияшуда ва аз лиҳози миқдорӣ андозашавандаи комплексӣ масоили сершумори ҳаллашон мушкил ба миён меоянд, ки бо таъмини ҳамоҳангсозии нақшаҳои рушди соҳаҳою минтақаҳо, таъмини ягонагии раванди идораи давлатӣ ва ғайра марбутанд.

Гузариш ба нақшагирии миёнамуддати молиявӣ, ки дар доираи он раванди буҷа аз таҳлили нишондиҳандаҳои асосии қаблан пазируфтаи нақшаи миёнамуддати молиявӣ дар соли дахлдор, таҳлили тағйирёбии омилу шароитҳои беруна, асосноккунии тағйирот, ки ба нишондиҳандаҳои асосии буҷавии давраи мавриди нақша қарор гирифта, ҳамчунин тасҳеҳ ё таҳияи лоиҳаҳои буҷа барои солҳои минбаъдаи марҳилаи пешгӯишаванда оғоз меёбад, дар Тоҷикистон низ амалӣ гардид. Ҳангоми ташаккули нақшаи дурнамои молиявӣ ва лоиҳаи буҷети давлатӣ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул мешуморад:

а) самтҳои асосии сиёсати андоз, гумрук, қарзӣ дар давраҳои мавриди нақшагирӣ, нишондиҳандаҳои асосии ояндабинии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар дурнамои миёнамуддат, ояндабинии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар соли навбатӣ; б)

нишондиҳандаҳои асосии нақшаи дурнамои молиявӣ ва нақшаи дурнамои молиявӣ; в) тавсифи асосии лоиҳаи буҷети давлатӣ ва тақсими хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли навбатӣ тибқи таснифи функсионалии хароҷоти буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Умуман, механизми идоракунии минтақа ё воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ бояд ҳамчун маҷмӯи принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳое баррасӣ карда шавад, ки мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти минтақаро ҳамчун низоми иҷтимоию иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда тавонад ва фоидаеро ба даст оварад, ки барои худмаблағгузории рушди минтақа кофӣ бошад. Дар бораи характери танзими муносибатҳои молиявӣ бо воситаи механизми молиявӣ сухан ронда, таъкид кардан зарур аст, ки дараҷаи танзим дар низоми молияҳои оммавӣ, яъне давлатию маҳаллӣ дар муқоиса бо молияи субъектҳои хоҷагидор ташкилотҳо фарқи назаррас дорад; фарқи байни механизми молиявии низоми молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ва молияи байналхалқӣ аз ин ҳам бештар аст. Ба низоми молияи давлатӣ дараҷаи аз ҳама зиёди танзим хос аст. Гузашта аз ин, танзими мазкур дар аксар мавридҳо пеш аз ҳама дар низоми муносибатҳои андозӣ характери маҷбурӣ дорад. Муносибатҳои тақсимӣ ва бозтақсимӣ асоси моҳиятии муносибатҳои молиявиро тавсиф мекунанд. Вале танҳо чизи офарида ё офаридашавандаро тақсим ё бозтақсим кардан мумкин аст.

Мутаносибан дар низоми муносибатҳои молиявӣ масоили сафарбарӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ дар шароити маҳдуд будани ин захираҳо аҳамияти якумдараҷа касб мекунанд ва самаранокии механизми молиявӣ дар ин ҳолат аҳамияти калонро дорад. Тарзҳо ва усулҳои ҳалли ин масъалаи муҳимтарин дар низоми молияҳои давлатию байнидавлатӣ, ташкилотҳои молиявӣ, молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ хусусиятҳои муҳимми худро доранд, ки зарурати таҳқиқу тадқиқи мустақилонаи онҳоро муайян мекунад.

Пешбурди моделҳои устувори таъминоти молиявии рушди иқтисодии минтақа таҳия ва татбиқи системаи мукаммали механизмҳои молиявиро тақозо мекунад, ки дар байни онҳо олимон механизмҳои молиявии танзими давлатиро ҷудо мекунанд, ки онҳо чунинанд:

- таъмини мувозинатии муносибатҳои дохилибуҷетӣ ва байнибуҷетӣ бо роҳи мувофиқанамоии присипҳо, усулҳо ва меъёрҳои азнавтақсимкунии воситаҳои буҷетӣ ;
- таъминоти маблағгузории саривақтии соҳаи тандурустӣ, маориф, муассисаҳои буҷетӣ ва ғ.;
- танзими раванди ба буҷет сари вақт воридшавии даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ;
- маблағгузории саривақтии барномаҳои стратегии давлатиӣ;
- истифодабарии мақсаднок, самаранок ва сарфакоронаи воситаҳои буҷети маҳаллӣ
- солимгардонии фазои сармоягузорӣ ва беҳсозии ҷолибияти сармоягузории минтақа.

Бояд тазаккур дод, ки механизми молиявӣ намуд, шакл ва усулҳои ташкили муносибатҳои молиявиро дар назр дошта бо воситаи сиёсати молиявӣ татбиқ мегардад. Мақоми калидии сиёсати молиявӣ дар он аст, ки он бояд ба мусоидати ҳамаҷониба ба комёбиҳои иқтисодӣ ва тараққии нерӯҳои истеҳсолкунандаи мамлакат равона карда шавад. Чунин сиёсат якҷоя ба некӯаҳволии халқ, нерӯи пардохтии аҳолӣ боло рафтаю сарчашмаҳои даромадҳои давлатиро зиёд намуда, дар бобати хоҷагии молиявӣ низ мумкин аст натиҷаҳои хуб ба бор орад. Сиёсати молиявии оқилона метавонад ҳолати устувори молиявии давлат, минтақа ва субъекти хоҷагидориро таъмин намояд, рушди азнавтақсимоти маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар байни минтақаҳои алоҳида ва дар дохили минтақаҳо мутавозин гардонад ва баръакс сиёсати молиявии ғайри оқилонаи молиявӣ метавонад боиси номувозинатии низоми иқтисодӣ гардад [3].

Пасандозҳои молиявии дохилӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ дар маблағгузории рушди устувори минтақаҳо нақши муҳим доранд. Ислоҳоти низоми андоз ба мӯътадилгардонии иқтисодиёт, рушди тиҷорат ва истифодаи захираҳои молиявии дохилӣ таъсири мусбати худро мерасонад. Пасандозҳо бошанд дар оянда самаранок ба сармоягузорӣ табдил дода мешаванд. Даромади миллии умумӣ ба истеъмоли ниҳоӣ ва маҷмӯи пасандози миллӣ тақсим мешавад, маҷмӯи пасандози миллӣ пасандози холиси миллӣ ва истеъмоли сармояи асосиро дарбар мегирад.

Иқтидори пасандозӣ – ин бузургии истифоданашудаи пасандозҳои мавҷудаи бахшҳои давлатӣ, хонаводаҳо, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба хонаводаҳо, ниҳодҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ хизмат мерасонанд ва бо назардошти пасандозҳои субъектҳои хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои пулӣ тақсимоти асоси даромади умумии миллӣ ташаккул меёбад мебошад [2].

Омилҳои сиёсӣ ба монанди вазъи манфии сиёсӣ боиси бесуботӣ ва коҳиши иқтидори пасандозҳо мегардад. Омилҳои психологӣ ба баланд бардоштани сатҳи интеллектуалӣ ва фарҳангӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимод оварда мерасонад. Омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ бошанд ба даромади аҳолӣ, селаҳои даромади бозори молиявӣ, таваррум, андозҳо, истеъмолот ва хусусиятҳои он, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, ба иқтидори пасандозҳо таъсири бевоситаи худро мерасонанд [4].

Рушди устувори иқтисодиро дар мадди аввал сиёсати давлатии молиявӣ муайян мекунад, ки он қисми таркибии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба шумор рафта, воситаи ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодии ҷамъият мебошад. Дуюм сиёсати молиявии давлат бояд на танҳо манфиати мақомоти ҳокимияти давлатӣ, балки манфиатҳои ҳамаи субъектҳои низоми молиявиро ба назар гирад.

Асоси сиёсати молиявии рушди устувор муайян намудани консепсияи ягонаи рушди иқтисод, барои давраи дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат, интихоби механизмҳои молиявии ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, таъмини самти рушди иҷтимоиро дар назар дорад [5].

Сиёсати молиявиро мо чун як қисми сиёсати иқтисодии давлат баррасӣ мекунем, ки аз маҷмӯи воситаҳои буҷавию андозӣ, воситаи дигари молиявӣ ва ниҳодҳои ҳокимияти давлатии молиявӣ иборат аст, ки тибқи қонунгузорӣ оид ба ташаккулу истифодаи захираҳои мамлакат мувофиқи мақсадҳои стратегию тактикии сиёсати давлатии молиявӣ ваколатҳо доранд мефаҳмем. Ин таъинот моҳияти сиёсати молиявиро кушода намедиҳад, балки механизм ва воситаҳои татбиқи онро тавсиф мекунад. Гап дар сари он аст, ки механизми молиявӣ фақат як қисми сиёсати молиявӣ мебошад, ки бо ёрии он идораи бевоситаи молия сурат мегирад.

Дар раванди тақсими маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ дар субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ фондҳои гуногуни даромади пулӣ ва андӯхт ташаккул меёбанд. Даромадҳои субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ ба ибтидоию интиҳоӣ тақсим мешаванд.

Сарчашмаи даромаду андӯхти ибтидоӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад, ки дар шаклҳои зерин зуҳур мекунад: а) музди меҳнати коргарони кироя; б) фоида ва пардохтҳои истеҳлокӣ дар субъектҳои хоҷагидор; в) андозҳо ва дигар пардохтҳо, ки ба арзиши аслии маҳсулоти (кор ва хизмати) давлат, мақомоти худидораи маҳаллӣ дохил карда мешаванд.

Даромадҳои ибтидоӣ тавассути механизми андоз, низоми пардохтҳо, тақсими фоида ва ғайра ба сифати сарчашмаи раванди минбаъдаи бозтақсим хизмат мекунанд. Натиҷаи чунин бозтақсим даромадҳои ниҳоӣ мебошанд, ки ба сифати захираҳои худии молиявии субъектҳои иқтисодӣ баромад мекунанд. Субъектҳои иқтисодӣ шахсони ҳуқуқӣ ё воқеии дорандаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мушаххас мебошанд. Субъектҳои иқтисодиёти муосирро шартан ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст: корхонаву ташкилотҳо, хоҷагиҳои хонаводагӣ ва корхонаҳои давлатӣ.

Захираҳои ниҳоии молиявӣ ҳамчунин ҳадафи раванди минбаъдаи тақсиму бозтақсим қарор мегиранд, то ки онҳо тибқи таъиноти мақсаднокашон истифода гарданд. Раванди тақсиму бозтақсими арзиши маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ механизми молиявиест, ки соҳаҳои мустақилу ҷудогонаи муносибатҳои молиявиро дарбар мегирад. Ин соҳаҳо ба субъектҳои хоҷагидор, коргарони кироя, давлатӣ, мақомоти худидории маҳаллӣ имкон медиҳанд захираҳои молиявии худашонро ташаккул диҳанд. Механизми молиявӣ аз «низоми ташкил, танзим ва нақшагирии муносибатҳои молиявӣ, тарзҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ иборат аст» [6].

Механизми молиявӣ бояд дурнамои ташаккули чунин қобилияти молиявии минтақаҳоро таъмин намояд, ки барои рушди босамари минтақавӣ, рафъи номувозинатии

иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳо, иқтидори онҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ имконият фароҳам оварад.

Ба андешаи мо, механизми молиявии татбиқи стратегияи рушди устувори минтақа маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои ташаккул ва истифодаи фондҳои захираҳои молиявӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегӣ оид ба қонеъ гардонидани талаботи гуногуни аҳолӣ, субъектони хоҷагидор, сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, бо шарти инкишофи мутавозини ҷузъҳои таркибии иқтисодӣ, итимоӣ ва экологии минтақа мебошад. Вазифаҳои зерини татбиқи стратегияи рушди устувори минтақаро муайян кардан мумкин аст:

- таъминоти молиявии барномаҳои мақсадноки давлатӣ;
- истифодаи мақсаднок ва суроғавии захираҳои молиявии минтақа;
- дарёфти манбаъҳои сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат дар минтақаҳо;
-мутамарказ намудани захираҳои молиявӣ дар соҳаҳои афзалиятноки минтақаҳо;
- барпо намудани заминаи устувори молиявӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии молиявӣ.

Истифодаи механизми молиявӣ аз тарафи сохторҳои махсуси ташкилие, ки барои идоракунии молия таъсис дода мешаванд, амалӣ мегардад. Дар Тоҷикистон ба ин қабил сохторҳо мақомоти ҳокимияти қонунгузор ва мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла: Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Бояд ба назар гирифт, ки молияи маҳаллӣ, яъне воситаҳои буҷети маҳаллӣ, ки аз ҳисоби онҳо таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташаккули моликияти коммуналии воҳиди марзию маъмурии дахлдор ва идоракунии он, таъсис, таъмини фаъолият ва инкишофи муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, воситаҳои ахбори омма ва нашрияҳо, сохтмони роҳ ва нигоҳдории роҳҳое, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд, ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар маҳал сурат мегирад ягона манбаи маблағгузории тараққиёти устувори минтақа намебошад. Бидуни ҷалби маблағгузории давлатӣ, инчунин манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (фондҳои хусусӣ, сармоягузориҳои хориҷӣ) рушди мутавозини минтақа ғайриимкон аст. Бо дарназардошти ин, мо пешниҳод менамоем, ки се ҷузъи механизми молиявии татбиқи стратегияи рушди устувори минтақа ҷудо карда шавад:

1. Таъминоти молиявии минтақа тавассути буҷетҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ ва вилоятӣ бо назардошти истифодабарии механизмҳои андозбандӣ, қарздиҳии давлатӣ, марказонидани маблағҳои якчанд буҷети маҳаллӣ ҷиҳати амалигардонии барномаҳои рушди иҷтимоӣ иқтисодии минтақа, муайян намудани мақоми махсус масалан, минтақаи озоди иқтисодӣ, минтақаи кӯҳистон ва ғайра, ки имконият медиҳад бо захираҳои молиявӣ минтақаи алоҳида бештар таъмин гардад.

2. Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатии мамлакат ҷиҳати солимгардонии низоми рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, барои амалигардонии барномаҳои мақсадноки давлатӣ. Пешниҳод карда мешавад, ки барномаҳои рушди минтақавӣ тавассути субвенсияҳои имтиёзнок ва ҷуброни фоизҳои қарзҳои гирифташуда ба роҳ монда шавад.

3. Бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ барои татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ. Пешниҳод карда мешавад, ки маблағгузории ғайрибуҷетӣ дар минтақаҳои кишвар ҳамчун шакли махсусгардонидашудаи азнавтақсимкунӣ ва истифодабарии захираҳои молиявии мамлакат барои маблағгузории талаботҳои иҷтимоию иқтисодии конкретии аҳамияти минтақавидошта истифода бурда шавад.

Ҳамин тариқ хулоса карда шуд, ки механизми молиявии татбиқи стратегияи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа маҷмӯи шаклу усулҳои ташаккул ва истифодаи фондҳои захираҳои молиявӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи гуногуни аҳолӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад. Вобаста ба ин ҷузъҳои таркибии механизми молиявӣ ҷудо карда шуд: истифодаи маблағҳои буҷетҳои вилоятӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ .

Фаҳмиши назариявии моҳияти механизми молиявии татбиқи стратегияи рушди устувори минтақа, дарки дақиқи сохтори он, ҷойгоҳ ва ҳадафи унсурҳои алоҳидаи он барои муайян кардани соҳаҳои заиф дар ин механизм ва вобаста ба ин муайян намудани роҳҳои мукаммалгардонии он мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 қабул гардида.
2. Мингалёва Ж.А., Гершанок Г.А. Устойчивое развитие региона: инновации, экономическая безопасность, конкурентоспособность // Экономика региона, 2012. - № 3. – С. 68-77.
3. Раҳимзода Ш. Муомилоти пул ва қарз/ Душанбе. “Эр -граф”. 2008
4. Сорокина Н.Ю. Предпосылки формирования механизма управления устойчивым развитием региона // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета, 2014. - № 3 (52). – С. 78-80.
5. Тарабрин О.А., Курилова А.А., Курилов К.Ю. Теоретические основы формирования финансового механизма управления //Вестник УГНТУ. Наука, образование, экономика. Серия: Экономика, 2012. - № 2. – С. 49-59.
6. Финансы: учебник /С. А. Белозёров, С. Г. Бродский, С. Г. Горбушина; отв. ред. В. В. Ковалёв. -3-е изд., перераб. доп.- Москва: Проспект, 2013. - 928с.

УДК 657.1:642.5

Каримзода М.И.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ТИҶОРАТИ МЕҲМОНХОНА ВА ТАРАБХОНА

Рушди соҳаҳои тиҷорати тарабхона ва меҳмонхона дар навбати худ ташаккули низоми муносиби баҳисобгирии муҳосибиро талаб месозад. Маҳз бо истифодаи иттилооти муҳосибӣ идоракунии самараноки фаъолияти корхонаҳои тиҷорати тарабхона ва меҳмонхона, қабули қарорҳои оптималии таъминкунандаи вазъи муътадили молиявии онҳо ва мувофиқгардонӣ ба шароити тағйирёбандаи иқтисодӣ имконпазир аст. Дар мақола баҳамгузории тартиби пешбарии баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷорати тарабхона ва меҳмонхона, муқаррар намудани монандӣ ва тафовут дар ташкили баҳисобгирӣ, инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба баҳисобгирии даромад ва хароҷоти субъектҳои мазкур ҳамчун ҳадафи таҳқиқот баромад менамоянд. Бояд қайд намуд, ки на дар соҳаи тиҷорати тарабхона ва на дар меҳмонхонаҳо ташкили баҳисобгирӣ ба таври муназзам ва мукаммал сурат нагирифта, субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста ба имконият ва қобилияти худ масъалаи мазкурро ҳал намудаанд. Таҳлили фаъолияти якчанд субъектҳои ватании тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона нишон дод, ки аксаран соҳибмулкон ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, аз ташкили низоми мукаммали баҳисобгирӣ канорачӯӣ намудаанд. Аммо татбиқи сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ, афзоиши бемайлони миқдори субъектҳои тиҷорати меҳмонхонадорӣ ва тарабхона зарурияти ташкили мувофиқи низоми баҳисобгирии муҳосибиро талаб менамояд. Дар навбати худ ҷиҳатҳои таъминоти методӣ ва методологии баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии корхонаҳои тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона бо сабаби мавҷуд набудани заминаҳои илмӣ ташвишовар аст. Таҳқиқот нишон дод, ки дар ҷумҳурӣ вобаста ба соҳаи мазкур миқдори хеле ками таҳқиқот ба анҷом расонида шудааст.

Мақолаи мазкур барои рафъи камбудии таъминоти методологии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона бахшида шудааст.

Вожаҳои калидӣ: тиҷорати тарабхона ва меҳмонхона, баҳисобгирии муҳосибӣ, даромад, хароҷот, арзиши аслӣ, маҳсулоти истеҳсоли худӣ, хизматрасониҳо, ҳисобкунии арзиши аслӣ, натиҷаҳои молиявӣ.

Каримзода М.И.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОРГАНИЗАЦИИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В ГОСТИНИЧНО-РЕСТОРАННОМ БИЗНЕСЕ

Развитие ресторанно-гостиничного бизнеса, в свою очередь, требует разработки соответствующей системы учета. С использованием учетной информации можно эффективно управлять деятельностью предприятий ресторанного и гостиничного бизнеса, принимать оптимальные решения, обеспечивающие их стабильное финансовое положение и адаптирующиеся к меняющимся экономическим условиям. В статье цель исследования разработать порядок продвижения бухгалтерского учета на предприятиях ресторанного и гостиничного бизнеса, установить сходства и различия в организации бухгалтерского учета, а также разработать практические рекомендации по учету доходов и расходов. этих сущностей. Следует отметить, что ни в ресторанном деле, ни в гостиницах бухгалтерский учет не был организован системно и полно, и хозяйствующие субъекты решали этот вопрос в зависимости от своих возможностей и способностей. Анализ деятельности ряда отечественных субъектов гостинично-ресторанного бизнеса показал, что большинство собственников были зарегистрированы в качестве индивидуальных предпринимателей и избегали создания полноценной системы учета. Однако реализация государственной политики развития туризма, неуклонный рост количества субъектов гостинично-ресторанного бизнеса требуют организации соответствующей системы учета. В свою очередь методологические и методологические аспекты учета финансово-хозяйственной деятельности предприятий гостиничного и ресторанного бизнеса вызывают беспокойство в связи с отсутствием научного обоснования. Исследование показало, что в республике выполнен очень небольшой объем исследований в этой области. Данная статья посвящена устранению недостатка методологического обеспечения организации бухгалтерского учета в гостинично-ресторанном бизнесе.

Ключевые слова: ресторанно-гостиничный бизнес, бухгалтерский учет, доходы, расходы, реальная стоимость, продукция собственного производства, услуги, расчет реальной стоимости, финансовые результаты.

Karimzoda M.I.

THEORETICAL ASPECTS OF THE ORGANIZATION OF ACCOUNTING IN THE HOTEL AND RESTAURANT BUSINESS

Annotation. The development of the restaurant and hotel business, in turn, requires the development of an appropriate accounting system. Using accounting information, you can effectively manage the activities of restaurant and hotel businesses, make optimal decisions that ensure their stable financial position and adapt to changing economic conditions. In the article, the purpose of the study is to develop a procedure for promoting accounting in restaurant and hotel businesses, to establish similarities and differences in the organization of accounting, and to develop practical recommendations for accounting for income and expenses. these entities. It should be noted that neither in the restaurant business, nor in hotels, accounting was organized systematically and completely, and economic entities solved this issue depending on their capabilities and abilities. An

analysis of the activities of a number of domestic hotel and restaurant business entities showed that the majority of owners were registered as individual entrepreneurs and avoided creating a full-fledged accounting system. However, the implementation of the state policy of tourism development, the steady growth in the number of hotel and restaurant business entities require the organization of an appropriate accounting system. In turn, the methodological and methodological aspects of accounting for the financial and economic activities of enterprises in the hotel and restaurant business are of concern due to the lack of scientific justification. The study showed that a very small amount of research in this area has been carried out in the republic. This article is devoted to eliminating the lack of methodological support for the organization of accounting in the hotel and restaurant business.

Keywords: restaurant and hotel business, accounting, income, expenses, real value, own production, services, calculation of real value, financial results.

Гузориши масъала. Меҳмонхонаву тарабхона дар Тоҷикистон зери таъсири замон ба як соҳаи воқеии хидматрасонӣ табдил ёфтаанд. Яке аз шартҳои зарурии фаъолияти мехмонхонаю тарабхонаҳо ташкили дурусти баҳисобгирии муҳосибист, зеро он чунин низоми ба даст овардани маълумотро ба вучуд меорад, ки идоракунии самараноки корхона ва афзоиши даромад аз фаъолияти онро таъмин менамояд. Барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо муносибати ягона вуҷуд надорад, зеро ин як намуди мушаххаси фаъолиятест, ки аз савдо, истеҳсолот ва хизматрасонӣ иборат аст. Хусусиятхои ташкили бахисобгирии бухгалтерӣ дар чунин соҳаи тиҷорат махз дар хамин аст.

Таҳлили тадқиқоти охирин ва нашрияҳо. Масъалахои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар асарҳои чунин олимон, монанди Хушвахтзода Қ.Б., Низомов С.Ф., Содиқов С.И. ва дигарон, ки ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бахшида шудаанд, ба назар мерасанд. Аммо, ба фикри мо, дар адабиёти муосири илмӣ-иқтисодӣ таҳқиқоти минбаъдаи масъалаи хусусиятҳои ташкили бахисобгирии фаъолияти корхонаҳои бизнеси меҳмонхона ва тарабхона, ки аз мадди назари олимон дур мондааст, талаб карда мешавад.

Ҳадаф аз таҳқиқот омӯзиши низоми муосири ташкили баҳисобгирии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои бизнеси меҳмонхона ва тарабхона ва муайян кардани хусусиятҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибии амалиётҳои хоси чунин корхонаҳо мебошад.

Муаррифии маводи асосии таҳқиқот. Дар кишварҳои пешрафта хизматрасонӣ объекти асосии муносибатҳои молию пулӣ буда, дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунад[1, с.153].

Бизнеси меҳмонхона ва тарабхонаҳо дар зери таъсири замон ба соҳаи хидматрасонии воқеӣ табдил ёфтанд.

Бизнеси меҳмонхона ва тарабхонаҳо як ҷузъи бахши сайёҳӣ буда, барои қонеъ гардонидани талаботи сайёҳии аҳолӣ ба манзил, хӯрокворӣ, хизматрасонии нақлиётию экскурсионӣ ва дигар хизматрасониҳо нигаронида шудааст.

Меҳмонхонаҳои муосире, ки ба сайёҳон хизмат мерасонанд, торафт бештар ба меҳмонхонаҳои пурра(комплекс)-и хизматрасонӣ табдил меёбанд, зеро онҳо ба ғайр аз хизматрасониҳои ҳатмӣ (ё онҳоро «хизматрасонии асосӣ» низ меноманд) як қатор хизматрасониҳои гуногунро пешкаш мекунанд, ки онҳоро «хизматрасонии иловагӣ» меноманд. Ба хизматрасониҳои асосӣ манзил, хӯрок, истифодаи телевизор, яхдон дохил мешаванд, ки ба нархи ҳуҷра дохил мешаванд ва тибқи шартномаи басташуда ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешаванд. Ба хизматрасониҳои иловагӣ хизматҳое дохил мешаванд, ки ба хизматрасониҳои асосии меҳмонхона алоқаманд нестанд, ки аз ҷониби истеъмолкунанда ба таври илова тибқи шартномаи алоҳида фармоиш ва пардохт карда мешаванд (хизматрасонии ҷомашӯӣ ва дарзмолкунӣ, таваққуфгоҳ, хизматрасонии сартарошхона, иҷораи таҷҳизоти варзишӣ ва сайёҳӣ ва ғ.). Ҳамин тариқ, хидматҳои пешниҳодшуда комплексӣ мебошанд.

Самаранокии ҳар як корхона, аз ҷумла тиҷорати меҳмонхона, аз ҷониби як гурӯҳи омилҳо муайян карда мешавад. Дар байни онҳо ҷойгиршавии меҳмонхона ва фурӯши маҳсулот мебошанд [7, с. 27].

Пеш аз ҳама, меҳмонхонаҳо ба маркетинги маҳсулоти худ нигаронида шудаанд, аммо ҷойгиршавии меҳмонхона барои маркетинги маҳсулоти худ низ муҳим аст. Дар муқоиса бо корхонаҳои саноатие, ки ба истеъмолкунандагон маҳсулот мефиристанд, дар соҳаи меҳмонхона истеъмолкунандаи хизматрасонӣ бояд меҳмонхонаро интихоб кунад ва мустақилона ба он биравад, бинобар ин ҷойгиршавии он барои ба фурӯш баровардани маҳсулоти тиҷорати меҳмонхона муҳим аст.

Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва ҳамгироии кишвар ба фазои иқтисодии ҷаҳонӣ мавқеъ ва нақши соҳибкории тарабхона низ мавриди баррасӣ қарор дорад. Ташкили фаъолияти он ба кор бурдани усулхои нави идоракунӣ ва фаъолияти тарабхонаҳо, ки бояд ба харчи бештар конеъ гардондани талаботи истеъмолкунандагон ва таъмини дарачаи баланди самаранокии фаъолияти истехсолию хочагии онхо нигаронида шавад, талаб мекунад. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, корхонаҳои тиҷорати меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо бояд тамоми омилҳои техникӣ, маъмурӣ ва инсониро, ки ба сифати хизматрасонӣ, маҳсулот ва бехатарии онҳо таъсир мерасонанд, ба назар гиранд.

Яке аз шартҳои муҳими пешбурди фаъолияти тарабхонаву меҳмонхонаҳо баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ҳар як тиҷорат, ба монанди тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона, дар баҳисобгирии муҳосибӣ хусусиятҳои ба худ хос, мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дорад. Аз ин чост, ки ташкили баҳистобгирӣ, пеш аз хама, ба дарачаи мураккабии кор вобаста аст. Имконияти банақшагирии босалоҳияти тиҷорат ва баҳисобгирии мувофиқи ҳама хавфҳо аз он вобаста аст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона то чӣ андоза дуруст ташкил карда шудааст.

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тарабхонаву меҳмонхона, инчунин дигар корхонаҳои ватанӣ аз рӯзи ба қайд гирифта шудани корхона то барҳам додани он пайваста сурат мегирад.

Баҳисобгирии бухгалтерӣ ба принсипҳои асосии ҳисобдорӣ асос ёфтааст. Асосҳои ҳуқуқии танзим, ташкил, баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» инъикос ёфтааст[4].

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ба корхона имконият дода мешавад, ки шакли ташкили баҳисобгирии муҳосибиро мустақилона интихоб намояд. Интихоби оқилонаи шакли ташкилии баҳисобгирии муҳосибӣ барои корхона муҳим аст. Инчунин ба корхона имконият дода мешавад, ки:

- технологияи коркарди маълумоти бахисобгирии шаклхои баҳисобгирии муҳосибиро мустакилона интихоб намояд;
- сиёсати бахисобгирии корхонаро муайян кунад;
- низом ва шаклҳои баҳисобгирии идоравиро коркард намояд;
- қоидахои гирдгардиши ҳуҷҷатҳоро тасдиқ кунад.

Вазифаи асосии ташкили бахисобгирии тарабхона ва меҳмонхонаҳо, мисли ҳама гуна бизнес, аз бунёди чунин низоми бадастории маълумотиборат аст, ки идоракунии самараноки корхона ва афзоиши даромадро аз фаъолияти иқтисодии корхона таъмин намояд.

Масъалаҳои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи меҳмонхона ва тарабхона аз ҷониби соҳибмулк ё мақоми ваколатдор (шахси мансабдор) тибқи қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ҳал карда мешаванд. Корхона сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ, шакли баҳисобгирии муҳосибӣ, қоидаҳои гардиши ҳуҷҷатҳо ва технологияи коркарди иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, низоми иловагии ҳисобҳо ва регестрҳои баҳисобгирии ҷузъӣ, объектҳо ва даврaҳои баруйихатгирии дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро мустақилона муайян мекунад [9].

Баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои бизнеси тарабхона ва меҳмонхонаҳо мувофиқи сиёсати баҳисобгирии интихобшуда сурат мегирад, ки маҷмӯи принсипҳо, усулҳо

ва расмиёти аз ҷониби корхона барои таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ истифодашавандаро дарбар мегирад. Яъне ин интихоби усулҳои муайян ва мушаххаси баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз хусусиятҳои фаъолияти ширкатҳо аз ҷониби корхона мебошад. Ҳангоми таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ, бояд талабот ба хусусиятҳои сифатии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, ки дар НБМ 1/99 муқаррар шудаанд; усулу тартиби пешбиникардаи дигар НБМ; меъёру стандартҳое, ки санадхои конунгузории мамлакат мукаррар кардаанд, ба назар гирифта шавад. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ҳуқуқи муқаррар намудани сиёсати баҳисобгирии корхона комилан дар ихтиёри худи корхона боқӣ мемонад. Азбаски корхонаҳои ин соҳаро қариб пурра соҳибкории хурду миёна намояндагӣ мекунанд, истифодаи СБҲМ ҳатмӣ нест, ҳарчанд тавсия дода мешавад.

Асоси баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидорӣ ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ мебошанд, ки далелҳои амалиёти хоҷагиро ба қайд мегиранд.

Маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои ибтидоии барои баҳисобгирӣ қабулшуда мавҷуд аст, дар баҳисобгирии муҳосибӣ, дар реестрҳои баҳисобгирии куллӣ ва ҷузъӣ ба низом дароварда мешавад. Барои ҷамъбасти маълумот корхонаҳои бизнеси меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо тибқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии дороиҳо, ӯҳдадориҳо, сармоя ва амалиёти тиҷоратии корхонаю ташкилотҳо, ки бо фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № 41 аз 27 майи соли 2011 тасдиқ шудааст, баҳисобгирии муҳосибӣ мебаранд.

Баҳисобгирии ибтидоӣ дар корхонаҳои тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона бояд ба хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии фаъолияти чунин корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳо ва давомнокии давраи амалиётӣ, усулҳо ва ҳаҷми татбиқи натиҷаҳои кори он мутобиқ карда шавад.

Барои ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар соҳаи меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо муносибати ягона вуҷуд надорад, зеро ин як намуди мушаххаси фаъолиятест, ки аз савдо, истеҳсолот ва хизматрасонӣ иборат аст. Махсусиятхои бахисобгирии муҳосибӣ дар сохаи ин кор махз дар хамин аст.

Бизнеси тарабхона як соҳаи бо корхонаҳое асос ёфта аст, ки дар шакли ташкили истеҳсолот ва хизматрасонӣ ба мизоҷон якхела буда, аз рӯи намудҳо ва махсусиятҳо фарқ мекунанд.

Бизнеси тарабхона як намуди фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон ба ғизо бо ташкили фаъолияти фароғатӣ ё бе он мебошад. Муштарӣ, ки маҳсулот мехарад, ба савдогар бо арзиши онҳо тамоми хароҷоташро ҷуброн мекунад. Яъне, арзиши хидматрасонии пешхизмат ба нархи таом ва нӯшокиҳо шомил буда, аз ҳисоби нархи бариловаи тарабхона пардохт мешавад.

Фаъолияти тарабхона "фаъолиятҳои хидматрасонии ғизо ва нӯшокиҳоро дарбар мегирад, ки дар он ғизо ва нӯшокиҳо дар тарабхонаҳои анъанавӣ, худхизматрасонӣ ё зуд хидматрасонӣ, хоҳ доимӣ ё муваққатӣ, бо нишаст ё бидуни нишаст истеъмол карда мешаванд." Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки тарабхона ҷойест, ки меҳмонон метавонанд (ба онҳо иҷоза дода мешавад) на танҳо хӯрок ва нӯшокиҳоро харанд, балки онро истеъмол кунанд [2, с.88].

Бизнеси тарабхона ҳамзамон фурӯши чаканаи молҳои харидашуда ва фурӯши чаканаи маҳсулоти ошхона барои истеъмол дар тарабхонаро дар бар мегирад. Дар баробари ин, ҳамеша нархи чакана мавҷуд аст, ки сохтори он ду унсурро дар бар мегирад: арзиши моли харидашуда (ё ашёи хоми хӯрокворӣ) ва маржаи савдои тарабхона. Яъне, фарқи байни тарабхона ва мағоза, дар воқеъ танҳо дар ҳузури ошхона аст.

Истеҳсоли саноатӣ ва тарабхонаро танҳо амалиёти муштарак оид ба коркарди (ё тозакунии) ашёи хоми хӯрокворӣ дар ошхона муттаҳид мекунанд, аммо ин монандӣ хеле рӯякӣ аст. Азбаски фаъолияти ошхонаи тарабхона танҳо хӯрокпазӣ мебошанд, дар ин ҷо ҳисобкунии соддакардашудаи арзиши хӯрокҳо гузаронида мешавад, яъне танҳо арзиши ашёи хом ба назар гирифта мешавад. Пас аз коркарди кӯтоҳмуддат ва арзон чунин ашёи хом ба

молхое табдил меёбанд, ки барои истеъмоли фаврӣ пешбинӣ шудаанд. Аз рӯи фосилаи вақт таъсир ба маҳсулоти ибтидоӣ ҳангоми тайёр кардани хӯроку нӯшокӣ дар тарабхона ба тайёр кардани пеш аз фуруши мол дар савдо назар ба истеҳсолоти саноатӣ барои бозор хеле наздиктар аст. Дар бобати фурӯш тарабхонаҳо бо харидорон шартноми шифоҳиро оид ба хари два фурӯши чаканаи молҳо баста, корхонаҳои саноатӣ бошанд, шартномаи махсулотсупорӣ мебанданд. Баъд аз ҳама, саноат ба соҳаи истеҳсолоти моддӣ ва тарабхонаҳо ба соҳаи муомилот дохил мешаванд [2, с.89].

Ҳамин тариқ, бизнеси тарабхона аз рӯи хусусиятҳои худ савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ ҳам харидашуда ва ҳам дар хона пухташуда мебошад, ки ба мизоҷ имконият медиҳад, ки дар нуқтаи фурӯш истеъмол намояд [7, с.27].

Бо назардошти он, ки тарабхонаҳо дар бахши савдои чакана фаъолият мекунанд, пешниҳод карда мешавад, ки барои баҳисобгирии маҳсулоти хӯрокворӣ ҳисоби 10710 «Молҳо» истифода шавад. Мувофиқи Дастурамали № 41 дар ҳисоби 10710 “Молҳо” баҳисобгирии ҳаракати арзишҳои моддиву молии бо мақсади фурӯш дохилшуда ба роҳ монда мешавад, аз ин ҳисоб, аз ҷумла, корхонаю ташкилотҳои савдо, инчунин муассисахои хӯроки умумӣ истифода мебаранд. Барои ба ҳисоб гирифтани ашёи хом дар анборҳои тарабхонаҳо зерҳисоби 10741 истифода бурда мешавад, яъне ашёи хоми озуқавории харидашуда, инчунин молхои харидашуда дар анборҳои тарабхонаҳо аз рӯи ҳисоби 10741 «Мол дар анборҳо» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳангоми дохилшавии ҳамаи маҳсулот ба анбори тарабхона, мувофиқи НББ 3/2002, онҳо бо арзиши аслии худ баҳо дода мешаванд. Арзиши ибтидоии захираҳои ба таври нақд харидашуда арзиши аслие мебошад, ки аз хароҷоти воқеӣ, ба монанди маблағи ба молрасон пардохташуда (ба истиснои андозҳои ғайримустақим), хароҷоти нақлиёт ва маҳсулоттайёркунӣ ва ғайра иборат аст.

Ҳангоми аз анбори тарабхона ба ошхона гузарондан ашёи хоми хӯрокворӣ ҳам аз рӯи арзиши аслӣ баҳо дода мешаванд. Тибқи НББ 3/2002, ҳангоми ба истеҳсолот баровардани захираҳо, баҳодиҳии онҳо бо истифода аз яке аз чунин усулҳо, ба монанди усули арзиши мушаххаси воҳиди дахлдори захираҳо, усули арзиши миёнаи баркашида, усули арзиши аслии дохилшавии аввалиндараҷаи захираҳо (FIFO); усули арзиши меъёрӣ ва усули нархҳои фурӯш ба роҳ монда мешавад. Азбаски корхонаи тарабхона дар анбор доираи васеи ашёи хом дошта, нарзи таъминкунандагони ашёи хоми ҳар як намуд зуд-зуд тағйир меёбад, онхо асосан аз рӯи арзиши миёнаи баркашида ба ҳисоб гирифта мешаванд, гарчанде истифодаи усулҳои дигар ҷоиз аст.

Ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» барои ҷамъбаст кардани маълумот дар бораи харочоти истехсолии махсулот (кор, хизмат) пешбинӣ шудааст. Ин ҳисоб барои дар зерҳисобҳои алоҳида ба ҳисоб гирифтани харочоти корхонахои саноатӣ барои истеҳсоли махсулот ва муассисахои хӯроки умумӣ барои истеҳсоли маҳсулоти худӣ истифода бурда мешавад[10, с.95].

Ҳамин тариқ, воридшавии захираҳо аз таъминкунандагон ба анбор бо навишт дар Дт 10711 ва Кт 22010 (бо истиснои андоз аз арзиши иловашуда) аз рӯи арзиши харид инъикос карда мешавад. Интиқоли захираҳо аз анбор ба ошхона бо навишти Дт 10731 Кт 10711 ва ба толори савдо – Дт 10732 Кт 10731 бо арзиши миёнаи баркашида ба ҳисоб гирифта мешавад [7, с. 29].

Баръакси анборҳои муассисаҳои савдо дар анборҳои тарабхонаҳо на танҳо молҳои харидашуда, балки ашёи хоми хӯрокворӣ низ нигоҳ дошта мешаванд, ки бо истифода аз онҳо барои харидорон таомҳои гуногун тайёр мекунанд. Мувофиқи дастурамали № 41 дар зерҳисобҳои 10710 «Ашёи хом ва масолеҳ» мавҷудият ва ҳаракати ашёи хом ва масолеҳи асосие, ки ба таркиби маҳсулоти истеҳсолшаванда дохил мешаванд ё қисмҳои зарурии истеҳсоли он мебошанд, инъикос карда мешаванд.

Арзиши баҳисобгирии таомҳои дар ошхона тайёр кардашуда арзиши аслии маҳсулот мебошад. Дар амал, таърифи он ба ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти ошхонаи тарабхона

дуруст меояд. Мувофиқи НББ 3/2002, номгӯй ва таркиби моддаҳо барои ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот аз ҷониби корхона муқаррар карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти ошхона танҳо арзиши ашёи хоми мувофиқи стандартҳои технологии гузоштани он барои як таом ё барои як партияи маҳсулот истифодашударо дарбар мегирад. Барои баҳисобгирии маҳсулоти ошхона, ба монанди савдои чакана, зерҳисоби 10732 истифода мешавад.

Дар мавриди баҳодиҳии интиқоли маҳсулоти ошхона ба бар, пас, мувофиқи банди 16 НББ 3/2002, вақте ки захираҳо барои истеҳсол равона карда мешаванд, тавсия дода мешавад, ки онҳо бо усули "арзиши меъёрӣ" арзёбӣ карда шаванд, зеро арзиши аслии маҳсулоти ошхона аз рӯи меъёрҳои дар як таом гузоштани ашёи хом ҳисоб карда мешаванд.

Ҳангоми аз ошхона ба толори савдои тарабхона ё бар интиқол додани маҳсулоти ошхона, бояд навишти Дт10732 Кт 10731 (аз рӯи арзиши аслӣ) иҷро карда шавад ва сипас сатҳи маржаи савдоро, ки тарабхона талаб мекунад, илова кардан лозим аст.

Даромад аз фурӯши ҳам моли харидашуда ва ҳам маҳсулоти истеҳсоли худӣ дар зерҳисобҳои 44011 «Даромад аз фурӯши мол» инъикос карда мешавад. Пас аз фурӯш маблағи иловапулие, ки ба молу маҳсулоти фурӯхташуда тааллуқ дорад, бо усули «барқароркунӣ» аз ҳисоб бароварда мешавад. Маблағи боқимондаи арзиши аслии маҳсулот ва молҳо дар дебети субҳисобҳои 55011 «Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда» ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамаи дигар хароҷоте, ки бо истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда алоқаманданд, аз ҷумла музди кори ошпазҳо ва дигар коргарони истеҳсолот, ҳисоб кардани андози иҷтимоӣ аз фонди музди мехнат барои кори онҳо, фарсудашавии таҷҳизоти ошхона, иҷорапулӣ ва ғайра дар ҳисоби 55200 «Хароҷоти фурӯш» ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти маъмурӣ дар ҳисоби ҳамноми 55300 ба ҳисоб гирифта мешавад.

Чи тавре ки дар боло зикр шуд, мол аз анбор то бар бо арзиши миёнаи баркашида ва маҳсулоти ошхона аз ошхона то бар аз рӯи арзиши аслии тайёркунӣ гузаронида мешавад. Дар баробари ин, аллакай дар бар ҳам барои молҳои аз анбор ва ҳам барои таомҳои аз ошхона овардашуда баҳодиҳии савдо амалӣ мешавад. Яъне, аз усулҳои дар боло зикршуда барои баҳодиҳии ҳаракати захираҳо усули «нархи фурӯш» барои ҳисобдорӣ дар толори савдои бар мувофиқ аст, зеро танҳо дар бар молу маҳсулоти дар ошхона тайёркардашуда воқеан барои фурӯш омодаанд. Ин ҳам ба моҳияти кор ва ҳам ба банди 22 НББ 3/2002 мувофиқат мекунад, ки мувофиқи он баҳодиҳӣ аз рӯи нархҳои фурӯш ба истифодаи фоизи миёнаи маржаи савдо барои молҳо дар савдои чакана асос ёфтааст. Ин усулро (агар усулҳои дигари баҳодиҳии ихтиёрдории захираҳо асоснок набошанд) аз ҷониби корхонаҳое истифода бурдан мумкин аст, ки дорои номгӯи назаррас ва тағйирёбандаи мол бо тақрибан маржаи якхелаи тиҷоратӣ мебошанд [8].

Корхонаҳои бизнеси меҳмонхона баҳисобгирии муҳосибиро ҳамчун корхонаҳои соҳаи хидматрасонӣ пеш мебаранд. Хароҷоти марбут ба пешниҳоди хизматрасониҳои меҳмонхона, аз ҷумла арзиши хизматрасониҳои фурӯхташуда, тибқи қоидаҳои НББ 7/2001 ва даромад - мувофиқи талаботи НББ 6/2001 [3] ташкил карда мешаванд. Тамоми харочоти корхонаи мехмонхона асосан аз харочотхое иборат аст, ки вобаста ба хизматрасонӣ ба миён меоянд: барои нигох доштани утокхои мехмонхона; барои муҷаҳҳаз кардани утоқҳои меҳмонхона ва хизматрасонӣ ба мизоҷон; барои музди меҳнати кормандоне, ки бевосита дар расонидани хизматҳои асосии меҳмонхона иштирок мекунанд; барои фарсудашавии ҳуҷраҳо дар меҳмонхонаҳо; оид ба мухофизати мехнат ва техникаӣ бехатарӣ; барои таъмир ва нигоҳдории ҳуҷраҳои меҳмонхона. Маблағи андоз аз арзиши иловашуда ва ҷамъовариҳои меҳмонхона ба арзиши хидматрасонии меҳмонхона илова карда мешавад.

Дар мавриди рӯйхат ва таркиби моддаҳо барои ҳисоб кардани арзиши аслии истеҳсоли хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо, мувофиқи НББ 7/2001, корхона мустақилона чунин рӯйхатро бо назардошти тавсияҳои методологии ташаккули он дар соҳаҳои алоқаманд оид ба таркиб ва таснифоти харочот муқаррар менамояд.

Дар баҳисобгирии муҳосибӣ арзиши аслии хидматрасонии меҳмонхонаҳо дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» ташаккул меёбад. Баҳисобгирии хароҷоти изофии истеҳсолӣ дар ҳисобҳои 10735 «Хароҷоти изофии истеҳсолӣ» гузаронида мешавад. Баҳисобгирии дигар хароҷоти амалиётии меҳмонхона дар ҳисобҳои 55200 «Хароҷоти фурӯш» ва 55300 «Хароҷоти маъмурӣ» сурат мегирад. Чунин хароҷот ҳамчун хароҷоти давраи ҳисоботӣ, ки дар давоми он ба вуҷуд омадаанд, инъикос карда мешаванд (банди 7 НББ 7/2001), яъне онҳо бевосита бо ихтисори натиҷаи молиявӣ дар давраи пайдоиши онҳо алоқаманданд.

Мутобиқи банди 10 НББ 6/2001, даромади марбут ба пешниҳоди хидматҳо дар асоси дараҷаи анҷоми амалиёт оид ба пешниҳоди хидматҳо дар санаи тавозунӣ эътироф карда мешавад, агар натиҷаи ин амалиёт ба таври мӯътамад ҳисоб карда шавад.

Доираи хидматрасонии саноати меҳмонхона хеле васеъ аст, бинобар ин рӯйхати даромад аз фурӯш низ нисбатан калон аст.

Дар кредити зерҳисобҳои 44010 «Даромад аз фурӯши кору хизмат» афзоиши (бадастории) даромад, дар дебет маблағи дахлдори андоз ва хироҷи ғайримустақим инъикос карда мешавад. Маблағи даромаде, ки дар давраи ҳисоботӣ аз пешниҳоди хизматрасониҳои меҳмонхона эътироф шудааст, ҳам аз шумораи меҳмонон ва ҳам аз шумораи рӯзҳое, ки ин меҳмонон дар давраи ҳисоботӣ дар меҳмонхона монданд ва аз хароҷоти будубоши як нафар дар давоми рӯз дар меҳмонхона вобаста аст. Шумораи меҳмонон ва муҳлати будубоши онҳо дар меҳмонхона дар давраи ҳисоботӣ бо чунин ҳуҷҷатҳо, ба монанди журнали қайди шаҳрвандони дар меҳмонхона истиқоматкунанда ва феҳристи хориҷиёне, ки дар меҳмонхона зиндагӣ мекунанд, тасдик карда мешаванд. Аз ин рӯ, даромад бояд дар асоси ин маълумот, сарфи назар аз санаи пардохт ҳисоб карда шавад.

Хулоса. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки ташкили оқилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона бидуни ба назар гирифтани хусусияти фаъолияти чунин корхонаҳо ғайриимкон аст. Баҳисобгирии ибтидоӣ дар корхонаҳои тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона бояд ба хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии фаъолияти корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳо ва давомнокии давраи амалиётӣ, усулҳо ва ҳаҷми фурӯши маҳсулоти он мутобиқ карда шавад. Ҳар як хидмате, ки расонида мешавад, хусусияти хоси худро дорад ва бояд мувофиқи нақшаи ҳисобҳо оид ба баҳисобгирии дороиҳо, сармоя, ӯҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагии корхонаю ташкилотҳо ва сиёсати баҳисобгирии интихобшудаи корхона ба қайд гирифта шавад. Ташкили оқилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ низоми амалии татбиқи усулҳо ва тарзҳои инъикоси амалиётҳои хоҷагидорӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирии куллӣ ва ҷузъӣ мебошад, ки назорат ва таҳлили самарабахши вазъи корхонаҳои тиҷорати меҳмонхона ва тарабхонаро бо сарфи ҳадди ақали меҳнат ва хароҷоти пешбарии ҳисобдорӣ таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Гафарова М.Т. Особенности организации бухгалтерского учета предприятиями туристической сферы / Гафарова М.Т. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2021, №2(36) – С. 153-159.
2. Глущенко А.В., Самедова Э.Н. Развитие методики производственного учета в индустрии питания / Глущенко А.В., Самедова Э.Н. //Вестник Академии знаний. – 2020. - №37(2) – С. 86-95.
3. Доходы предприятий. Положение по бухгалтерскому учету «ПБУ 6/2001» введенное Приказом Министерства финансов № 49 от 23.10.2001.
4. О бухгалтерском учете и финансовой отчетности: Закон Республики Таджикистан от 25.03.2011, №702. [Электронный ресурс] Режим доступа: URL: // http://minfin.tj /(дата обращения: 13.02.2017).

5. Положение по калькулированию себестоимости продукции (работ, услуг) на предприятиях и организациях Республики Таджикистан, введенный Постановлением Правительства Республики Таджикистан №210 от 12 мая 1999 года.
6. Расходы предприятий. Положение по бухгалтерскому учету «ПБУ 7/2001» введенное Приказом Министерства финансов № 50 от 23.10.2001.
7. Семикова А.С., Терещенкова Е.В. Особенности ведения бухгалтерского учета в ресторанном бизнесе/Семикова А.С. Терещенкова Е.В. // Сетевое научно-исследовательское периодическое издание «Хроноэкономика» - 2022 –№1 (35) - С. 26-34.
8. Учет материально-производственных запасов. Положение по бухгалтерскому учету «ПБУ 3/2002» введенное Приказом Министерства финансов РТ № 5 от 11.01.2002.
9. Учетная политика предприятия. Положение по бухгалтерскому учету «ПБУ 1/99» введенное Приказом Министерства финансов РТ № 135 от 24.09.1999
10. Шихатов П.И. Развитие управленческого учета на предприятиях общественного питания / П.И. Шихатов // Экономика и управление: проблемы, решения. -2018. - № 12. - С. 92-96.

УДК: 657.1

Каримов Б.Ҳ.

ТАҲЛИЛИ ТАШХИСИИ ВАЗЪИ КОРБУРДИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола вазъи татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар субъектҳои иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Мақсади мақола ошкор ва арзёбӣ кардани мушкилоти мавҷуда дар корбурди стандартҳои байналмилалӣ мебошад. Заминаҳои меъёрии танзимкунандаи раванди татбиқи стандартҳои байналмилал, сатҳи татбиқи ин стандартҳо дар субъектҳои иқтисодӣ таҳлил карда шуда, мушкилоте, ки ба татбиқи бобарори онҳо халал мерасонанд, муайян ва арзёбӣ карда шудаанд.

Калидвожаҳо: муҳити сармоягузорӣ, фазои иқтисодии ҷаҳонӣ, ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳ

11.	ноҳияи Фархор	0	0,102	0,01	0,0085	0	1	92%
12.	ноҳияи Ҳамадонӣ	0	0,064	0,007	0,006	0	1	148%
13.	ноҳияи Данғара	0	0,163	0,019	0,0135	0	1	102%
14.	ноҳияи Вахш	0	0,0324	0,0024	0,0025	0	0	100%
15.	ноҳияи Ховалинг	0,8	15,599	1,9	1,83	15,66	84	131%
16.	ноҳияи Темурмалик	0	1,704	0,113	0,076	0	3	114%
17.	ноҳияи Хуросон	0	0,078	0,007	0,004	0	0	231%
18.	ноҳияи Ҷ. Балхӣ	0	0,292	0,0354	0,034	0	3	522%
19.	ноҳияи Кабодиён	0	0,552	0,043	0,038	0,076	1	166%
20.	ноҳияи Дустӣ	0	0,728	0,0565	0,0415	0,117	3	85%
21.	ноҳияи Балҷувон	0	0	0	0	0	0	0
22.	ноҳияи Кушониён	0	0,0585	0,005	0,0046	0	0	196%
23.	ноҳияи Ҷайхун	0	0,047	0,004	0,003	0	0	133%
24.	ноҳияи Шаҳритус	0	0,348	0,03	0,025	0	2	233%
25.	ноҳияи Панҷ	0	0,2	0,0172	0,0114	0	1	154%
26.	ноҳияи Восеъ	0,876	1,123	0,118	0,127	0	12	196%
27.	ноҳияи Ёвон	0,108	6,293	0,281	0,284	1,033	31	362%
28.	ноҳияи Айнӣ	0	0,041	0,0034	0,0031	0	0	90%
29.	ноҳияи Деваштич	0	0,99	0,072	0,059	0,0155	1	157%
30.	ноҳияи Зафаробод	0	0,068	0,01	0,005	0	1	84%
31.	ноҳияи Исфара	0	3,73	0,304	0,262	0,827	16	133%
32.	шаҳри Гулистон	0	16,534	2,547	2,228	0	7	107%
33.	шаҳри Конибодом	0	2,629	0,216	0,198	0,944	6	119%
34.	ноҳияи Мастчоҳ	0	0,428	0,034	0,027	0	2	81%
35.	ноҳияи Спитамен	0,013	1,865	0,165	0,149	0,486	2	111%
36.	шаҳри Панҷакент	0,209	7,754	0,624	0,559	2,206	25	116%
37.	ноҳияи Ҷ. Расулов	0,0696	2,636	0,332	0,323	0,019	7	202%
38.	шаҳри Истаравшан	0,054	6,426	0,598	0,56	2,198	30	165%

39.	ноҳияи Б. Ғафуров	2,94	14,207	2,0	2,056	9,396	87	121%
40.	шаҳри Бустон	0,196	6,78	0,76	0,73	4,058	41	135%
41.	ноҳияи Ашт	0,031	0,229	0,019	0,014	0	0	207%
42.	шаҳри Хоруғ	0	1,684	0,164	0,153	0	3	262%
43.	РААК	-	-	2,428	4,785	-	-	-
44.	**Дар ҷумҳурӣ**	202,9866	498,4439	64,3445	63,6796	239,7455	2880	-

Манбаъ:fђtsвtslf нӨәtєffş kdʒflsӨf Ө dzнtslf N kdʒcktєff

Ҳамин тариқ, дар 10 моҳи аввали соли 2023 андозҳои ҳисобшуда аз фаъолияти тиҷорати электронӣ 73 182 018 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба 10 моҳи аввали соли 2022 ба маблағи 18 444 587 сомонӣ афзоиш ёфтааст. Аз ҳаҷми умумии маблағҳои андозии дар давраи таҳлилӣ ҳисобшуда соли 2022 дар маҷмуъ ба маблағи 51 957 954 сомонӣ ва соли 2023 ба маблағи 71 906 030 сомонӣ пардохт гардидааст.

Дар баробари ин, аз маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин бар меояд, ки рушди фаъолияти тиҷорати электронӣ дар мамлакат ба ҳалли баъзе аз мушкилоти таъмини ҷойи кор ва дар ин замина ба даст овардани музди меҳнат низ мусоидат менамояд. Соли 2022 шумораи нафарони ба ҳайси коргар ҷалбгардида 2 696 нафарро ташкил дода, соли 2023 ин шумора ба 3 302 нафар расидааст, ки нишондоди соли 2023 нисбат ба соли 2022 1,23 маротиба зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маъмурикунонии андоз тавассути амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаи андоз ва такмили низоми андозбандӣ ба роҳ монда шудааст, зеро сатҳи нокифояи вазифаҳои идоракунии андоз аз ҳар ҷиҳат метавонад ҳам ба давлат ва ҳам ба андозсупорандагон зарари ҷиддӣ расонад. Пеш аз ҳама, ин аз рӯйи эҷоди монеаҳо дар фаъолияти иқтисодӣ ва сари вақт ҳисоб ва пардохт нагардидани андозҳо муайян карда мешавад.

Доир ба роҳҳои такмили маъмурикунонии андоз назарҳо зиёд ва мутафовитанд. Масалан, Касирова Ф. дар таҳқиқоти илмии худ равандҳои банақшагирии андоз, назорати андоз, танзими андоз ва бақайдгирии андозро ба вазифаҳои маъмурикунонии андоз таалуқ донистааст. Воқеан, ба андешаи мо низ, агар маъмурикунонии андоз воситаи муассири ҷамоварии андоз бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиатҳои андозситонанда ва андозсупоранда бошад, пас мафҳум ва моҳияти илмии равандҳои мазкур ба он ишора мекунанд, ки ин равандҳо ба сифати унсурҳои муҳими вазифаҳои маъмурикунонии андоз баромад мекунанд. Таҳлили маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2018-2022 шумораи андозсупорандагон ба ҳисоби миёна ҳамасола дар сатҳи 1,4% ва соли 2022 нисбат ба соли 2018 5,8% афзоиш ёфтааст, вале дар ин давра шумораи кормандон дар мақомоти андоз бетағйир боқӣ мемонад. Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ [3, с.189]дар чунин шароит ба ҳар як корманди мақомоти андоз назорати иҷрои ӯҳдадориҳои 185 нафар андозсупоранда рост меояд, ки ин яке аз мушкилоти муҳими соҳаро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо дар ин гуна шароит рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ, яъне татбиқи технологияҳои муосир яке аз заминаҳои муҳими ҳалли ин мушкилот баромад мекунад.

Ибтидо аз соли 2019 пас аз қабули Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди автоматикунонии низоми андози мамлакат тақвият ёфта, имрӯз самаранокии фаъолияти мақомоти андози кишвар ба тадриҷ боло рафтааст. Ин далели он аст, ки дар шароити муосир татбиқи технологияи рақамӣ омили муҳими ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар заминаи назорати онлайнӣ ба шумор меравад. Чунончӣ татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми идоракунии андози кишвар метавонад ба коҳиш додани хароҷоти ташкили фаъолияти мақомоти андози ҷумҳурӣ ва самаранокии фаъолияти кормандони он мусоидат намояд.

Аз таҳқиқоти илмии Халифазода С. [5-с.108] чунин бар меояд, ки дар давраи солҳои 2018-2021 хароҷоти буҷети давлатӣ барои маблағгузории фаъолияти мақомоти андоз тамоюли афзоишёбӣ дошта, шумораи воқеии кормандоне, ки вазифаи маъмурикунонӣ ва назорати андозро иҷро менамоянд, тағйир наёфтааст. Вале бо вуҷуди ин, ҷамоварии пардохтҳои андозӣ ва ҷаримаҳо тамоюли ноустувор дошта, таҳқиқи омилҳои воқеии таъсиррасонро ба миён меоварад.

Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, бо вуҷуди пешниҳод гардидани миқдори кофии усулҳои гуногун масъалаи интихоби меъёр (критерия)-ҳои баҳодиҳии фаъолияти мақомоти андоз то ҳол ҳалталаб боқӣ мемонад. Зеро меъёрҳои мавҷуда ҳам аз ҷиҳати заминаи иттилоотӣ ва ҳам аз ҷиҳати мақсади истифода аз ҳам фарқ мекунад. Аз ҷониби бархе аз муҳаққиқон[2, с.78-90], барои баҳодиҳии маҷмӯии самаранокии фаъолияти мақомоти андоз коэффитсиенти ҳисобкунии андоз пешниҳод гардидааст, ки ҳамчун ҳиссаи андозҳои мустақилона пардохтнамудаи андозсупорандагон дар маблағи умумии андозҳои пардохтшуда ҳисоб карда мешавад. Он имкони ба назар гирифтани хусусияти ҳамкории байни андозсупорандагон ва мақомоти андозро фароҳам оварда, ба таври муайян ба сифати чунин ҳамкорӣ баҳо медиҳад.[4, с.69-74]. Дар баробари ин, онҳо меъёри дигар, яъне самаранокии маъмурикунонии андозро пешниҳод менамоянд, ки он дар асоси коэффитсиенти ҷамъоварии андоз муайян карда мешавад:

$$™ L \frac{Ò ‘ •}{— •} \quad (1)$$

дар ин ҷо: Кҷ-коэффитсиенти ҷамъоварӣ, ҲВА – ҳаҷми умумии воридоти андозӣ, ИА – иқтидори андоз.

Бо истифода аз формулаи 1 метавон самаранокии маъмурикунонии андозро баҳодиҳӣ кард, ки мувофиқан коэффитсиенти самаранокии иқтисодии маъмурикунонии андоз бо формулаи зерин (2) ишора меёбад:

$$™ Ô\frac{Ò ‘ •}{¤} Û\frac{—•}{—•} L \frac{Ò ‘ •}{—•} Û\frac{—•}{¤} \quad (2)$$

дар ин ҷо: Кс-коэффитсиенти самаранокии иқтисодии маъмурикунонии андоз, ҲВА – ҳаҷми умумии воридоти андозӣ, Х- ҳаҷми воқеии хароҷоти мақомоти андоз, ИА – иқтидори андоз.

Дар натиҷаи татбиқи формулаҳои болозикр таносуби ҳаҷми умумии воридоти андозӣ ва иқтидори андоз коэффитсиенти ҷамъоварии андозро ифода мекунад. Таносуби иқтидори андоз нисбат ба ҳаҷми воқеии хароҷоти мақомоти андоз бошад, коэффитсиенти бозпасгардии буҷетро ифода мекунад. Дар ин замина коэффитсиенти самаранокии иқтисодии маъмурикунонии андозро бо формулаи зерин (3) ифода намудан мумкин аст:

$$™ Ô ™ Û™ Ä(3)$$

дар ин ҷо: Кҷ – коэффитсиенти ҷамъоварӣ, Кб – коэффитсиенти бозпасгардии буҷет.

Қобили қайд аст, ки дар адабиёти муосир ба сифати яке аз критерияҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти низоми андоз фарқи суммаи даромадҳои нақшавӣ ва воқеии андоз ба буҷет пешниҳод мегардад. Умуман, дар самти асоснок намудани унсурҳои болозикри вазифаҳои маъмурикунонии андоз андешаҳо зиёд буда, ҳар яке пуркунандаи якдигар мебошанд.

Албатта усули болозикри баҳодиҳии маҷмӯии самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, ки ба муайян намудани ҳиссаи андозҳои мустақилона пардохтнамудаи андозсупорандагон дар маблағи умумии андозҳои пардохтшуда нигаронида шудааст, аз назари мо асоси воқеӣ дорад. Зеро ба андешаи бархе аз муҳақиқони ватанӣ дар таркиби механизми маъмурикунонии андоз гаронии андоз ҳамчун омили ифодакунандаи мазмуни критериявии муносибатҳои андозӣ баромад мекунад ва ҳар як субъекти хоҷагидор танҳо аз нигоҳи устувории уҳдадориҳои андозӣ метавонад омили баробарии пардохти маблағ ба буҷет гардад. Чунончӣ маъмурикунонии андоз ҷузъи пайвастаи раванди андоз буда, маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманди мурофиавиест,

ки барои фароҳам овардани шароит барои андозсупорандагон ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои андозии худ ва таъмини манфиатҳои қонунии дигар иштирокчиёни ҳуқуқи андоз мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳкими маъмурияти андоз ва кам кардани ҳаҷми андозҳои пардохтшавандаи соҳибкорон метавонад дар коҳиши гаронии андози кишвар нақш бозад.[1, с.27-35].

Ҳамин тариқ, ҳадафи маъмурикунонии андоз татбиқи сиёсати андози давлат мебошад, ки барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқие, ки қонунгузории андоз танзим мекунанд, татбиқ мегардад. Дар асл маъмурикунонии андоз барои ноил шудан ба ҳадафҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1. Иҷрои ӯҳдадориҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда;
2. Татбиқи сиёсати андоз ва вазифаҳое, ки дар назди давлат истодаанд;
3. Мустаҳкам намудани интизоми андоз;
4. Танзими муносибатҳои андоз.
5. Гузаронидани амалиёти андоз.

Аслан ҳамгироии усулҳои танзими андоз ин назорати андоз буда, ҳадафи асосии маъмурияти андоз таъмин намудани даромадҳои устувори андозӣ ба низоми буҷет мебошад. То имрӯз мақомоти андоз кӯшиш кардаанд маҷмӯи меъёрҳои гуногунҷабҳаеро таҳия намоянд, ки баҳодиҳии тамоми самтҳои фаъолияти онҳоро дар раванди маъмурикунонии андоз имкон медиҳанд. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки ин маҷмуи меъёрҳо мукаммал нестанд. Масалан, Г.Х. Алиев нишондиҳандаи сатҳи андозҳои ба таври ихтиёрӣ пардохтшударо ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосии таҳлили натиҷанокии маъмурикунии андоз пешниҳод намудааст. Тағйирёбии динамикаи ин нишондиҳанда таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти мақомоти андозро дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, зимни таҳқиқи масъала чунин хулосабарорӣ карда шуд, ки ба сифати критерияҳои муфиди самаранокии маъмурикунонии андозбандии тиҷорати электронӣ инҳоро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Сатҳи андозҳои ба таври ихтиёрӣ пардохтшуда.
2. Иқтидори андозии минтақа, яъне ҳиссаи андозҳои дар ҳудуди минтақа ҷамъоваригардида дар таркиби андозҳои ҷумҳурӣ.
3. Сатҳи пурра ба даромадҳои воқеии андозӣ табдил ёфтани иқтидори андозӣ.
4. Шумораи ҳолатҳои баҳснок;
5. Шумораи таъқиби ҷиноятӣ нисбат ба далелҳои қаллобӣ;
6. Таносуби парвандаҳои дорои ҷазои ҳадди аксар барои ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ.

Дар баробари меъёрҳои болозикр татбиқ намудани таҷрибаи кишвари Олмон, ки ба татбиқи низоми баҳодиҳии холгузорӣ асос ёфта, дар он вобаста ба категорияи ҳар як корхонаи санҷидашуда (дар асоси тасниф аз рӯи бузургӣ, инчунин мансубияти соҳавӣ) ба нозири андоз шумораи муайяни холҳо маҳсуб дониста мешаванд, мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, тадқиқот мавҷуд набудани методикаеро нишон дод, ки он арзёбии самаранокии маъмурикунонии андозро дар асоси моделсозии эконометрикӣ имкон медиҳад. Хусусияти чунин усулҳо дар қобилияти сохтани модел бо шумораи зиёди омилҳо инъикос меёбад, ки дар ин ҳангом таъсири ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ ва ҳамчунин таъсири маҷмуии онҳо ба нишондиҳандаи моделшуда муайян карда мешавад.

Зимнан, дар шароити муосири иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, таҳияи модели муосири маъмуркунонии андоз барои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад. Албатта, чун ҳадафи моделҳои дигари таҳияшаванда, ҳадаф аз таҳияи модели мазкур низ – ин таҳлили вазъи муосири маъмуркунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки он ба баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии андозҳо ва коҳиш додани сарбории маъмурӣ равона шудааст. Бо назардошти омилҳои дар заминаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дар ин самт муваффақ ба дастомада модели маъмурикунонии анзозбандии тиҷорати электронии барои Тоҷикистон мувофиқро пешниҳод менамоем. Дар доираи модели пешкашшаванда ба татбиқи як қатор тадбирҳои зерин афзалият дода мешавад.

1. Таъсиси платформаи ягонаи электронии андозбандӣ (E-Tax).
2. Таҳияи низоми рейтинги хавфи андозсупорандагон.
3. Такмили ихтисоси доимамалкунандаи кормандон ва баланд бардоштани квалификатсияи кормандони андоз.
4. Пешбурди маълумот ва таҳлили оморӣ.
5. Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии андозсупорандагон.

Дар доираи пешниҳодоти овардашуда ва дар заминаи омӯзиши таҷрибаҳои хориҷии пешқадам дар самти маъмурикунонии андоз, мо бо мақсади таҳлили вазъи муосири маъмуркунонии андоз дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне бо мақсади таҳлили омилҳои таъсиррасон ба ҷамъоварии андозҳо, аз модели регрессионӣ истифода намудем, ки он чунин ифода мегардад:

$$ДУФТЭ=\beta_0+\beta_1 \text{„ММД} \qquad (4)$$

$$МАФТЭ= \alpha_0+ \alpha_1 \text{„ДУФТЭ} \qquad (5)$$

Дар ин ҷо:

- ДУФТЭ - даромади умуми аз фаъолияти тиҷорати электронӣ.
- МАФТЭ - маблаги андозхои пардохтшуда аз фаъолияти тиҷорати электронӣ
- ММД - маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.

Моделҳои регрессионӣ (4) ва (5) - ро барои таҳлили таъсири омилҳои гуногун ба даромад аз фаъолияти тиҷорати электронӣ ва андозҳои пардохтшуда аз он истифода бурдан мақсаднок мебошад. Ҳадафи асосӣ — фаҳмидани муносибатҳои байни ММД (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ), ДУФТЭ (даромади умумии тиҷорати электронӣ) ва МАФТЭ (маҷмӯи андозҳои пардохтшуда аз фаъолияти тиҷорати электронӣ) мебошад.

Дар натиҷаи таҳия ва татбиқи модели регрессионӣ (4) ва (5) натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

$$МАФТЭ = \underset{(0.004983)}{0.058622} \text{„ДУФТЭ} + \underset{(0.790327)}{8.304643} \text{„@TREND} \qquad R^2=0.998, \quad DW=2.5$$

Ин чунин маъно дорад, ки МАФТЭ аз ДУФТЭ вобастагӣ дорад. Ҳангоми 1 воҳид афзоиш ёфтани ДУФТЭ ба андозаи 0.058622 МАФТЭ афзоиш меёбад. Компоненти @TREND ба тамоюли вақтиро ишора мекунад, ки ба динамикаи маъмурикунонии андозҳо дар тӯли вақт таъсир мерасонад. Хатои стандартӣ барои ДУФТЭ баробар ба 0.004983 ва барои @TREND баробар ба 0.790327 буда, онро ифода мекунад, ки параметрҳо бо дақиқии баланд баррасӣ шудаанд. Коэфисиенти R^2=99.81% вобастагии тағйирёбии МАФТЭ-ро аз ДУФТЭ ва тренд шарҳ медиҳад, ки арзиши хеле баланди тавзеҳот аст. Қимати DW=2.57 бошад, нишон медиҳад, ки автокоррелятсия дар хатоҳои модел вуҷуд надорад.

$$ДУФТЭ = \underset{(90.516)}{-428.8431} + \underset{(0.000841)}{0.0090661} \text{„ММД} \qquad R^2=0.958, \qquad DW=2$$

Татбиқи модели мазкур ифода мекунад, ки ДУФТЭ аз ММД вобаста аст. Ҳангоми 1 воҳид афзоиш ёфтани ММД ба андозаи 0.0090661 ДУФТЭ афзоиш меёбад. Хатои стандартӣ барои C = 90.516 ва барои ММД = 0.000841 буда, он нишон медиҳад, ки параметрҳои мазкур бо дақиқии баланд баррасӣ шудаанд. Коэфисиенти R^2=95.8% вобастагии тағйирёбии ДУФТЭ-ро аз ММД шарҳ медиҳад, ки арзиши хеле баланди тавзеҳот аст. Қимати DW=2 нишон медиҳад, ки автокоррелятсия дар хатоҳои модел вуҷуд надорад.

Хулоса моделҳои болозикр нишон медиҳанд, ки:

– муносибати назарраси байни ММД ва даромади умумӣ аз тиҷорати электронӣ (ДУФТЭ) вуҷуд дорад.

– зиёдшавии даромади тиҷорати электронӣ (ДУФТЭ) ба зиёдшавии маблағи андозҳои пардохтшуда (МАФТЭ) ба таври мусбат таъсир мерасонад.

– ду модели регрессионии пешниҳодшуда дорои қиматҳои баланд ва эътимодбахши **R-squared** ва **t-statistic** буда, тасдиқ мекунанд, ки моделҳоро барои дурнамо истифода бурдан мақсаднок аст.

Умуман, таҳияи модели муосири маъмуркунонии андоз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии андозҳо, коҳиш додани сарбории маъмурӣ ва баланд бардоштани шаффофият ва ҷалби эътимоди мардум мусоидат кунад. Модели пешниҳодшуда дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳлили вазъи муосири маъмуркунонии андоз дар Тоҷикистон таҳия шудааст ва ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мутобиқ мебошад. Илова бар ин, дар заминаи татбиқи ин модел Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад низоми андозбандиро ба сатҳи нав бардошта, даромадҳои буҷетиро зиёд намояд ва шароити тиҷоратиро беҳтар созад.

Дар ниҳояти таҳқиқот қайд кардан ба маврид аст, ки меъёрҳои зимни таҳқиқи масъала муайяншуда дар муайян намудани самаранокии иқтисодии маъмурикунонии андозбандии тиҷорати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд нақши муассир дошта бошанд, зеро онҳо дар таҷрибаи кишварҳои мутараққи татбиқи худро ёфтаанд. Инчунин татбиқи модели эконометрикии пешниҳодгардида метавонад ба муайян намудани сатҳи самарабахшии меъёрҳои пешниҳодгардида мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Ibrohimzoda, I. R. Theoretical evolution of the tax burden / I. R. Ibrohimzoda, T. S. Radjabov // The Finance and Economic Bulletin. – 2022. – No. 2(31). – P. 27-35. – EDN HLSOVL.
2. Анисимов А.Л., Мельников Ю.Б. О методиках оценки эффективности деятельности налоговых органов с позиции экономико-математического моделирования. Финансы и финансово-инвестиционный механизм. Известия УрГЭУ 1(69) 2017. С. 78-90.
3. Касирова Ф.Дж. Развитие процессов цифровизации налогового администрирования в Республике Таджикистан.) дис. … канд. экон. наук: 08.00.07 – Финансы, денежное обращение и кредит. Душанбе, 2023. – 189 с. – С.72.
4. Куницын Д.В., Синицына Е.С., Худяева Л.А. Методики оценки эффективности деятельности налоговых органов: виды, особенности, проблемы использования и пути совершенствования // Сибирская финансовая школа. 2004. №3. С. 69−74.
5. Халифазода С. Совершенствование налогового администрирования в современных условиях (на примере Республики Таджикистан) дис. … канд. экон. наук: 08.00.07 – Финансы, денежное обращение и кредит. Душанбе, 2022. – 215 с. – С.108.

УДК 378.014.4

Қурбонова Л. С., Муминзода Ҳ.И.

ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДИИ НАВСОЗИИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Модернизатсияи низоми таҳсилоти олӣ унсури муҳими рушди иқтисоди кишвар мебошад, зеро он бевосита ба сифати таҳсилот, сатҳи омода намудани мутахассисон ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсир мерасонад. Ҷанбаҳои иқтисодии навсозӣ таҳлили хароҷот ва фоида, ҷустуҷӯи моделҳои муассири маблағгузорӣ, қорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълимӣ ва ҳамкории бахшҳои давлатӣ ва хусусиро дар бар мегирад. Дар мақола механизмҳои асосии иқтисодӣ, ки ба беҳтар шудани низоми таълимӣ мусоидат мекунанд, аз ҷумла оптимизатсияи хароҷоти буҷет, сармоягузорӣ ба рақамисозӣ ва таҳқиқоти илмӣ, инчунин таҳлили таъсири тағйирот ба бозори меҳнат ва ҳаракати иҷтимоӣ баррасӣ карда мешаванд. Навсозии низоми маориф равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки на танҳо ҷузъи

молиявӣ, балки ҳадафҳои дарозмуддати стратегиро барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва беҳтар кардани сифати сармояи инсонӣ дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: низоми таҳсилоти олӣ, маблағгузории маориф, инноватсия дар соҳаи маориф, рақамисозии маориф, технологияҳои таълимӣ, бозори меҳнат, самаранокии таълим, сармоягузорӣ ба маориф, сифати таълим

Курбонова Л.С., Муминзода Х.И.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МОДЕРНИЗАЦИИ СИСТЕМЫ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

Модернизация системы высшего образования является важным элементом экономического развития страны, поскольку она напрямую влияет на качество образования, уровень подготовки специалистов и конкурентоспособность национальной экономики. Экономические аспекты модернизации включают в себя анализ затрат и выгод, поиск эффективных моделей финансирования, внедрение инновационных образовательных технологий, а также взаимодействие государственных и частных секторов. В статье рассматриваются основные экономические механизмы, способствующие улучшению образовательной системы, включая оптимизацию бюджетных расходов, инвестиции в цифровизацию и научные исследования, а также анализ влияния изменений на рынок труда и социальную мобильность. Модернизация системы образования требует комплексного подхода, включающего не только финансовую составляющую, но и долгосрочные стратегические цели для обеспечения устойчивого экономического роста и улучшения качества человеческого капитала.

Ключевые слова: система высшего образования, финансирование образования, инновации в образовании, цифровизация образования, образовательные технологии, рынок труда, эффективность образования, инвестиции в образование, качество образования

Kurbonova L.S., Muminzoda H.I.

ECONOMIC ASPECTS OF MODERNIZATION OF THE HIGHER EDUCATION SYSTEM

Modernization of the higher education system is an important element of the country's economic development, as it directly affects the quality of education, the level of training of specialists and the competitiveness of the national economy. The economic aspects of modernization include cost-benefit analysis, the search for effective financing models, the introduction of innovative educational technologies, as well as the interaction of public and private sectors. The article examines the main economic mechanisms contributing to the improvement of the educational system, including optimization of budget expenditures, investments in digitalization and research, as well as analysis of the impact of changes on the labor market and social mobility. Modernization of the education system requires an integrated approach that includes not only a financial component, but also long-term strategic goals to ensure sustainable economic growth and improve the quality of human capital.

Keywords: higher education system, education financing, innovations in education, digitalization of education, educational technologies, labor market, efficiency of education, investments in education, quality of education

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологӣ, навсозии низоми таҳсилоти олӣ барои рушди иқтисодӣ, рақобатпазирии кишварҳо ва рушди сармояи инсонӣ аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад. Мушкилоти муосир, аз қабили рақамисозӣ, тағйир додани сохтори

бозори меҳнат ва рақобати афзоянда барои кадрҳои баландихтисос, аз нав дида баромадани равишҳои анъанавии ташкили таҳсилоти олиро талаб мекунанд.

Таҳсилоти олӣ нақши дучониба дорад: аз як тараф, он барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, ки барои иқтисодиёт заруранд, асос мебошад, аз тарафи дигар, ҳамчун омили суботи иҷтимоӣ амал мекунад ва имкониятҳои баробари дастрасӣ ба рушди касбиро фароҳам меорад.

Модернизатсияи таҳсилоти олӣ бевосита бо вазифаи рушди устувор алоқаманд аст. Низоми самараноки таълим қодир аст рушди инноватсиониро ҳавасманд, сармоягузориро ҷалб ва ҷойҳои нави корӣ эҷод кунад. Дар айни замон, камбудиҳо дар идоракунии низоми таҳсилоти олӣ ба талафоти иқтисодӣ, паст шудани сифати сармояи инсонӣ ва кам будани мутахассисони ботаҷриба ба назар мерасад.

Мусаллам аст, ки рушди маориф бо пешрафти соҳаи илм пайванди ногусастанӣ дорад. Имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд [7].

Таҳқиқи ҷанбаҳои иқтисодии навсозии таҳсилоти олӣ муҳим аст, зеро он имкон медиҳад, ки механизмҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва устувории он, ки барои иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ошкор карда шаванд.

Ба андешаи олимон такмили низоми идоракунии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон модернизатсияи модели ташаккулёфтаи низоми маорифро талаб мекунад, аз ин рӯ, зарурати нишон додани сатҳи таҳсилот яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иқтисодии мамлакат ба шумор меравад, бахусус сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 92 % ба таҳсилот талабот доранд [1, с.46; 2, с.38].

Таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеаи муосир ва иқтисодиёт мавқеи калидӣ дорад. Он низоми муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки ба тайёр кардани мутахассисони баландихтисос, ки қодиранд вазифаҳои мураккабро дар соҳаҳои гуногун ҳал кунанд, равона карда шудааст. Таҳсилоти олӣ на танҳо малакаҳои касбиро таъмин мекунад, балки тафаккури интиқодӣ, қобилияти навоварӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва рушди фарҳангиро ташаккул медиҳад.

Таҳсилоти олӣ марҳилаи навбатии омӯзиш пас аз миёна мебошад, ки ба гирифтани дониш ва малакаҳои амиқ дар соҳаи интихобшуда нигаронида шудааст [3,с.37]. Он дар донишгоҳҳо, академияҳо ва институтҳое амалӣ карда мешавад, ки ҳам барномаҳои асосӣ ва ҳам махсусро пешниҳод мекунанд.

Технологияҳои инноватсионӣ дар тағйир додани раванди муосири таълим нақши муҳим мебозанд ва мутобиқшавии онро ба мушкилоти асри рақамӣ ва ниёзҳои иқтисоди дониш мусоидат мекунанд. Татбиқи онҳо равишҳои анъанавии омӯзишро тағйир, онро дастрастар, интерактивӣ ва муассиртар ва инчунин ба иқтисодиет таъсири назаррас ва рушди устувор ва рушди ҷомеаро таъмин мекунад.

Дар робита ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ санаи 28 декабри соли 2024 пешниҳод гардид, ки тайёр кардани мутахассисони самти инноватсия ва технологияҳои рақами дар заминаи Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии шаҳри Кӯлоб Донишгоҳи инноватсия ва технологияхои рақамӣ таъсис дода шавад [7].

Технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим воситаҳо, усулҳо ва равишҳои муосир мебошанд, ки дастовардҳои навтарини илм ва техникаро барои баланд бардоштани сифати таълим истифода мебаранд.

Инноватсия дар соҳаи маориф ба иқтисодиёт ҳам дар сатҳи микро ва ҳам макро таъсири назаррас мерасонад.

1. Кам кардани хароҷоти таҳсил

Технология ба оптимизатсияи захираҳо кӯмак мекунад:

* Курсҳои Онлайн ва китобҳои дарсии рақамӣ хароҷоти маводи чопиро коҳиш медиҳанд.

• Истифодаи AI барои санҷиши дониш хароҷоти омӯзгоронро коҳиш медиҳад.

* Лабораторияҳои виртуалӣ объектҳои гаронбаҳои ҷисмониро иваз мекунанд.

2. Баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат

Таҳсилоти босифат ба мутахассисони баландихтисос оварда мерасонад, ки дар баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии соҳаҳои гуногуни иқтисодиет саҳм мегузоранд.

3. Рушди бозорҳо ва соҳаҳои нав

Технологияҳои инноватсионӣ рушди Саноати EdTech (технологияҳои таълимӣ)-ро тавассути ташкили ҷойҳои корӣ ва афзоиши вуруди сармоягузорӣ ба бахш ҳавасманд мекунанд [4.с.100].

4. Афзоиши дастрасии таълим

Дастрасӣ ба таҳсилоти босифат барои шумораи бештари одамон ба афзоиши сармояи инсонӣ мусоидат мекунад, ки дар навбати ХУД БА ММД таъсири мусбат мерасонад [5, с.67; 6, с.353].

5. Баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар

Давлатҳое, ки дар раванди таълим фаъолона навоварӣ мекунанд, аз ҳисоби сатҳи баланди омодагии шаҳрвандони худ дар арсаи ҷаҳонӣ бартарӣ ба даст меоранд.

Технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф на танҳо воситаи баланд бардоштани сифати таълим, балки маҳаки муҳими рушди иқтисодӣ мебошанд. Татбиқи онҳо на танҳо ба навсозии раванди таълим, балки ташаккули модели устувори иқтисодӣ дар асоси дониш ва навоварӣ имкон медиҳад. Бартараф кардани монеаҳои мавҷуда ва сармоягузории фаъол ба рушди технология дар соҳаи маориф барои ташаккули ҷомеаи рақобатпазир ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ нигаронидашуда замина фароҳам меорад.

Маориф яке аз соҳаҳои муҳими системаи иҷтимоию иқтисодӣ буда, ба сифати сармояи инсонӣ, ҳосилнокии меҳнат, сатҳи зиндагӣ ва рақобатпазирии кишвар таъсир мерасонад. Сармоягузорӣ ба соҳаи маориф самаранокии баланди иқтисодӣ дорад, зеро он ба рушди ҳам иқтидори инфиродӣ ва ҳам ҷамъиятӣ мусоидат намуда, барои рушди устувори иқтисодӣ замина фароҳам меорад.

Самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ба маориф ин дараҷаи баргардонидани маблағҳои сармоягузорӣ мебошад, ки дар афзоиши даромад, беҳтар шудани ҳосилнокии меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ифода меебад. Он тавассути:

1. Даромаднокии сармоягузорӣ: даромаде, ки аз такмили ихтисос ба даст омадааст.

2. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ: афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), шуғл ва даромади буҷет.

3. Таъсири иҷтимоӣ: паст шудани сатҳи камбизоатӣ, беҳтар шудани саломатии аҳолӣ ва афзоиши суботи иҷтимоӣ.

Сармоягузорӣ ба таҳсилотро дар ду сатҳ баррасӣ кардан мумкин аст:

* Сатҳи инфиродӣ: хароҷоти таҳсил даромадро зиед мекунад ва дурнамои касбро васеъ мекунад.

* Сатҳи миллӣ: сармоягузорӣ ба соҳаи маориф ба рақобатпазирии кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Ҷанбаҳои асосии самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ дар соҳаи маориф

1. Афзоиши ҳосилнокии меҳнат

Маориф ба рушди малака ва дониши касбӣ мусоидат мекунад, ки ҳосилнокии меҳнатро зиёд мекунад. Кормандони баландихтисос вазифаҳои худро самараноктар иҷро мекунанд, ки ин ба рақобатпазирии ширкатҳо ва соҳаҳо таъсири мусбат мерасонад.

2. Баланд бардоштани сатҳи даромад

Байни сатҳи таҳсилот ва даромад робитаи мустақим вуҷуд дорад. Тибқи таҳқиқот, хатмкунандагони донишгоҳҳо нисбат ба коргарони дорои маълумоти миёна тахминан аз 30

фоиз то 50 фоиз дармоад зиёдтар ба даст меоранд. Ин хароҷоти истеъмолкунандагонро тавассути ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ зиёд мекунад.

3. Паст кардани бекорӣ

Мутахассисони бомаърифат дар бозори меҳнат чандирии бештар доранд, ба тағйирот осонтар мутобиқ мешаванд ва зудтар кор пайдо мекунанд. Илова бар ин, баланд бардоштани сатҳи таҳсилот ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар бахшҳои дорои арзиши иловашуда мусоидат мекунад.

Тибқи назарсанчиҳои байналмилалӣ айниҳол сатҳи бекорӣ дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон дар сатҳи паст қарор дорад, ки ин нишондиҳанда аз баланд будани сифати мутахассисон дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Аз ҷумла сатҳи бекорӣ дар Ҷопон 2,5 фоиз, Швейтсария 2,6 фоиз, Дания 2,6 фоиз, Кореяи Ҷанубӣ 2,7 фоиз, Ҳолланд 3,7 фоиз ва ИМА 4,2 фоизро ташкил медиҳад [8].

4. Тақвияти иқтидори инноватсионии иқтисодиет

Маориф барои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳои технологӣ асос мебошад. Сармоягузорӣ ба таҳсилоти олӣ ва рушди илмӣ боиси пайдоиши технологияҳо ва соҳаҳои нав мегардад, ки рақобатпазирии иқтисодиетро афзоиш медиҳад.

5. Манфиатҳои иҷтимоӣ

Ғайр аз таъсири иқтисодӣ, сармоягузорӣ ба соҳаи маориф сатҳи ҷиноятқориро коҳиш медиҳад, ба беҳбуди саломатии аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳаракати иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ин омилҳо муҳити устувори иҷтимоиро барои рушди дарозмуддати иқтисодӣ фароҳам меоранд.

Масъалаҳои арзёбии самаранокии иқтисодӣ

1. Хусусияти дарозмуддати сармоягузорӣ

Натиҷаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф на фавран, балки дар тӯли солҳо ва ҳатто даҳсолаҳо ба назар мерасанд. Ин арзёбии самаранокии онҳоро дар муддати кӯтоҳ мушкилтар мекунад.

2. Нобаробарӣ дар дастрасӣ ба таҳсилот

Нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ дастрасиро ба таҳсилоти босифат маҳдуд карда, даромади умумии сармоягузориро коҳиш медиҳад.

3. Номувофиқии малакаҳо ба талаботи бозори меҳнат

Агар системаи маориф ба мушкилоти муосир мутобиқ карда нашуда бошад, он метавонад самараи пешбинишудаи иқтисодиро ба бор наорад.

4. Набудани усулҳои ягонаи арзёбӣ

Андозагирии самаранокии сармоягузорӣ дар соҳаи маориф душвор аст, зеро он омилҳои зиёди иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад.

Сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ

Давлат дар маблағгузории таҳсилот, бахусус таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна нақши муҳим мебозад. Сармоягузории хусусӣ, аз ҷумла хароҷоти хонаводаҳо ва ширкатҳо барои такмили ихтисоси кормандон низ ҳиссаи назаррасро ишғол мекунад.

Модели омехтаи маблағгузорӣ, ки аз субсидияҳои давлатӣ, грантҳо, қарзҳои таълимӣ ва таҳсили пулакӣ иборат аст, имкон медиҳад, ки устувории системаи маориф ва фоидаи иқтисодии он баланд бардошта шавад.

Механизмҳои робитаи модернизатсияи маориф ва рушди иқтисодӣ

1. Ташаккули сармояи инсонӣ

Системаи муосири таълим ба ташаккули мутахассисони баландихтисос, ки дорои малакаҳои дар иқтисодиети инноватсионӣ талабшаванда мебошанд, мусоидат мекунад. Ин сифати захираҳои меҳнатиро беҳтар мекунад, ҳосилнокии онҳоро баланд мебардорад ва барои рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам меорад.

2. Рушди инноватсия ва технология

Маориф манбаи таҳқиқоти илмӣ ва пешрафти технологӣ мебошад. Донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ бо истифода аз усулҳои муосири таълим ва тадқиқот барои эҷоди навовариҳое, ки рақобатпазирии иқтисодиетро баланд мебардоранд, асос мешаванд.

3. Паст шудани нобаробарӣ ва афзоиши ҳаракати иҷтимоӣ

Таъмини дастрасии баробар ба таҳсилот тавассути татбиқи технологияҳо ва барномаҳои муосир ба коҳиши фарқияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҷомеаи босавод барои афзоиши истеъмол потенсиали бештар дорад, ки рушди бозори дохилиро ҳавасманд мекунад.

4. Мутобиқшавӣ ба тағйироти бозори меҳнат

Тағйироти босуръати муҳити иқтисодӣ омӯзиши мутахассисонеро талаб мекунад, ки қобилияти кор бо технологияҳои нав ва омӯхтани касбҳои навро доранд. Модернизатсияи таълим чандирии системаро таъмин мекунад, ки қодир аст ба ин тағирот мутобиқ шавад.

5. Ҷалби сармоягузорӣ

Низоми босифати таҳсилот ва тахассуси баланди қувваи корӣ сармоягузории мустақими хориҷиро ба иқтисодиёти кишвар ҷалб мекунад. Масалан, ширкатҳои фаромиллӣ бартарӣ медиҳанд, ки воҳидҳои худро дар минтақаҳое ҷойгир кунанд, ки кормандони соҳибихтисос дастрасанд.

Модернизатсияи маориф ва рушди иқтисодӣ бо ҳам алоқаманданд: якум шарти асосии дуюм аст. Сармоягузорӣ ба таҳсилот ва мутобиқсозии системаи таълимӣ ба мушкилоти муосир ба ташаккули сармояи босифати инсонӣ, рушди иқтидори инноватсионӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Давлатҳое, ки ин робитаро дарк мекунанд, бартариҳои назарраси иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба даст меоранд, ки модернизатсияи таълимро ба яке аз вазифаҳои стратегӣ дар муҳити рақобати ҷаҳонӣ табдил медиҳанд.

Шарикии байни донишгоҳҳо ва тиҷорат як механизми муҳим барои ҳалли мушкилоти иқтисоди муосир дар асоси дониш мебошад. Ин ҳамкорӣ ба навоварӣ, тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Рушди чунин шарикӣ дар шароити рақамисозӣ, ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръати технология торафт муҳимтар мегардад.

Одатан, донишгоҳҳо ду вазифаи асосиро иҷро мекарданд: таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ. Аммо, дар шароити ҷаҳони муосир нақши онҳо васеъ шуд: онҳо на танҳо марказҳои дониш, балки иштирокчиёни калидии рушди иқтисодӣ низ шуданд. Барои тиҷорат, дар навбати худ, шарикӣ бо донишгоҳҳо дастрасӣ ба рушди илмӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва мутахассисони боистеъдодро таъмин мекунад.

Рушди шарикӣ байни донишгоҳҳо ва тиҷорат як самти муҳими стратегӣ мебошад, ки метавонад робитаи байни илм, маориф ва иқтисодро мустаҳкам кунад. Он ба суръат бахшидани пешрафти технологӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ҳам корхонаҳои алоҳида ва ҳам иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад. Барои ҳамкории муваффақ, бартараф кардани монеаҳои мавҷуда, таҳияи моделҳои муассири ҳамкорӣ ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванд муҳим аст.

АДАБИЁТ

1. Джураева, А. Анализ состояния рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан / А. Джураева, Х. Рустамова // Развитие системы непрерывного образования в условиях Индустрии 4.0: Материалы Международной научно-практической конференции. – Екатеринбург, 2019. – С. 45-49.

2. Джураева, А. Организационно-экономический механизм оказания инновационных образовательных услуг / А. Джураева, У.А. Джураев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – №1. – С. 35-41.

3. Джураева, А. Экономико-статистическая оценка оказываемых услуг в системе управления образованием / А. Джураева, З.Х. Ибодзода, О.Р. Таибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – №10-2. – С. 132-137.
4. Кадыров, Д.Б. Рынок труда и система подготовки кадров при переходе к цифровой экономике: теория, методология и механизм взаимосвязи / Д.Б. Кадыров, И.С. Шамсов. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 292 с.
5. Мирзозода, П.З. Обеспечение качества в товарах и услугах: ключевой аспект защиты прав человека / П.З. Мирзозода, Н.И. Муминзода // Теоретические вопросы формирования культуры прав человека в Таджикистане: Материалы международной научно-теоретической конференции. – Душанбе, 2023. – С. 66-72. – EDN TRHAZG.
6. Муминзода, М.Н. Исследование правовой основы налоговой политики в сфере предпринимательства по законодательству Республики Таджикистан / М.Н. Муминзода, Н.И. Муминзода // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 1(45). – С. 351-360. – EDN CBIUVW.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://prezident.tj (санаи муроҷиат: 30.12.2024).
8. https://tradingeconomics.com/matrix

УДК 332.1

Мансуров Ш.Т., Лутфулоев М.Д., Урунова С.А.

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПОДХОДЫ РАЗВИТИЯ МАРКЕТИНГА НА ОСНОВЕ ИНТЕРНЕТ-ТЕХНОЛОГИЙ

В статье рассматривается роль интернет-технологий в развитии маркетинга. Авторы представили взгляды ученых на роль Интернета в экономике и тщательно проанализировали их. Авторы в целом оценивают развитие Интернета как стабилизирующее влияние на мировую экономику и объясняет его причины. Также отмечено, что эффективность национальной экономики зависит от уровня информатизации и использования Интернета, проанализировано мнение экспертов и ученых. На основе этого оценена роль интернет-маркетинга в экономике и рассмотрено его отличие от традиционного маркетинга. Отмечено, что цифровой маркетинг или интернет-маркетинг – это стратегия продвижения товаров и услуг с использованием цифровых технологий. По мнению авторов, разработка новых моделей интеграции интернет-технологий в маркетинговую деятельность являются основными шагами для отечественных компаний и способствуют повышению конкурентной устойчивости и эффективности работы.

Ключевые слова: Интернет-технологии, интернет-маркетинг, цифровой маркетинг, стратегия продвижения продукции, конкурентная устойчивость, экономическая эффективность, маркетинговая деятельность, электронные рынки.

Мансуров Ш.Т., Лутфулоев М.Д., Урунова С.А.

РАВИШҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ РУШДИ МАРКЕТИНГ ДАР АСОСИ ИНТЕРНЕТ-ТЕХНОЛОГИЯҲО

Дар мақола нақши Интернет-технологияҳо дар рушди маркетинг баррасӣ карда шудааст. Муаллифон нуқтаи назари олимонро доир ба нақши интернет дар иқтисод оварда, онро ҳамаҷониба таҳлил намудаанд. Дар умум рушди интернетро ҳамчун таъсири

мувозиннамоии иқтисоди ҷаҳонӣ арзёбӣ намуда, сабабҳои онҳо шарҳ дода шудааст. Ҳамчунин қайд карда шудааст, ки самаранокии иқтисоди миллӣ аз сатҳи иттилоотонӣ ва истифодаи Интернет вобаста аст ва доир ба ин ақидаи коршиносону олимон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Вобаста ба ин нақши интернет-маркетинг дар иқтисод арзёбӣ шуда, фарқияти он аз маркетинги анъанавӣ дида баромада шудааст. Қайд шудааст, ки маркетинги рақамӣ ё интернет-маркетинг ин стратегияи пешбурди мол ва хизматрасонӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ мебошад. Ба андешаи муаллифон, коркарди моделҳои нави ҳамгироии интернет-технологияҳо дар фаъолияти маркетингӣ қадамҳои асосӣ барои ширкатҳои ватанӣ буда, барои баландбардории устувории рақобатӣ ва самаранокии фаъолияти корӣ мусоидат менамоянд.

Вожаҳои калидӣ: Интернет-технологияҳо, интернет-маркетинг, маркетинги рақамӣ, стратегияи пешбурди мол, устувории рақобатӣ, самаранокии иқтисодӣ, фаъолияти маркетингӣ, бозорҳои электронӣ

Mansurov Sh. T., Lutfuloev M.D., Urunova S. A.

CONCEPTUAL APPROACHES TO MARKETING DEVELOPMENT BASED ON INTERNET TECHNOLOGIES

The article examines the role of Internet technologies in the development of marketing. The author presented the views of scientists on the role of the Internet in the economy and carefully analyzed them. The author generally assesses the development of the Internet as a stabilizing influence on the global economy and explains its causes. It is also noted that the effectiveness of the national economy depends on the level of informatization and use of the Internet, the opinions of experts and scientists are analyzed. Based on this, the role of Internet marketing in the economy is assessed and its difference from traditional marketing is considered. It is noted that digital marketing or Internet marketing is a strategy for promoting goods and services using digital technologies. According to the author, the development of new models for integrating Internet technologies into marketing activities are the main steps for domestic companies and contribute to increasing competitive sustainability and work efficiency.

Keywords: Internet technologies, Internet marketing, digital marketing, product promotion strategy, competitive sustainability, economic efficiency, marketing activities, electronic markets.

Роль Интернета для экономики трудно переоценить. Он не только открывает уникальные возможности для работы с информацией, но и способствует решению множества экономических проблем на разных уровнях - от международного до локального. Кроме того, сегодня по объективном соображениям, система Интернет-технологии превратилось в поле осуществления различного рода деятельности, в частности в виртуальный рынок товаров и услуг. Этим объяснятся то, что сегодня интернет не только средство управления информации, но и средство открывающие широкий возможности для осуществление различных операции.

Самое главное является то, что посредством интернета при осуществлении бизнес операции существенно удаётся сократить транзакционных издержек. Этим Интернет - технологии отличаются от традиционного подхода, что способствует роста оборота коммерческой деятельности и тем сам является новой платформой развития. Таким образом, сегодня на основе применения информационных технологий не только процесс управления данными, но и процесс производство сбыть, маркетинг и финансы возможно управлять через систему интернет. Одновременно с этой системой Интернет - технологии обеспечивается тесное воздействие с внешним миром. По этому поводу российской ученый Симонов Ю отметил, что «… Интернет представляет собой новое измерение экономической глобализации» [8]. Развитость интернет технологий и его применение в практику дают предприятиям такие преимущества как расширению объема продаж, нахождение новых

рынков сбыта и т.д. Самое главное при такой форме бизнеса местонахождение предприятия не имеет значение, поскольку интернет позволяет фирмам войти в глобальный мир. Однако оно не освобождает от участия в конкуренции. Но компании имеющее новые технологии развитию сеть интернет обладает конкретное преимущество на мировом рынке.

Отсюда исходит, что требуется постоянно совершенствовать новые технологии и разрешить доступа к интернету. Об экономии транзакционных издержек посредством Интернет - технологии в мировой экономике очень много примеров. В частности, в одной из источников отмечено что: «… По оценкам специалистов в США электронные сделки привело к росту ВПП на 25% в году». Вклад интернет технологии в основном осуществляется за счет экономии издержек и сокращение времени сделки.

В целом развития Интернет – технологии в системе бизнеса является выгодном по некоторым причинам:

- Создаются более быстрые и эффективные информационные сети между участниками рынка.
- Сокращаются сроки обращения денежных средств благодаря электронным платежным системам.
- Увеличиваются возможности для конкуренции.
- Ускоряется выход новых товаров и услуг на рынок и их доступность для потребителей.

Эффективность функционирования национальной экономики зависит от развитости применения Интернет - технологии в обычной хозяйственной жизни. Уровень информатизации и использования Интернета в современных условиях, где в экономике Таджикистана применяется меры по формирования цифровой экономики становится особо важным. Отсюда важность широкого использования новейших информационные технологий на уровне фирм. Этот подход исходит, то есть получило подтверждение из зарубежного опыта.

Например, профессор Хэнсон из Стэндфордского Университета подчеркивает, что Интернет меняет подход бизнеса к пользу потребителей. Этот шаг является важным и одной из главных задач современного маркетинга [12, с.42]. Информатизации и использования Интернета открывает множество возможностей для внедрения инноваций, создания брендов, формирования маркетинга и продаж, цен, а также для входа в новые рынки и каналов распределения.

Переход к Интернету изменил бизнес-модели, сделав акцент на индивидуальное производство вместо массового, ускорив производственные процессы и сместив акценты с материальных товаров на знания и интеллектуальные ресурсы. Использование информационных технологий помогает значительно сократить время производства на всех его этапах, улучшая связь между подразделениями.

Финансовое операции который осуществляется по средству интернет технологии сокрушает бюрократический процедур и тем самым увеличивает активность, скорость и денежный кредитный отношений. Самое главное взаимодействие между производителем, потребителям, поставщиками становится доступный в один момент тем самым способствует повешения эффективности процесс снабжение и распределении. Один из выдающихся специалистов маркетинга на основе многолетних исследований схематично изобразим процесс переход к электронному бизнесу современной условиях [6].

Эта схема наглядно показывает суть изменений и преимущества, которые дает переход к электронному бизнесу. Другие исследователи, такие как Кибизова И., Курицкий А., Пейтел К. и Хартман А., считают, что использование Интернета увеличивает эффективность компаний главной за счет снижения затрат, что, в свою очередь, способствует росту прибыли [3,4,7,11].



Рис.1. Отличительные черты традиционного и электронного бизнеса

Это мнение, на наш взгляд, абсолютно обоснованно: правильное использование интернет-технологий может значительно повысить добавленную стоимость, особенно за счет снижения организационных и коммерческих расходов. К таким расходам относятся: затраты по исполнению контрактов, расходы рекламы, поиск информаций и т.д. По средству интернет технологии все транзакционный издержки можно сократит в частности затраты на маркетинговые исследование.

Широкое использование социальных сетей в истеме Интернет – технологии могут быть хорошей агитацией, пропагандой через рекламу, что является дешевле, чем рекламы и в телевидение. Однако, хотелось бы отметит что значаение и место каждый типа, вида рекламы имеет свое разное значение в системе маркетинга. Например, у телевидение другой аудитории, но тем мнение сегодня большинство потребителей сегодня предпочитает Интернет - технологий.

Кроме того, посредством использования системе электронный почти взаимоотношение между партнёрами можно значительно сократить затрат, чем расходы на командировки и переговоры. Все это позволяет значително сэкономить расходы. В сети доступно множество бесплатных ресурсов и информации о рынке, потребителях и конкурентах. Ранее для исследований использовались опросы и фокус-группы, что требовало значительных затрат. С появлением интернета такие исследования можно проводить гораздо дешевле.

Общеизвестно, что транзакционный издержки является прерогативой институциональный экономической теории. Отсюда можно отметит, что электронный бизнес вполне соответствует к этой теории. Но осуществление маркетинговой деятельности в системе Интернет - технологии даёт предприятиям дополнительный выгоды, которое является брендами. Отсюда можно сказать, что развитие интернета является стратегией брендовых компаний. Это даёт возможность удержать клиентов, развитие взаимовыгодных отношений и принятия эффективных управленческих решений. Кроме того, у таких предприятий, которые имеют собственные бренды в стратегии формирование информации о потребителей, полезных свойств продуктов Интернет – технологии используется значительно шире. Использую интернет технологий брендовый компании осуществляет индивидуальный подход каждому клиенту. Этим обеспечивается интерактивность. Самое главное посредством интернета обеспечивается моментальный контакт производителя с клиентом. Одним из аспектов имеющее позитивное значение Интернет – технологии, которого нет у других средствах связи, является то, что компании имеет хорошие возможности осуществляет прямой контакт с

конкретными агентами. Это позволяет не только рекламным, но и брэндингом компаниям формировать свой собственный целевой аудитории.

Кроме того, при прямом контакте через систему Интернет - технологии производители могут получить ценные советы от потребителя по поводу улучшении качества товаров для того чтобы удовлетворять потребности клиентов. Этим положением Интернет - технологии становится особым рынком, где потенциальные клиенты предъявляет интерес для покупки товаров. Такой подход, осуществляемые Интернет – технологией активно используется в управлении взаимоотношениями с клиентами (CRM). Эта система возникла из требований клиентов, что необходимо учитывать при производстве продукции и услуг, чтобы отразить индивидуальных нужд клиентов. В экономической науке отмечено, что CPM является системой, где от начала организации производства до продаж и после продажного обслуживания, работа с клиентами рассматривается в одной системе маркетинговых исследований, которого было отмечено со стороны русского ученого Юрасова А. [13].

Если рассмотреть историю, в теории и практики система CPM появилась впервые в 80-х годов прошлого века. Поскольку развития информационных, также системе Интернет - технологии позволю внедрят такую систему. Это система подразумевает формировании информации о клиентах в одной базе, их систематизации и анализ особенностей. Однако до формирования системе интернета в качества CPM приминались разную программу, но их возможности были ограничены.

Однако в Интернете этот процесс стал простым и автоматизированным, что существенно уменьшает затраты и экономит время и ресурсы.

Главное преимущество использования Интернет - технологии в CRM - это возможность интерактивного общения с потребителями. Это, в свою очередь, увеличивает результативность взаимоотношений, что отражается в эффективности системе управлении. В этом ракурсе производится анализ конкретных преимуществ на основе спроса клиента. По средству системе интернет улучшается организации работы с посредниками, что повышает эффективность продвижение товаров. Повышается гибкость к изменению конъюнктура рынка на основе которого можно переорганизовать изменение спроса и предложении.

- Увеличение доходов за счет расширения клиентской базы и удержания текущих клиентов.

Таким образом, интернет-технологии значительно повышают эффективность работы компаний, что затрагивает не только CRM, но и все аспекты бизнес-деятельности. Это приводит к улучшению работы предприятий, что, в свою очередь, влияет на национальную экономику. Мы считаем, главным отличием традиционного и интернет-маркетинга является данные приведённые в таблица 1.

Таблица 1. Отличие традиционного маркетинга от маркетинга на основе интернет-технологий

Аспект	Традиционный маркетинг	Интернет-маркетинг
Канал коммуникации	Телевидение, радио, печатные СМИ	Социальные сети, сайты, email
Охват	Локальный или национальный	Глобальный
Обратная связь	Односторонняя	Двусторонняя
Затраты	Высокие	Гибкие (зависит от платформы)
Аналитика	Ограниченная	Инструменты Big Data, web-аналитика
Креативность	Акцент на визуальные элементы	Комбинация текста, графики и мультимедиа
Пример компании	Coca-Cola (рекламы на ТВ)	Amazon, Google Ads

Источник: составлено автором на основе изученной зарубежной и отечественной литературы: [1, 2]

Резюмируя сказанное, мы приходим к выводу, что на развитие интернет-маркетинга повлияло внедрения базовых электронных инструментов, таких как email-рассылки и web-страницы, и эволюционировало до использования ИИ и больших данных. В развитии интернет технологий лидируют Западные страны благодаря инвестициям в инфраструктуру и инновации. Например, такие как США (Amazon) и Китай (Alibaba) которые задают мировые тренды. В странах СНГ наблюдается рост электронной коммерции, но есть проблемы с инфраструктурой и квалификацией кадров. Развитие программ обучения и стимулирование малого бизнеса остаются ключевыми задачами.

Цифровой маркетинг - это стратегия продвижения товаров и услуг с использованием цифровых технологий. Он включает в себя такие инструменты, как поисковая оптимизация, контент-маркетинг, социальные медиа, электронная почта и другие. Цифровые технологии позволяют компаниям достичь более широкой аудитории, улучшить взаимодействие с клиентами и повысить эффективность маркетинговых кампаний.

Одним из основных преимуществ цифрового маркетинга является его способность достигать целевой аудитории с меньшими затратами. В отличие от традиционных методов маркетинга, таких как телевидение или печатная реклама, цифровой маркетинг позволяет точно определить свою целевую аудиторию и нацелиться на нее. Это позволяет экономить ресурсы и получать более качественные результаты.

Цифровизация маркетинга – это процесс применения цифровых технологий и инноваций для улучшения эффективности маркетинговых стратегий и тактик [5]. Она стала неотъемлемой частью современного бизнеса и играет ключевую роль в достижении успеха.

Всё же ключевым аспектом является сам маркетинг, который требует глубокого изучения рынка и потребителей. Эффективность экономической системы зависит от успешной реализации маркетинговой стратегии, что, согласно профессору Хэнсон У., подразумевает целенаправленное управление для достижения высокой прибыли и устойчивых позиций на рынке за счет удовлетворения потребностей покупателей.

В отличие от интернет-маркетинга, электронная коммерция представляет собой торговую деятельность, которая осуществляется непосредственно в сети или с использованием интернет-технологий. Электронная коммерция является частью интернет-маркетинга.

Происходящие в настоящее время значительные изменения в производстве, технологиях, науке и коммуникациях с одновременным ростом масштабов и сложности коммерческой работы обуславливают выбор предприятиями концепции маркетинга как основы своей деятельности [12, с.7].

Здесь уместно отметить, что в последние годы все более важную роль в интернет-маркетинге начали играть технологии искусственного интеллекта (ИИ). Эти технологии позволяют анализировать большие объемы данных и предлагать более точные рекомендации пользователям. ИИ и машинное обучение в маркетинге: Крупные компании, такие как Google и Facebook, начали использовать ИИ для анализа поведения пользователей и автоматизации маркетинговых кампаний. Важный вклад в развитие ИИ в маркетинге внесли такие специалисты, как Андрю Н., который активно развивает и продвигает машинное обучение и его применение в различных отраслях.

Теперь в нынешнее время начиная с 2020 по сей день начали появляться всё новые модели и подходы в интернет-маркетинге. Одним из самых современных направлений стало использование VR и AR в маркетинге. Эти технологии позволяют создавать уникальные пользовательские опыты, вовлекая аудиторию на новом уровне. Такие компании, как IKEA и L'Oréal, активно внедряют VR и AR в свои маркетинговые стратегии, позволяя пользователям визуализировать продукты в их собственных домах или примерять косметику в виртуальном пространстве.

Интеграция информационных технологий в маркетинг привела к изменениям в его элементах и к появлению новых инструментов для реализации маркетинговых кампаний в интерактивной среде.

В заключении можно говорить, что совершенствование маркетинговой деятельности с использованием интернет-технологий прошло через несколько ключевых этапов, каждый из которых был отмечен новыми подходами и методами. Эти подходы помогли трансформировать маркетинг, сделав его более эффективным, персонализированным и ориентированным на нужды клиентов. Разработка новых моделей интеграции интернет-технологий в маркетинговой деятельности, адаптированных к условиям цифровой экономики, является важным шагом для современных компаний в Республике Таджикистан, стремящихся улучшить свои конкурентные позиции и повысить эффективность своей работы.

Несмотря на высокий потенциал интернет-маркетинга, Таджикистан пока отстает от западных стран и стран СНГ в этой области. Хотя электронный бизнес через сети интернета в Таджикистан началась недавно, и не уклонно растёт, но пока у компаний нет четких методик и алгоритмов для работы на электронном рынке, что также подчеркивает актуальность темы исследования.

ЛИТЕРАТУРА

1. Anderson, Chris. The Long Tail, 2006
2. Philip Kotler. Marketing Management, 2016
3. Кибизова И., Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук., Применение Интернет-технологий в маркетинговой деятельности организации. - М., 2002.
4. Курицкий А. Интернет-экономика: закономерности формирования и функционирования. - СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского Университета,2000.
5. Лутфулоев М.Д. Методологические основы цифровизации маркетинга. Перспективные исследования в технических и естественных науках: сборник статей международной научной конференции (Великий Новгород, Март 2024). – СПб.: МИПИ им.Ломоносова, 2024. – 64 с. С. 45-49
6. Мине Г., Шнайдер Д. Метакапитализм и революция в электронном бизнесе. - М.: Альпина Паблишер, 2001. -С.33
7. Пейтел К. Секреты успеха в электронном бизнесе. - СПб.: Питер, 2002
8. Симионов Ю. Информационные технологии в экономике. - Ростов н/Д.:«Феникс», 2003.- С.20.
9. Успенский И. Интернет как инструмент маркетинга. - СПб.: БХВ -Петербург, 1999. -С.82.
10. Успенский И. Энциклопедия Интернет-бизнеса. - СПб.: Питер, 2001. -С.68.
11. Хартман А., Сифонис Д. Стратегии успеха в Интернет-экономике. -М.: Изд-во «ЛОРИ», 2001
12. Хэнсон У. Интернет-маркетинг. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2001. -С.42
13. Юрасов А. Электронная коммерция. - М.: «Дело», 2003. -С.86.

УДК 338.48

Машокиров Ҷ.Н.

САЙЁҲӢ ДАР ПАЙРОҲАИ СУЛҲИ ҶАҲОНӢ

Мақолаи “Сайёҳӣ дар пайроҳаи сулҳи ҷаҳонӣ” - ба нақши сайёҳӣ дар таҳкими сулҳ ва ҳамкории байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар он сайёҳӣ на танҳо ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ, балки ҳамчун омили муттаҳидсозандаи миллатҳо ва фарҳангҳо баррасӣ мегардад. Муаллиф муносибати сайёҳиро ҳамчун абзори дипломатияи нарм шарҳ дода, ба аҳамияти ҳамгироии кишварҳо тавассути сафар ва мубодилаи фарҳангӣ таъкид мекунад. Дар мақола ҳамчунин мисолҳои мушаххаси ташаббусҳои сайёҳии ба сулҳ мусоидаткунандаро таҳлил намуда, нақши созмонҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳоро дар пешбурди сайёҳии устувор нишон медиҳад. Муаллиф хулоса мекунад, ки тавассути сайёҳӣ метавон фазои эътимод ва ҳусни тафоҳумро байни халқҳо тақвият дода, асосҳои сулҳи пойдорро устувор намуд.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, сайёҳ, сулҳи ҷаҳонӣ, ҳамкории байналмилалӣ, дипломатияи нарм, рушди устувор.

Машокиров Дж.Н.

ТУРИЗМ НА ПУТИ К МИРОВОМУ МИРУ

Статья “Туризм на пути к мировому миру”- посвящена роли туризма в укреплении мира и международного сотрудничества. В ней рассматривается туризм не только как инструмент экономического развития, но и как фактор, объединяющий народы и культуры. Автор раскрывает концепцию туризма как средства «мягкой дипломатии» и подчеркивает важность интеграции стран через путешествия и культурный обмен. В статье также анализируются конкретные примеры туристических инициатив, способствующих укреплению мира, а также роль международных организаций и правительств в развитии устойчивого туризма. Автор приходит к выводу, что туризм может способствовать созданию атмосферы доверия и взаимопонимания между народами, тем самым укрепляя основы долгосрочного мира.

Ключевые слова: туризм, турист, мировой мир, международное сотрудничество, мягкая дипломатия, устойчивое развитие.

Mashokirov J.N.

TOURISM ON THE PATH TO WORLD PEACE

The article “Tourism on the Path to World Peace” - explores the role of tourism in fostering peace and international cooperation. It discusses tourism not only as a tool for economic growth but also as a unifying force that brings together nations and cultures. The author highlights tourism as a form of "soft diplomacy" and emphasizes the importance of integrating countries through travel and cultural exchange. The article also analyzes specific examples of tourism initiatives that contribute to peace building, as well as the role of international organizations and governments in promoting sustainable tourism. The author concludes that tourism can help create an atmosphere of trust and mutual understanding among nations, thus strengthening the foundations of lasting peace.

Keywords: tourism, tourist, world peace, international cooperation, soft diplomacy, sustainable development.

Дар шароити имрӯза масъалаи сайёҳӣ ва сулҳ яке аз мавзуҳои мубрамест, ки ҳамаи давлатҳо, ташкилоту муассисаҳои байналмиллалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид барои

пешгирӣ аз муноқишаҳои байналмилалӣ пайваста дар мадди назари аввал мегузорад. Лозим ба ёдоварист, ки мутассифона дар олам муноқишаҳои ҷангӣ ва фарҳанги зӯроварӣ босуръат густариш ёфта истодааст. Зимни ин фаҳмидан зарур аст, ки саноати сайёҳӣ дар самти ба даст овардани ғояҳои башардӯстона ва сулҳофар чӣ гуна нақшро мебозад.

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид санаи 27 сентябри соли 2024 Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ ботантана ҷашн гирифта шуда, дар он шиори сайёҳӣ таҳти унвони “Сайёҳӣ ва сулҳ” пешбарӣ ва тасдиқ карда шуд. Дар шароити босуръати баланд зиёд гардидани муноқишаҳои мусаллаҳона, ки тамоми дунёро ноором намуда, мардуми оддиро ба ташвиш гузоштааст, эълон доштани ин шиор фақат рамзӣ ба назар мерасад. Чунки дар шиори мазкур танҳо як қатор манфиатҳои марбут ба ин фаъолият, яъне фаъолияти сайёҳии ба сулҳ нигаронидашуда зикр шудаанд. Боиси қайд аст, ки дар кишваре, ки соҳаи сайёҳии он рушд ёфта, дар он бездидҳои сайёҳӣ бештар мешавад, барои осоиштагии ҷомеа боис мегардад. Вобаста ба ин иброз доштан мумкин аст, ки фаъолияти сайёҳӣ метавонад дар пешбурди ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҳавасмандгардонии рушди устувор омили ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим бошад. Ҳамзамон, дар мавриди ҳалли муносибати байни сайёҳӣ ва сулҳ, хеле муҳим аст, ки воқеиятҳои мураккабтар ва аксар вақт зидди нақше, ки сайёҳии ҷаҳонӣ дар шароити ҳозира мебозад, баррасӣ карда шавад [6, с. 112].

Созмони Милали Муттаҳид дар гузоришҳои солонаи худ дастовардҳои нави сайёҳии байналмиллалиро пас аз давраи Covid-19 эълон намуд ва тибқи он нишондиҳандаи мазкур ба таври назаррас баланд гардидааст. Аммо, зимни ин бояд қайд намуд, ки дар тамоми ҷаҳон шумораи ҷангҳо ба 56 адад расидааст, ки дар онҳо зиёда аз 90 кишвари дунё иштирок доранд. Ин нишондиҳанда хеле ташвишовар аст, чунки вай нишондиҳандаи баландтарин пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ мебошад.

Дар шароити сулҳи сулҳи имрӯза, дар ҷаҳоне, ки дар он зӯроварӣ ҳукмфармо аст, баланд бардоштани ӯҳдадории ахлоқӣ ва сиёсӣ барои хотима додан ба ҷангҳо ва амалҳои наслкушӣ, ки ҷаҳонро хароб мекунанд, зарурати хоса дорад. Бо вуҷуди ин, вақте ки ба ин муаммо аз ҳар тараф нигоҳ мекунед, ҳамдигарнофаҳмӣ ва баланд бардоштани манфиати шахсии давлатҳо фаҳмида мешавад. Воқеан, он чизе, ки ҳоло дар Ғазза рух медиҳад, хеле ташвишовард аст.

Дар баробари ин зикр намудан зарур аст, ки миқдори фавтидагон ва захмиёни ҷанг байни Федератсияи Россия ва Украина дар байни се сол теъдоди ним миллонро фаро гирифтааст. Ин дар ҳолест, ки ҳар яке аз тарафҳои бархӯрди низомӣ роҳи ҳалли ин муноқишаро дар шикасти пурра додани ҳамдигар медонанд. Бар асари муноқишаи мусаллаҳонаи мазкур хатари сар задани ҷанги ҳастаӣ ба миён омадааст, ки он барои зинда мондани инсоният хавфи баландро дорад. Зимни ин, қайд менамоем, ки ин низоъҳое мебошанд, ки ба назар намоён буда, тариқи васоити ахбори омма шарҳ дода мешаванд. Аммо дар дигар минтақаҳои дунё ҷиноятҳои зидди башарият хеле бисёр буда, дар ягон ҷо ифшо ё нашр намегардад. Масалан, дар Африка, ки дар он қисми назарраси сарватҳои табиии барои такроистеҳсолкунии сармоя зарурбуда вуҷуд дорад, задухӯрдҳо ва низоъҳои ҷангӣ хеле зиёд мебошанд. Аз ҷумла, ҷанге, ки дар Судон идома дорад, аллакай талафотҳои калони ҷониро дар ҳудуди яксаду панҷоҳ ҳазор нафар фаро гирифтааст ва гуруснагии шадидро дар байни аҳолии осоишта ба миён овардааст.

Воқеияти имрӯзаи ҷаҳон хеле шадиду ташвишовар буда, маҳз сайёҳӣ метавонад равише бошад, ки равандҳои оромбахшро муҳайё намояд. Боиси таассуф аст, ки дар минтақаҳое, ки инфрасохтори номукаммали сайёҳиро соҳибанд беш аз пеш зӯроварӣ зиёд гардида, аз ҷиҳати экологӣ онҳо хароб, ҷомеаи нобаробару ноадолат ва мардуми камбизоатро доранд.

Тибқи изҳороти Созмони Милали Муттаҳид сайёҳӣ як навъ сифатҳои табобатӣ ва пешгирикунандаро соҳиб буда, ҷомеаи имрӯзаро аз нуқтаи назарӣ созандагӣ беҳтар мегардонад ва шаҳрвандонри ба оромӣ ва мутамаддиншавӣ водор месозад. Дар ин ҷода, қайд намудан зарур аст, ки нависандаи маъруфи испанитабор Мигел де Унамуно иброз доштааст,

ки “иллати нажодпарастӣ тавассути сафар аз байн меравад”. Мутаассифона, дар арсаи ҷаҳонӣ миқдори шахсоне, ки умуман сафар накардаанд ва ё рӯ ба сайёҳӣ наовардаанд хеле бисёр буда, аз ин сабаб нажодпарастӣ то ҳол вуҷуд дорад ва зӯроварӣ торафт зиёд шуда истодааст.

Айни ҳол нишондиҳандаҳои баланди сайёҳиро кишварҳое доранд, ки онҳо тарзи ҳаёти солим ва иқтисодиёти рушдёфтаро соҳиб мебошанд. Дар баробари ин нобаробарӣ ва беадолатии иҷтимоиро дар ин давлатҳо ҳамчун бадшавии экосистемаҳои табиӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Зимни ин ба андешае рафтан мумкин аст, ки ин ҳолат индекси хушбахтии инсониро тамоман беҳтар намекунад.

Ҳарчанд дар аксари кишварҳо соҳаи сайёҳӣ даромади назарраси иқтисодиро оварда ҳам, фоидаи он баробар тақсим карда намешавад. Қисми зиёди фоидаро ширкатҳои бузург ва фондҳои сармоягузорӣ аз худ менамоянд. Ин дар ҳолест, ки соҳибкории хурд ва аҳолии қобили меҳнат, ки қисми асосии ҷомеа мебошанд, фоидаи хеле камро мебинанд. Ин дар навбати худ барои ба миён омадани таъсири манфӣ замина мегузорад. Илова бар ин, хусусияти хоси сайёҳӣ дар он аст, ки сатҳи баландтарини ноамниро соҳиб буда, бо зиёд шудани ҳиссаи занҳо дар қувваи корӣ алоқаманд аст. Ин динамика ба нобаробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ боис гардида, ба ақидае, ки сайёҳӣ метавонад воситаи сулҳ ва рушди одилона бошад, мухолиф аст [4, с. 82].

Аз тарафи дигар, фаъолияти сайёҳӣ бевосита ба ташкили таъсири муҳити зист мусоидат мекунад. Ташкили инфрасохтори сайёҳӣ, истеъмоли аз ҳад зиёди захираҳои табиӣ ва ба миён омадани партовҳои саноатӣ танҳо баъзе аз мушкилоти экологии марбут ба равандҳои сайёҳӣ мебошанд. Таъсироти мазкур на танҳо ба муҳити зисти маҳаллӣ таъсир мерасонанд, балки ба некӯаҳволӣ ва зиндагии мардуми маҳаллӣ низ таъсири манфӣ мерасонанд. Илова бар ин, дар баъзе ҳолатҳо, сайёҳӣ метавонад муноқишаҳои мавҷудбударо дар минтақа шадидтар гардонад ё низоъҳои навро ба миён оварад. Барои рушди сайёҳӣ азхудкунии заминҳо, хусусигардонии сарватҳои табиӣ, тиҷоратикунонии фарҳанг ва кӯчонидани сокинон аҳ ҷои зист яке аз муаммоҳои соҳавӣ мебошанд. Ба вуҷуд омадани равандҳои рукуди сайёҳӣ динамикаи моликият ва нобаробариро дар минтақа зиёд мекунанд [5, с. 92].

Лозим ба ёдоварист, ки аз ҷониби баъзе аз кишварҳое ба поймолкунии ҳуқуқи инсон ва ҷиноятҳои зидди инсонӣ ҳамчун воситаи таблиғ ва инъикоси тасвири муқаррарӣ даст мезананд, сайёҳӣ мунтазам истифода мешавад. Дар натиҷа дар минтақаҳое, ки дар он ҷунбишҳои иҷтимоӣ ба миён меояд даст кашидан аз маҳсулоти ин кишварҳо, аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ даъватҳои гуногун танинандоз мешавад [7, с. 102].

Яъне, барои он давлатҳое, ки мехоҳанд минтақаҳои назди соҳилӣ ё дигар экосистемаҳои табииро аз амволи ғайриманқул ва лоиҳаҳои инфрасохтори ба ҳифзи муҳити зист таҳдид кунанда муҳофизат намоянд, ба даст овардани сулҳ хеле душвор аст. Инчунин барои одамони он ба манзили доимӣ пайдо кардан душвор мегардад, зеро маблағи кирояи сайёҳон дар меҳмонхонаҳо барои соҳибкор фоидаовартар аст. Ғайр аз ин сайёҳоне, ки тарабхона қаҳва ё хӯроки нисфирӯзӣ мехӯранд боз ҳам даромади зиёдтарро меоваранд, чунки нархи ин намуди хизматрасонӣ барои сайёҳон ба маротиб баланд аст. Ҳамчунин барои кормандони самти меҳмоннавозӣ, ки соатҳои дароз ба хизматрасонии сайёҳон машғул шуда, душвории онро ба дӯш доранд, нисбатан мушкилтар буда, корфармоён бошанд боз ҳам фоидаи калонтарро ба даст меоранд [10, с. 23].

Аммо мо бо муқаррар кардани таносуби он машғул нашуда, қайд менамоем, ки сайёҳӣ бештар барои соҳибшавӣ ба сулҳ боис мегардад ва ба паст шудани сатҳи нифоқ ва ҷанг оварда мерасонад. Ин нуқтаи назар, андешаи шахсии мо набуда, аз тарафи СММ борҳо эълон ва эътироф гардидааст. Коршиносон бар он андешаанд, ки сайёҳӣ аз модели тиҷоратие айни ҳол вуҷуд дорад, комилан фарқ мекунад. Ин ҳолатро бо минтақаҳои комилан дигар нисбат ба такроистеҳсоли сармоя инкишоф додан мумкин аст [8, с. 221].

Сайёҳӣ барои сифати зиндагӣ ва адолати иҷтимоӣ дар заминаи ҳадафҳои рушди устувор нақши асосӣ мебозад.

Гарчанде, ки соҳаи сайёҳӣ хеле ҷолиб буда, метавонад барои ба даст овардани сулҳ мусоидат кунад, ба ин равиш бо каме аз маҳдудиятҳо муносибат кардан зарур аст. Чунки ба даст овардани сулҳ на танҳо тавассути мубодилаи фарҳангӣ ва рушди иқтисодӣ ба даст меояд. Ташкили намудани саҳнаҳо ва чорабиниҳои сулҳовар аз тарафҳо кӯшишҳои пайвастаро талаб мекунад. Ҳамчунин вай роҳи хеле мураккаб буда, онро ҳеҷ гоҳ ҳамчун чизи ба итмомрасида тасаввур кардан лозим нест, зеро ҷанбаҳои зиёде мавҷуданд, ки метавонанд онро хотима бахшанд. Ҳеҷ кадоме аз ин равандҳо ба ҳалли автоматӣ, ки бо манфиатҳои иқтисодӣ асоснок карда шудаанд, алоқаманд нест ва воқеан маълум нест, ки оё онҳо ба аксарияти аҳолӣ фоида меорад ё не. Танҳо кӯшиши пешбурди фаъолияти сайёҳӣ барои ба даст овардани сулҳ бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешавад. Дар ин самт далелҳои бисёр, ба монанди дидгоҳҳои гуногун ва набудани мувофиқат дар бораи муноқиша ё ҳодисаи рухдода, паст кардани сатҳи муросо ё сӯиистифода аз истилоҳи “сулҳ” таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, вай масъулияти баланд ва ӯҳдадории амиқро ба адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ талаб мекунад. Ин дар навбати худ бознигарии таҷрибаҳои ҷории сайёҳӣ ва пешбурди идоракунии ҷомеа ва моделҳои ҳифзи муҳити зистро дар бар мегирад.

Зимни ин, қад намудан зарур аст, ки сайёҳиро барои ҳамаи бадиҳо сабабгор ҳисоб кардан мумкин нест, чунки вай на ҳамаи масъалаҳоро ҳал карда метавонад. Аз ин рӯ, зарурати банақшагирии одилона бо меъёрҳои баробарӣ ва инчунин сиёсати давлатӣ, ки ба беҳтар кардани сифати зиндагии одамоне, ки дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд, нигаронида шудааст, ба миён меояд. Барои ҳар як минтақа, гурӯҳҳо, қимҳои алоҳида ва муассисаҳои ҳар як макон равиши ягонае вуҷуд надорад, ки он бояд муайян кунанд, ки афзалиятҳо, мушкилот ва муаммоҳо дар чист. Сиёсати сайёҳӣ метавонад ин стратегияҳоро тавассути барномаҳои сайёҳии иҷтимоӣ, ассотсиативӣ ва ҷомеавӣ, ташкили инфрасохтори иҷтимоӣ ва пешбурди ташаббусҳои таълимӣ, ки равандҳои таъмири таърихӣ ва хотираи зидди бечазоиро ҳамроҳӣ мекунанд, амалӣ намояд [1, с. 168].

This study addresses the methodological frameworks and critical factors underpinning the sustainable development of entrepreneurial activity amidst accelerated industrialization. The research evaluates the implications of economic transformations, globalization, and digitalization, delineating the strategic imperatives for adapting entrepreneurial entities to evolving conditions, fostering innovation, and achieving a balanced integration of economic, environmental, and social objectives. There is in the paper outlines the principal stages for ensuring sustainability, including the assessment of the current state, execution of marketing analyses, identification of key sustainability determinants, formulation and implementation of strategic initiatives, as well as ongoing monitoring and corrective measures. Particular attention is given to the pivotal roles of human capital, digital technologies, and state support in augmenting competitiveness and ensuring long-term stability. The findings underscore that sustainable entrepreneurial development necessitates a multidimensional approach, integrating innovation, rational resource management, and systematic performance monitoring to enhance economic, environmental, and social outcomes.

Keywords: sustainable development, entrepreneurial activity, accelerated industrialization, innovation, digitalization, socio-economic development, competitiveness, government support, human capital, business processes, integration of digital technologies

Дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди мамлакат, муҳити иқтисодӣ бо равандҳои пуршиддати ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ мегардад, ки дар назди субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ вазифаҳои навро ба вуҷуд меорад. Дар навбати хеш, равандҳои саноатикунонии босуръати иқтисоди мамлакат ва рақамикунонии иқтисод масъалаҳои дигар, аз ҷумла дигаргунсозиҳои ҷиддӣ дар сохтори истеҳсолот, бозори меҳнат, истеъмолот ва ғайраҳоро ба миён мегузорад.

Баҳри ҳалли масоили мубрами инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, инкишофи истеҳсолоти саноатӣ, таъмини суръати устувори афзоиши ММД ва ба ин васила андешидани тадбирҳои зарурӣ доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати аҳолӣ санаи 26-уми декабри соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати иқтисодиётро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд.

Бояд иброз намуд, ки дар аксар кишватҳои ҷаҳон саноатикунонии босуръат ё худ саноатикунонии инноватсионӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисод баррасӣ карда мешавад. Вале, мавриди зикр аст, ки раванди мазкур бо як қатор мушкилот, аз ҷумла

нобаробарии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар минтақаҳо, нобаробарии иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагӣ, масъалаҳои экологӣ, ноустувории вазъи бозор ва амсоли инҳо рӯ ба рӯ мебошад. Дар мавриди хеш, омилҳои мазкур ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки асоси рушди иқтисод мебошад, таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Дар шароити муосир масъала ва вазифаҳои болозикр аз субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқшавӣ ба шароити зудтағйирёбанда, татбиқи инноватсияҳо дар истеҳсолот ва тавонмандии фаъолиятро ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳибкорӣ тақозо менамоянд.

Бо ибораи дигар, омилҳои болозикр дар заминаи татбиқи равишҳои методӣ зарурати таҳияи стратегияеро тақозо менамоянд, ки ба субъектҳои соҳибкорӣ имконоти мутобиқ шудан ба шароитҳои нав ва ноилгардӣ ба рушди устувори фаъолиятро фароҳам месозад.

Аз ин рӯ, ҳолатҳои зикршуда таҳқиқи равишҳои методӣ ва омилҳое, ки устувории фаъолияти соҳибкориро таъмин менамоянд, хеле муҳим ва мубрам мегардонад.

Мавриди ба зикр аст, ки дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисод соҳибкорӣ бо зарурати татбиқи инноватсияҳо дар пешбурди фаъолият, роҳандозии низоми рақамикунонӣ ва мутобиқсозии бизнес-равандҳо рӯ ба рӯ мегардад. Дар баробари ин, талабот ба моделҳои устувори пешбурди фаъолият афзун мегардад, ки ҷанбаҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад. Вобаста ба ин, дар шароити муосири пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таҳқиқи равишҳои методие, ки ба таҳияи чунин моделҳо нигаронида шудаанд, дар самти таъмини рақобатпазирии соҳибкорӣ дар давраи дарозмуддат нақши муассир доранд.

Қабл аз таҳқиқи равишҳои методии таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ маънидоди мафҳуми “рушди устувор”-ро аз ҷониби муҳаққиқону олимон дида мебароем.

Тадқиқотчиён Рамановская Е.В ва Козлова Е.П. таҳти рушди устувор “ҳолати комил ва бисёрҷанбаеро мефаҳманд, ки ҷиҳати ноилгардӣ ба он ҳамгироӣ, муайянсозӣ, ҳамоҳангсозӣ ва такмили пайвастаи ҳадафҳо, стратегияҳо ва механизмҳо зарур мебошад” [5].

Аз ҷониби дигар, олимон Ротар Т.С. ва Ниазян В.Г. рушди устуворро ҳамчун “раванди ягонае маънидод менамоянд, ки дар натиҷаи ноилгардӣ ба он пайваста беҳбудии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ мушоҳида мегардад. Дар баробари ин, беҳбудии доимии нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти соҳибкорӣ ба назар расида, самаранокии истифодаи амвол ва иҷрои пурраи уҳдадориҳо таъмин карда мешавад” [6].

Муҳаққиқи дигари рус Кортоев И.И. рушди устуворро чунин маънидод менамояд: «раванди идоракунии бевфосилаи фаврӣ ва стратегӣ бо вокуниши саривақтӣ ба тамоюлҳо ва рушди нишондиҳандаҳои муҳимтарин барои корхона, ки ҳамаи намудҳои фаъолияти онро дар бар мегирад» [2].

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳқиқоти олимону муҳаққиқон ва гуфтаҳои боло чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ҳолати рушди устувори соҳибкорӣ – таъмини мувозинат байни ҷабаҳои иҷтимоӣ, экологӣ, молиявию иқтисодӣ ва шароити тағйирёбандаи муҳити берунаи фаъолияти он мебошад. Дар сурати таъмини инкишофи баробари тамоми самтҳои зиркшуда, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори он имконпазир мегардад. Дар робита ба ин, рушди устувор дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир унсури муҳимми фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб ёфта, ба муайянсозии самтҳо ва дурнамоҳои минбаъдаи он мусоидат менамояд.

Таърифҳои олимону муҳаққиқонро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, устуворӣ - ин қобилияти низом доир ба таъмини унсурҳои муҳити дохилии хеш аз ҳисоби тағйирдиҳии сохтори унсурҳои алоҳида ва роҳҳои ҳамкории мутақобила бо муҳити иҳотакунанда мебошад. Дилхоҳ низом дорои майдони устуворӣ худ мебошад, ки аз дигар низомҳо ба кулли фарқ менамояд. Ҷойгиршавии ҳудудҳои ин доира дар баробари рушди низом шакли дигарро касб мекунад ва дар баробари ин, ҳаҷми доираи устуворӣ вобаста ба таъсири омилҳо тағйир меёбад. Вобаста ба ин, таҳқиқи адабиёти илмӣ ба мо имкон фароҳам месозад, ки чунин марҳилаҳои асосии таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкориро ҷудо намоем:

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи нахустин, ҷиҳати таъмини рушди устувори соҳибкорӣ вазъи фаъолият бояд таҳлил ва баҳо дода шавад. Сипас, таҳқиқоти маркетингии вазъи бозор ва муҳити рақобат гузаронида шуда, омилҳои асосии ба устувории фаъолияти соҳибкорӣ таъсиркунанда ошкор карда шаванд.

Дар марҳилаи дуюм, дар заминаи омӯзиши бозор ва омилҳои калидии ба устувории фаъолияти соҳибкорӣ таъсиркунанда нишондиҳанда ва меъёрҳои асосии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ бояд муайян карда шаванд. Дар баробари ин, дар марҳилаи мазкур ҷонибҳои манфиатдори соҳибкорӣ ошкор карда шуда, афзалиятҳои фаъолият муқаррар карда мешаванд.

Таҳлили мазкур имкон фароҳам месозад, ки дар марҳилаи минбаъда стратегияи рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ таҳия карда шавад. Дар стратегияи мазкур бояд ҳадафҳои стратегии фаъолият муқаррар карда шуда, тадбирҳои асосӣ ва роҳҳои ноилгардӣ ба онҳо муайян карда шаванд. Ҳамзамон, дар доираи стратегияи мазкур бояд низоми мониторинг ва арзёбии фаъолият муайян карда шавад.

Дар марҳилаи панҷум мониторинги иҷрои стратегия гузаронида шуда, бозбинии стратегияи ё худ тағйиру иловаҳо ба он ворид карда мешавад. Дар ин марҳила назорати мунтазами иҷрои стратегияи таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ гузаронида шуда, самаранокии фаъолият арзёбӣ карда мешавад. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар раванди фаъолият ва муҳити зудтағйирёбандаи берунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ тағйирот ба стратегия ворид карда мешаванд.

Тавре аз марҳилаҳои асосии зикршуда бармеояд, таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ равиши маҷмуиро тақозо менамояд, ки заминаи асосии онро механизми ҳамгироии инноватсионӣ, идоракунӣ ва рақамӣ ташкил медиҳад. Таҳияи стратегияи таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ бо дарназардошти манфиати тамоми ҷонибҳои манфиатдор ва мониторинги пайвастаи амалисозии он ҷиҳати ноилгардӣ ба ҳадафҳои дарозмуддат мусоидат менамояд.

Дар робита ба ин, муҳаққиқ Иванов П.А. дуруст қайд менамояд, ки: “амалисозии пайдарпайи марҳилаҳои таъмини рушди устувори ташкилотҳо, на танҳо нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти соҳибкориро беҳтар мегардонад, балки барои саҳм гузоштан дар ҳалли масъалаҳои умумибашарии экологӣ ва иҷтимоӣ имкон фароҳам месозад” [1].

Дар шароити муосири ҷорисозии технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар истеҳсолот, дар баробари омилҳои болозикр нақши сармояи инсонӣ дар таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ назаррас мебошад. Кадрҳои баладихтисосе, ки дар татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти куллии муҳити бозорӣ қодир мебошанд, дар ин раванд ҳамчун захираи стратегӣ баромад менамоянд. Аз ин нуқтаи назар, ташаккули равишҳои самарабахш дар самти сармояи инсонӣ бояд ҳамчун унсури калидии таъмини рушди устувори соҳибкорӣ баррасӣ гардад.

Имрӯз омили дигари муҳимми таъмини рушди устувори соҳибкорӣ дастгирии давлатӣ маҳсуб меёбад, зеро дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисоди кишвар зарурати ташаккули муҳити институтсионалие зарур мебошад, ки имтиёзҳои андозӣ, дастрасӣ ба сармоягузорӣ, барномаи дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибкоронро фарогир бошад. Вобаста ба ин, таҳқиқи самарабахшии воситаҳо ва фишангҳои мавҷудаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва таҳияи равишҳои нави мукаммалсозии онҳо дар шароити кунунӣ вазифаи хеле мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар ин раванд, дар шароити татбиқи принсипҳои “иқтисоди сабз” дар иқтисодиёт ҷанбаҳои энергетикӣ ва экологӣ низ дар таъмини рушди устувори соҳибкорӣ нақши калидиро иҷро менамоянд. Гузариш ба технологияҳои самараноки истифодаи захираҳо, кам намудани партовҳо, истифодаи захираҳои барқароршавандаи энергия омилҳое мебошанд, ки дар самти таъмини рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити таҳдидҳои экологии умумибашарӣ нақши хеле муҳим доранд.

Аз ин нуқтаи назар, равишҳои методӣ доир ба ҳамгироии принсипҳои рушди устувор дар амалияи фаъолияти соҳибкорӣ, таҳлили амиқ ва мутобиқсозиро дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ тақозо менамояд.



Расми 1. Марҳилаҳои асосии таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ

Сарчашма: ls Ѳ c qfʒʷlzqѲ dz dz qʃ ʷ

Ҳамзамон, дар пасманзари равандҳои рақамикунонӣ ва саноатикунонии босуръати иқтисод зарурати таҳияи равишҳо доир ба ҷорисозии технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ пеш меояд. Маврид ба зикр аст, ки рақамикунонӣ ба мутобиқсозии бизнес-равандҳо, коҳиши хароҷот ва баландбардории самаранокии истеҳсолот мусоидат менамояд, вале сармоягузории зиёд ва сатҳи баланди дараҷаи тахассуси кадрҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳои асосие, ки рақамикунонии бомуваффақияти фаъолияти соҳибкорӣ муайян месозанд, самти муҳимми таҳқиқот мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки консепсияи рушди устувор яке аз принсипҳои муайянкунандаи фаъолият дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ пазируфта шудааст ва чунин рушдеро дар назар дорад, ки наслҳои имрӯза ниёзҳои худро бидуни зарар ба ниёзҳои наслҳои оянда қонеъ мегардонанд.

Бояд иброз намуд, ки чунин принсип бояд дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ низ риоя гардад. Аз инҷост, ки дар шароити муосири зудтағйирёбанда дар фаъолияти соҳибкорон ба ин ҷанба аҳаммияти хоса дода мешавад ва тавре аз андешаҳои илмии боло бармеояд, таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ яке аз масъалаҳои мураккаб дар шароити рақобати шадид мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз усули ягона барои таҳияи методологияи баҳодиҳии рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд нест. Вале, бояд иброз намуд, ки дар назария ва амалияи хоҷагидорӣ якчанд равишҳо истифода карда мешаванд, аз ҷумла равиши маҷмӯӣ, таҳияи модели тавсифӣ ва таҳияи нишондиҳандаи интегралӣ ва ғайраҳо.

Муҳаққиқон иброз менамоянд, ки равиши маҷмуӣ вобаста ба рушди устувори фаъолият маҷмуи нишиондиҳандаҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро фаро мегирад [4].

Гурӯҳи олимони дигар дар ин самт моделҳои тавсифиеро таҳия намудаанд, ки баҳодиҳии сифатии рушди устуворро бидуни татбиқи воситаҳои математикӣ пешниҳод менамояд [3]. Аз ҷумла, дар ин сурат баҳодиҳии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯйи низоми духола баррасӣ мегардад: 1 хол - сатҳи мутобиқат барои талаботи мушаххас; 0 хол – номутобиқатӣ. Сипас, сатҳи устуворӣ ҳамчун нисбати холҳои бадастоварда ба маҷмӯи умумии холҳо ҳисоб карда мешавад.

Дар самти муайянсозии рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ усули дигаре мавҷуд аст, ки дар асоси нишондиҳандаи интегралӣ таҳия мегардад, ки дараҷаи устувории объектро тавассути маҷмуи нишондиҳандаҳои устувории иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ инъикос менамояд [8].

Дар баробари ин, мониторинг ва идоракунии рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин баҳодиҳии сатҳи иҷрои ҳадафҳои муайяншуда, зарурати таҳияи нишондиҳандаҳои махсусро талаб мекунад. Нишондиҳандаҳои мазкур бояд аз маълумоти аввалия таҳия шуда, имкон диҳанд, ки дар бораи ҳолат ва тағйироти омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ хулоса бароварда шавад.

Дар чунин ҳолат, тавре муҳаққиқ Фукина С.П. иброз менамояд: “нишондиҳандаҳои истифодашаванда бояд мазмуни рушди устуворро бо дақиқӣ, пуррагӣ ва боэътимодӣ инъикос кунанд; ба низоми қабулшудаи баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолият мутобиқ бошанд, ҳамзамон шумораи онҳо бояд мувофиқ интихоб карда шавад” [7].

Таҳқиқи масъалаҳои мазкур имкон фароҳам месозад, ки тавсияҳои методӣ ва соҳибкорону мақомоти давлатӣ таҳия карда шаванд, ҳамзамон дар самти рушди назария ва методологияи рушди устувори соҳибкорӣ саҳми арзишманд гузошта шавад.

Маврид ба зикр аст, ки аз нигоҳи равишҳои методӣ таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисод фарогири самтҳои асосии зерин мебошанд:

1. ѵ Θ c ɗ ʷ ɗ fŋ ls tɕ j ls j ɕ ɗ ʷ ɸŋ ls ʁ Θ is dʑ ɗ ɖ ɗ ʲ Θ tɕ ʁ ls ɖ ʁ ɗ Ɍ ʁ ɸ ɗ ɕ ɗ в Ʒ t дарозмуддати фаъолияти соҳибкорӣ ҷиҳати ноилгардӣ ба мувозинат байни ҳадафҳои иқтисодӣ,иҷтимоӣ ва экологӣ. Марҳилаи мазкур ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ,

муносибгардонии истифодаи захираҳо ва мутобиқшавӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи муҳити беруниро фарогир мебошад.

2. [illegible] Дар марҳилаи таҳлили муҳити дохилӣ ва берунии соҳибкорӣ ҷиҳати муайянсозии устуворияти фаъолият гузаронида мешавад. Дар ин раванд, хавҳои экологӣ, тағйирёбии муҳити бозорӣ, тамоюлҳои иҷтимоӣ ва технологӣ ба назари эътибор гирифта мешаванд.

3. [illegible] рақамӣ ва қарорҳои инноватсионӣ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, инчунин ташаккули моделҳои муосири пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар назар дошта шудааст.

4. [illegible] кормандон, ҷомеа ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бояд ба эътибор гирифта шавад. Амали мазкур имкон фароҳам месозад, ки боварии кормандон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикон ба фаъолияти соҳибкорӣ баланд бардошта шавад.

5. [illegible] амалиётҳои таъдилкунанда ҷиҳати коҳиш додани таъсири манфӣ ба муҳити берунӣ, аз ҷумла кам намудани ихроҷҳо ва партовҳо, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия.

6. [illegible] устуворияти даромадҳо ва хароҷотҳо, муносибгардонии хароҷот, идоракунии қарзҳо ва ташаккули захираҳо барои бартараф намудани ҳолатҳои буҳронӣ таъмин карда шавад.

7. [illegible] истифодаи низоми идоракуниеро тақозо менамояд, ки мониторинги нишондиҳандаҳои асосии таъмини устуворияти фаъолиятро дар бар мегирад. Натиҷаи мониторинг имкон фароҳам месозад, ки стратегия бо дарназардошти омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ бозбинӣ карда шавад.

8. [illegible] ки рушди сармояи инсонӣ яке аз марҳилаҳои муҳим дар татбиқи стратегия маҳсуб ёфта, сармоягузорӣ ба омодагии касбии кормандон, рушди малакаҳо ва касбиятро фаро мегирад, ки барои мутобиқшавӣ ба шароитҳо ва технологияҳои нав зарур мебошад.

Бояд иброз намуд, ки татбиқи босамари стратегия ва риояи ҷанбаҳои болозикр ба сохторҳои соҳибкорӣ имкон фароҳам месозад, ки ба тағйироти мавҷуда мутобиқ гарданд, таваккалро камнамоянд ва рақобатпазирии фаъолиятро барои давраи дарозмуддат нигоҳ доранд.

Ҳамин тавр, дар интиҳо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки таъмини рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръат ва рақамикунонии иқтисоди миллӣ ба яке аз ҳадафҳои асосӣ табдил ёфтааст. Таъмини ин раванд на танҳо таҳлили ҳамаҷонибаи бозор ва ошкор кардани омилҳои калидии таъсиркунанда ба устуворияти фаъолиятро талаб мекунад, балки ҳамзамон таҳияи стратегияҳои инноватсионӣ ва мутобиқ ба муҳити зудтағйирёбандаи иқтисодиро низ дар бар мегирад. Стратегияҳои мазкур бояд истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ, ҳамгироии экосистемаи иҷтимоӣ ва экологӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва хизматрасониро фаро гиранд.

Илова бар ин, рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ бе таъмини устуворияти молиявӣ ва сармояи инсонӣ ғайриимкон аст. Сармоягузорӣ ба омодасозии кадрҳои баландихтисос, рушди захираҳои инсонӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ имконияти мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави иқтисодиро фароҳам месозад. Ҳамзамон, дастгирии институтсионалии давлатӣ, аз ҷумла имтиёзҳои андозӣ ва маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ, заминаҳои мусоидро барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати устуворияти иқтисодӣ фароҳам меоварад.

АДАБИЁТ

1. Иванов П.А. Экологический менеджмент в системе устойчивого развития, СПб: Питер, 2020, стр. 112-135.
2. Кортоев И.И., Зенкина И.В. Основные аспекты устойчивого развития организации в современных условиях // Международный научно-исследовательский журнал. 2021. № 2 (104). Ч. 2. С. 57–63.
3. Магомедова, М. Оценка устойчивого развития предприятий моделями дескриптивного и предикативного типа [Электронный ресурс] / М. Магомедова // Моск. экон. журн. — 2016. — № 2.
4. Микитась, М. А. Механизм устойчивого развития предприятия с использованием его организационного потенциала / М. А. Микитась, П. П. Табурчак // Упр. экон. системами. — 2012. — № 4. — С. 84–92.
5. Романовская Е.В., Козлова Е.П. Содержание механизма устойчивого развития промышленного предприятия // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Социальные науки. 2018. № 2 (50). С. 25–30.
6. Ротарь Т.С., Ниазян В.Г. Устойчивое развитие предприятия: сущность и методика расчета интегрального индекса устойчивого развития авиакомпаний // Экономика, Статистика и Информатика. 2015. № 4. С. 149–153.
7. Фукина, С. П. К вопросу об устойчивом развитии предприятия в нестабильной среде / С.П. Фукина // Актуал. пробл. экономики и права. — 2008. — № 4. — С. 48–55.
8. Хомяченкова, Н. А. Методика многокритериальной классификации промышленных предприятий по группам устойчивого развития / Н. А. Хомяченкова // Вестн. Твер. гос. ун-та. — 2010. — № 8. — С. 23–27.

УДК 338.47.656 (575.3)

Пулатова Ш.Б.

КОНСЕПСИЯИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ОБЪЕКТҲОИ НАЗДИРОҲӢ

Хидматрасонии муассисаҳои хидматрасонии канори роҳ бо сабаби ҳаракатнокӣ, гуногунҷанбаӣ, чандирӣ ва қобилияти дар як шабакаи ягона муттаҳид кардани тамоми намудҳои нақлиёт ҷузъи асосии комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Холо кариб 80 фоизи шумораи умумии корхонаҳои ҳамаи сохаҳои хоҳагии халқ ва посёлкахои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз роҳҳои автомобилгард дигар роҳҳои дохилшавӣ надоранд. Аз ин лиҳоз, ҳавасмандгардонии рушди маҷмааи нақлиёту роҳи кишвар яке аз самтҳои асосии афзоиши иқтидори иқтисодӣ мебошад. Арзиши маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат ва рақобатпазирии аксари соҳаҳои иқтисодиёти кишвар комилан ба рақобатпазири иншооти хизматрасонии роҳ вобаста аст.

Вожаҳои калидӣ: ракобат, қобилиятнокӣ, нақлиёт, хизматрасонӣ, бозор, фоида, таҳдид, комёбӣ, принцип, инкишофи умебахши объектҳои наздтроҳӣ.

Пулатова Ш.Б.

КОНЦЕПЦИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ УСЛУГ ОБЪЕКТОВ ПРИАВТОДОРОЖНОГО СЕРВИСА

Услуги объектов приавтодорожного сервиса является главной составляющей транспортного комплекса Республики Таджикистан в силу своей мобильности, универсальности, гибкости, способности объединить все виды транспорта в единую сеть. В настоящее время около 80 % от общей численности предприятий всех отраслей экономики и населённых пунктов Республики Таджикистан не имеют других подъездных путей, кроме автомобильных дорог. В этой связи стимулирование развития транспортно-дорожного комплекса страны является одним из главных приоритетов роста экономического потенциала. От предоставляемых конкурентоспособных объектов приавтодорожного сервиса в полной мере зависит себестоимость товаров, производительность труда, конкурентоспособность большинства отраслей экономики страны.

Ключевые слова: конкуренқия, конкурентоспособность, транспорт, услуга, рынок, прибыль, угроза, достижение, принцип, перспективное развитие объектов приавтодорожного сервиса.

Pulatova SH.B.

CONCEPT OF COMPETITIVENESS OF ROAD SERVICE FACILITIES

Services of road service facilities are the main component of the transport complex of the Republic of Tajikistan due to its mobility, versatility, flexibility, and ability to combine all types of transport into a single network. Currently, about 80% of the total number of enterprises in all sectors of the economy and settlements of the Republic of Tajikistan do not have access roads other than highways. In this regard, stimulating the development of the country’s transport and road complex is one of the main priorities for the growth of economic potential. The cost of goods, labor productivity, and the competitiveness of most sectors of the country's economy fully depend on the competitive road service facilities provided.

Key words: competition, competitiveness, transport, service, market, profit, threat, achievement, principle, long-term development of road service facilities.

Яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисодиёти кишвари мо ба эътидол овардан ва рушди истеҳсолот ва хизматрасонӣ дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, бидуни истисно дар сатҳҳои гуногун ва дар ҳама самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.Қувваи пешбаранда дар ин ҷода рақобат ба шумор рафта, талаботҳои истеъмолкунандагон ва қобилияти истеҳсолкунандаро дар бозор барои таъмини истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва хидматҳои рақобатпазирро дар худ пешниҳод ва муттаҳид месозад.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои муфид имконияти эҳтимолии субъектҳои хоҷагии объектҳои наздироҳӣ бо зарурати мутобиқшавии доимӣ ба шароити тағйирёбанда мушкилтар мешавад. Дар натиҷа, таҳияи чунин консепсияи аз ҷиҳати арзишҳои илмии рақобатпазирӣ асоснокшуда, ки муносибатҳои рақобатӣ байни объектҳои наздироҳиро дорад, дар раванди ташаккул тақозо менамояд [11].

Дар шароити имруза рушди муносибатҳои бозорӣ мафҳумҳои назариявии «рақобат» ва «рақобатпазирӣ» тавзеҳоти хос ба хидматрасонии роҳро тақозо мекунанд, зеро назарияе, ки дар ин ҷода тадқиқотро инъикос мекунад, бояд дастгоҳи консептуалӣ ва категориявии худро дошта бошад. Сохтори чунин консепсия аз ҷониби сохтори мазкур муайян карда мешавад, ки хусусиятҳои мушаххаси рақобатпазирии хизматрасонии объектҳои наздироҳӣ мавриди баррасӣ қарор доранд.

Фаъолияти объектҳои наздироҳӣ аз хусусиятҳои хос ифода меёбад, ки корҳо ва хизматрасониҳои гуногунро дар бар мегирад.

Таҷдиди назар ба ислоҳотҳои иқтисодӣ ва баҳисобгирии иловагии нақши мушаххаси фаъолияти хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро ба ташаккул ва рушди бозорҳои мол, ки фаъолияти онҳоро таъмин мекунад, мусоидат мекунад. Ҳиссаи хароҷоти объектҳои наздироҳӣ дар арзиши маҳсулоти саноатӣ ва озуқаворӣ хеле калон аст.

Рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро таҳлил намуда, хусусиятҳои хоси онҳо соҳаи васеъи дониши илмиро фаро мегиранд, яъне онҳоро ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ё ҳамчун система баррасӣ кардан мумкин аст.

Қайд менамоем, ки дар асоси рафтори системавӣ дида баромадани ҳар як ҷузъи рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ, вазифаҳо ва ҳамкории онҳо ҷойгир аст. Тадқиқоти тамсилаи системавии рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳи дар асоси равишомузии хусусӣ амалӣ карда мешавад [8].

Дар иқтисоди баҳамтаъсиркунӣ рақобат – ин рақобати муассирест, ки бо мақсади ба даст овардани фоидаи бештар, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хидмат ҳавасманд карда мешавад. Аз тарафи дигар рақобат ин рақобати байни наву кӯҳна аст, дар ин радиф молҳо ва хидматҳои нав, технологияҳои нав, манбаъҳои нави таъмини ниёзҳо метавонанд рақобатпазир бошанд.

Дар ин радиф ба хулосае меоем, ки рақобат барои пешравии хизмтрасонҳои объектҳои наздироҳӣ, афзун кардани соҳаи истифодаи онҳо ва гузариш ба технологияҳои ҳозиразамон дар шароити бозори имруза замина фароҳам меорад [5].

Аломатҳои муайянкунандаи рақобати хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро ҷудо менамоем:

- мавҷудияти афзалиятҳои рақобатии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ тавассути муқоисакунии бозорӣ дар рушди рақобат;
- хусусияти категориявӣ, яъне маҷмӯи рақибони категорияҳои мухталиф: инфиродӣ, корхонаҳо, соҳавӣ, байнисоҳавӣ (миллӣ);
- табдил додани рақобат байни субъектҳои рақобаткунандаи объектҳои наздироҳӣ ба яке аз ду тамоюли муқобил, вале мукаммали рушд: рақобат ва ҳамгироӣ.
- дар тамоми давраи омӯзиш рақобати хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ таъсири таҳаммулпазирии рақибонро нишон медиҳад ва муҳити берун аз система дар таҳияи стратегияи амалиёти рақобатӣ дар бозори хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ мусоидат мекунад.

Бо мақсади муайян кардани сабабҳои тағйир ёфтани мавқеи ояндаи рақибон, хусусиятҳои муҳити дохилӣ ва берунии онҳо, инчунин диққат ба имкониятҳои эҳтимолии онҳо ва беҳтар кардани мавқеи онҳо дар бозори хизматрасониҳои наздироҳӣ, таҳлили рақобатӣ гузаронида мешавад.

Дар рақобат таҳлил аз ду марҳила иборат аст:

- ин муайян намудани қувваҳои рақобатпазирӣ бо назардошти муайян намудани имкониятҳо ва хатарҳои мусоид, ки субъекти хоҷагидори наздироҳӣ дар соҳа дучор шуда метавонад;
- ин таҳияи вариантҳои асосии стратегияҳои рақобатӣ, ки ба пешафии нархҳо, диққат додан ба ҷойҳои бозор, фарқкунӣ аз рӯи сифат, технология, доираи хидматҳои объектҳои наздироҳӣ мусоидат мекунанд.

Дар ин ҷо муайян кардани рақобат, ки аз ҷониби М.Портер [9] дода шудааст, мувофиқ аст, ки ба андешаи ӯ, бояд ба фаҳмиши ҳамаҷонибаи сохтори соҳа ва раванди тағирёбии он асос ёбад. Вай қувваҳои муайянкунандаи иқлими рақобатпазирро дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ба панҷ гурӯҳ муттаҳид кард, дар расми зерин оварда шудааст:



Расми 1. Қуввaҳои муайянкунандаи иқлими рақобатпазир аз ҷониби М.Портер

Ҳиссаи бозор, сатҳи фоидаи субъекти хоҷагидории хизматрасонии наздироҳӣ бо он муайян карда мешаванд, ки он то чӣ андоза ба таври муассир муқовимат мекунад. То ҳамон андозае, ки фишори ин қувваҳо баландтар бошад, ба ҳамон андоза имконияти субъектҳои хоҷагидории объектҳои наздироҳӣ барои болоравии сатҳи нархҳо ва фоида камтар мешаванд [6].

Муҳимтарин вазифаҳои тадқиқоти назариявӣ ин функсияи фаҳмондадиҳӣ ба ҳисоб рафта характерҳои асосии объектҳои омӯхташуда ва қонуниятҳои мавҷудаю пинҳоншударо ошкору муайян мекунад. Бо дарназардошти ин хусусият, мо зуҳуроти ин қувваҳоро дар бозори хизматрасониҳои нахдироҳӣ таҳқиқ ва шарҳ медиҳем ва қонуниятҳои мавҷуда ва пинҳонии таъсири ҳар кадоми онҳоро ба ҳолати соҳаи нақлиёти автомобилӣ ва қобилияти истифодаи ин қувваҳо дар шиддатнокии амалиёти рақобатӣ муайян мекунем.

Дар зери таъсири детерминантҳои гуногуни тактикӣ қувваҳои рафтори рақобатии субъектҳои хоҷагии наздироҳӣ параметрҳо ва миқёси ин қувва ташаккул меёбанд. Дар ҷараёни гузаронидани усулҳои рақобатӣ, субъектҳои хоҷагии наздироҳӣ бояд аз рақибон қавитар бошанд. Биёед таъкид кунем, ки арсенали усулҳои ҳамзамон истифодашаванда чӣ қадар гуногунтар аст [2].

Шиддати рақобатро дар байни субъектҳои хоҷагидории хизматрасонии объектҳои наздироҳӣ, ки дар бозор фаъолият мекунанд, бо омилҳои зерин муайян мекунем, дар расми 2 оварда шудааст.

Ҳамаи категорияҳои номбаршуда рақобатпазириро, ҷолибияти истеъмолкунандаи хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ бо баҳои гуногуни рейтингӣ муттаҳид мекунанд ва ҳар як категория барои дигарон ҷудонашаванда аст.

Бо дарназардошти набудани муносибати ягона ба муайян кардани рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ ҳамчун вазифаи калидӣ дар системаи муносибатҳои рақобатӣ дар бозори хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ, номуайянии мавҷудаи истилоҳот танзими мундариҷаи категорияҳоро талаб мекунад [10].

Барои ба даст овардани рақобатпазирии наздироҳӣ бо назардошти бартарии рақобатӣ, ки унсури асосии системаи муносибатҳои рақобатӣ мебошад, ҷорӣ карда мешавад. Бартариҳои рақобатӣ ин хусусиятҳои иловагӣ мебошанд, ки барои объектҳои наздироҳӣ нисбат ба рақибони худ бартарии возеҳ ба вуҷуд меоранд.



Расми 2. Омилҳои муайянкунандаи шиддати рақобат байни субъектҳои хоҷагидории хизматрасониҳои объектҳои наздтроҳӣ

Дар баробари бартариҳои рақобатии беруна, ки аз нишондиҳандаҳои фарқкунандаи хизматрасониҳои наздироҳӣ барои истеъмолкунанда асос ёфтаанд, боз бартариҳои рақобатии дохилӣ барои афзалият нисбат ба ҳароҷоти истеҳсолот имкон медиҳанд, ки ба арзиши камтари хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ ноил шаванд. Рақобатпазирии соҳа ин қобилияти эҳтимолии як объекти хизматрасонии наздироҳӣ дар муқоиса бо дигар объект барои муайян ва истифодаи самаранок мебошад.

Ҳаминро бояд қайд кард, ки дараҷаи рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ аз таъсири якҷояи як қатор омилҳо, дар ҳар як лаҳзаи муайяни вақт муайян карда мешавад. Дар вақти омӯзиш ва таҳлили омилҳо мо ба чунин хулосае омадем, ки онҳо имконият фароҳам меоранд, ки то чӣ андоза ба сатҳи рақобатпазирии хадамоти объектҳои наздироҳӣ мусоидат мекунанд ё монеъ мешаванд.

Мо омилҳои асосии рақобатпазирии хизматрасониҳои наздироҳиро муайян карда, тасниф мекунем. Дар асоси муносибатҳои системавӣ, гуруҳбандии омилҳо вобаста ба зиёдшавии талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ ба диққати бештар сазовор аст. Дараҷаи якум - рақобатпазирӣ истеъмолкунандагони хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро, ки талаботи ҳадди ақалро бо ҳароҷоти он қонеъ мекунанд, тавсиф мекунад. Дараҷаи дуюм – истеъмолкунанда, таснифоти нарх, хусусиятҳои сифатии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ. Дараҷаи сеюм - истеъмолкунандагони хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ, арзёбии ҳаматарафаи тамоми омилҳое, ки талаботи онҳоро бо таносуби беҳтари хусусиятҳои нарх ба пуррагӣ қонеъ мекунанд. Дараҷаи чорум - истеъмолкунанда ба беназирии хидматҳои пешниҳодшуда, бо нархи баланд. Дараҷаи панҷум омили ҳавасмандкунанда (таъмини фирмавии хизматрасонӣ наздироҳӣ) [4].

Ҳамин тавр, дараҷаи рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро бо омилҳои зайл муайян мекунем: сифати баланд, нархи истеъмол, дараҷаи хизматрасонӣ, пешбурди инноватсионӣ, потенсиали рушди хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ.

Дар маҷмӯъ мо ба хулосае омадем, ки омили таъсиркунандаи рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ ин бо нархи нисбатан арзону хизматрасонии босифат мебошад.

Омилҳое, ки мо дар боло қайд намудем низоми таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ ба шумор мераванд. Ҳар як омили алоҳида вобаста ба бозори хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ арзиши худро дорад, ки он хусусияти рақобат, марҳилаи давраи мавҷудияти хизматрасонӣ ва дигар ҷанбаҳоро дар бар мегирад. Дар ин радиф мо таъсири муайяни худмуратабии мутақобилаи омилҳои рақобатпазирии хизматрасониҳои наздироҳиро ба назар гирифт [14].

Ба андешаи мо барои муайян ва таснифи омилҳое, ки рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро ошкор месозад, ки он ба фарзияҳое асос ёфтааст, ки ҳангоми таҳлили омилҳо мо метавонем ҷиҳатҳои устувор ва заъфи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори наздироҳӣ бояд кори рақибонро муайян намоем. Ин аз як ҷиҳат имкон медиҳад, ки намудҳои шадиди рақобат пешгирӣ карда шаванд ва аз ҷиҳати дигар, пешравиҳо ва заифиҳои рақиби худро истифода баранд. Чунин раванд ба таҳияи чорабиниҳо ва воситаҳое мусоидат мекунад, ки бо ёрии онҳо субъекти хоҷагии наздироҳӣ метавонад рақобатпазирии хизматрасониҳои пешниҳодшударо зиёд намуда, муваффақияти худро таъмин кунад. Ҳиссаи худро дар пешниҳоди хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро дар бозори дахлдор тағйир диҳад. Талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои объектҳои низдироҳиро қонеъ гардонад [12].

Дар маҷмӯъ дониши назариявии рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ мувофиқи талаботи пешбинишудаи пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ, амнияти экологӣ, эстетика, инчунин нақши махсуси фаъолияти хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро дар бар мегирад. Мавҷудияти инфрасохтори ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро пурракунанда мушкилот ва аҳамияти рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро шадидтар мекунад.

Ба ақидаи мо, таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ бо эҷод, такмил, рушд, истифодаи самараноки роҳҳои автомобилӣ, ки ба омилҳои умумӣ дахл доранд, алоқаманд аст. Дар маҷмӯ омилҳои умумӣ аз хусусияти талабот ва тавонои бозори хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ вобастаанд [1].

Дар вақти гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ, афзоиши ояндадори рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ бояд ба пешрафтаи талаботҳои баланд нисбат ба нишондиҳандаҳо, хусусиятҳои сифатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи талабот ба хизматрасониҳоро дошта бошад [3].

Имрузҳо тамоюлҳои афзоиши бозори хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ, чунин маълумотро дар худ таҷассум мекунад: хусусияти рақобат; муайян кардани давраи муваққатии дурнамои рақобатпазирӣ;

Ҳолати муваққатии афзоиши минбаъдаи рақобатпазирӣ аз тарафи объектҳои хизматрасонии наздироҳӣ аз пайдоиши талабот то пайдоиши хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро муайян ва қонеъ намояд. Бо истифода аз минтақаҳои замони муваққатии афзоиши минбаъдаи рақобатпазирӣ имконият дорад, ки дар бозори хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ ва субъектҳои хоҷагии наздироҳӣ ҳукмрон бошанд [7].

Дар шароити муосир бозори хизматрасонии объектҳои наздироҳӣ ва субъектҳои хоҷагии наздироҳӣ ҳангоми ҳолатҳои номуайянӣ, беэътимодӣ ва хавф, таъсири бисёр омилҳои гуногунҷабҳа мавқеи мураккабро соҳиб мегарданд. Дар мавридҳои дар боло зикршуда бозори хизматрасонии объектҳои наздироҳӣ ва субъектҳои хоҷагии наздироҳӣ татбиқи принсипҳои зеринро дар худ таҷассум менамояд:

- эҳтимолии ҷараёнҳои воқеӣ ва тамоюлҳои мавҷуда бо дарназардошти хусусиятҳои он;
- пешгӯиҳо ва истифода аз шаклҳои гуногуни он;
- зиёдомилӣ дар асоси арзёбиҳо ва қарорҳо;
- ба назар гирифтани зиёдшавии миқдори омилҳо;

- дурнамои рушд ва муайян намудани дараҷаи дақиқии он.

Муҳити маркетингии беруна ва дохилӣ бо принсипи мутобиқати назардошти параметрҳои воқеӣ мувофиқатии стратегия ва тактикаи субъектҳои хоҷагии наздиҳоҳиро муайян мекунад [13].

Пешравии минбаъдаи рақобатпазирии хизматрасонӣ аз ҷониби объектҳои хизматрасонии наздиҳоҳӣ бо принсипҳое, ки мо (принсипи оптималӣ, принсипи кофӣ, принсипи таъинот, принсипи самаранокии функционалӣ, принсипи сарфакорӣ, принсипи консептуалии рушди ояндадорӣ) пешниҳод кардем, асос ёфтааст (ҷадвали 1.).

Ҷадвали 1. Принсипҳои рақобатпазирии хизматрасониҳои наздиҳоҳӣ

Принсипи он	ҳадди интиҳоии рақобатпазирии хизматрасониҳои наздиҳоҳиро муайян мекунад ва сарҳади болоии арзишҳои нишондиҳандаҳои рақобатпазириро нишон медиҳад, ки тағйирёбии он ба афзоиши минбаъдаи рақобатпазирӣ оварда намерасонад. Рушди назарраси сатҳи объективии рақобатпазирӣ на ҳамавақт давомнокии онро таъмин мекунад, зеро бартариҳои бозор метавонанд бо мурури замон дигаргун ва хароҷот барои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ метавонад беасос бошад.
Принсипи ко	принсипест, ки дараҷаи поёнии рақобатпазирии хизматрасониҳои наздиҳоҳиро танзим ва муайян мекунад. Ҷузъҳои рақобатпазирӣ дар ин мавриди бояд барои таъмини дараҷаи мувофиқи рақобатпазирӣ басанда бошанд.
Принсипи та	мувофиқати хизматрасониҳои объектҳои наздиҳоҳиро ба таъиноти худ муайян мекунад ва ба ниезҳое, ки бояд қонеъ карда шаванд, комилан мувофиқат мекунад. Ҳар қадаре ки хизматрасонии нақлиети автомобилӣ ба мақсади худ мувофиқат кунад, ҳамон қадар талабот беҳтар таъмин карда шавад, ҳамон қадар рақобатпазирии он баландтар аст, ки самаранокии қонеъ кардани талаботро муайян мекунад.
Принсипи самаранокии функционалӣ	таъиноти хизматрасониҳои наздиҳоҳиро барои иҷрои вазифаҳои муайян ифода мекунад. Ин принсип дараҷаи бо пуррагӣ қонеъ кардани талаботро бо хидматҳои пешниҳодшуда аз як тараф муайян намуда, аз тарафи дигар, принсипи таъинотро пурра ва хароҷоти лозимиро барои иҷрои ин функсияҳо муайян мекунад, Инчунин ин нарх қонеъ кардани талабот бо назардошти самаранокии иҷрои функсияро ҳам аз рӯи таъинот ва ҳам аз рӯи хароҷоти иҷрои онҳо муайян мекунад. Дар ҳолати самаранокии функсионалии хизматҳо баландтар будан, ҳамон қадар шиддати талаботро бештар қонеъ шуда, рақобатпазирии онҳо болотар мегардад.
Принсипи са	ҳадафи таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздиҳоҳӣ буда, он наметавонад бо пурраги мақсади худ бошад ва дар баробари ин бояд бо захираҳое, ки ба таъмини он равона карда шудаанд, мувофиқат кунад. Ин принсип самаранокии сарфаи таъмини рақобатпазириро муайян карда, хароҷотро бо натиҷаҳои расидан ба дараҷаи муайяни рақобатпазирии хизматрасониҳои наздиҳоҳӣ баробар мекунад. Принсипи самаранокӣ дар асоси интихоби стратегияи субъекти хоҷагии наздиҳоҳӣ ва диверсификатсияи раванди таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздиҳоҳӣ, ки бо рақобатпазирии субъекти хоҷагии наздиҳоҳӣ алоқаманд аст, асос ёфтааст.

Принсипи консептуалии ояндадорӣ	рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳӣ дар раванди принсипҳои таҳияшуда ба ғайр аз банақшагирӣ, боз ҳатман риояи қоидаҳои муайяни рақобатпазириро барои бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои объектҳои наздироҳиро ба назар гирифтан, лозим аст. Ин самт рушди устувор ва ҳаматарафаи ояндадори рақобатпазириро ба вуҷуд меорад, ки дар он истеъмолкунандагони хизматрасониҳои наздироҳӣ метавонанд талаботи тағйирёбандаи худро ба ҳадди аксар қонеъ гардонанд ва субъекти хоҷагии наздироҳӣ фоидаи ҳадди аксар ба даст орад ва рақобатпазирии худро баланд бардорад.

Хулоса, барои объектҳои хизматрасонии наздироҳӣ дар натиҷаи таҳқиқи назариявии фаъолияти махсус аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории хизматрасонии наздироҳӣ таҳқиқи системаи арзишҳои илмии рақобатпазирӣ, консепсияи муаллифӣ, илмӣ-асосноки рақобатпазирии хизматрасонӣ таҳия карда мешаванд.

СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ

1. Асаул, А.Н. Оценка конкурентных позиций субъектов предпринимательской деятельности/ А.Н. Асаул, Х.С. Абаев, Д.А. Гордеев // Современные наукоемкие технологии. – 2010. – № 2. – С. 80-89;
2. Бабкин В.Ф. Электронная коммерция и новые организационные формы компаний / В.Ф. Бабкин //Менеджмент в России и за рубежом. – 2000. – №1;
3. Введение в инноватику: учеб. пособие / А.Н. Асаул, В.В. Асаул, Н.А. Асаул, Р.А. Фалтинский, под ред. засл. деятеля науки РФ А.Н. Асаула.–СПб.: АНО«ИПЭВ», 2010.–С.280;
4. Иванов С.В. Применение логистического подхода в системах управления качеством продукции и услуг в условиях плановой и рыночной экономики России/ С.В. Иванов // Экономическое возрождение России. – 2010. – №1(23). – С. 76–85;
5. Кондратьев Н.Д. Проблемы экономической динамики / Н.Д. Кондратьев. – М.: Экономика, 1989. – С. 526;
6. Муромцев Д.Ю. Экономическая эффективность и конкурентоспособность: учеб. пособие / Д.Ю. Муромцев, Ю.Л. Муромцев, В.М. Тютюнник, О.А. Белоусов. – Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2007. – С. 96;
7. Передача транспортных услуг на аутсорсинг//Экономика и жизнь: прил. к газете. – 2008. – №26. – 27 июня;
8. Пименов В. Формирование конкурентной стратегии предприятия / В. Пименов, В. Березин // Стандарты и качество. – 2002. – № 6. – С. 5 – 7;
9. Портер М. Конкурентная стратегия. Методика анализа отраслей и конкурентов / М. Портер. – М.: Альпина Бизнес Букс, 2005. – С. 175;
10. Мартынов В.С. Переходная экономика. Российские проблемы / В.С. Мартынов. – М.: 2005. – С. 719;
11. Рыбкин Е.В. Модель оценки качества услуг объектов дорожного сервиса / Е.В. Рыбкин // Экономическое возрождение России. – 2011. – №2(28). – С. 85–90;
12. Троцкая Н.А. Транспорт в коммерческой деятельности/ Н.А. Троцкая. – М.: Асмап, 2004;
13. Шепелев А.Ф. Транспортное обеспечение коммерческой деятельности/ А.Ф. Шепелев. – М.: Транспорт, 2003;
14. Ярковой В.А. Основные направления развития информационных услуг в Российской Федерации / В.А. Ярковой // Экономическое возрождение России. – 2010.– №3(25). – С.56–61.

УДК 334.012.23

Рахмонов Ф.М.

ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ

Статья исследует предпринимательство в Республике Таджикистан, акцентируя внимание на его понятии, сущности и особенностях в контексте современной экономики. Рассматриваются ключевые факторы, влияющие на развитие предпринимательской деятельности, включая экономические, юридические и социальные аспекты. Анализируются проблемы, с которыми сталкиваются предприниматели, такие как недостаток инфраструктуры, сложность ведения бизнеса и нестабильность законодательства. Особое внимание уделено перспективам развития предпринимательства, поддержке малого и среднего бизнеса со стороны государства и роли предпринимателей в экономическом росте страны.

Ключевые слова: экономический рост, предпринимательство, малый бизнес, средний бизнес, бизнес-среда, государственная поддержка, инновации, цифровизация предпринимательства.

Раҳмонов Ф.М.

СОҲИБКОРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲО

Дар мақола соҳибкорӣ бо тавақҷуҳ ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он дар шароити иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Омилҳои асосии ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таъсиррасон, аз ҷумла ҷанбаҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Мушкилоте, ки соҳибкорон ба онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, аз қабили набудани инфрасохтор, мураккабии пешбурди тиҷорат ва ноустувории қонунгузорӣ таҳлил карда мешаванд. Ба дурнамои рушди соҳибкорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна аз ҷониби давлат ва нақши соҳибкорон дар рушди иқтисодёти миллӣ тавақҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Калидвожаҳо: рушди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, тиҷорати хурд, тиҷорати миёна, муҳити тиҷоратӣ, дастгирии давлатӣ, инноватсияҳо, рақамикунонии соҳибкорӣ.

Rahmonov F.M.

ENTREPRENEURSHIP IN THE MODERN ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: CONCEPT, ESSENCE AND FEATURES

The article examines entrepreneurship in the Republic of Tajikistan, focusing on its concept, essence and features in the context of the modern economy. The key factors influencing the development of entrepreneurial activity, including economic, legal and social aspects, are considered. The problems faced by entrepreneurs, such as lack of infrastructure, complexity of doing business and instability of legislation, are analyzed. Particular attention is paid to the prospects for the development of entrepreneurship, state support for small and medium-sized businesses and the role of entrepreneurs in the country's economic growth.

Keywords: economic growth, entrepreneurship, small business, medium business, business environment, state support, innovation, digitalization of entrepreneurship.

Предпринимательство является ключевым элементом экономического роста и развития в любой стране. В условиях развития рыночных отношений, как это наблюдается в Республике Таджикистан, предпринимательская деятельность становится важнейшим фактором социальной и экономической стабильности. Реформы, направленные на развитие рыночных механизмов и улучшение делового климата, требуют постоянной адаптации предпринимательских стратегий и эффективных подходов к ведению бизнеса. Важно изучить сущность и особенности предпринимательства в условиях местной специфики, чтобы стимулировать инновации, создание рабочих мест и увеличение инвестиций.

Тема предпринимательства в современной экономике Республики Таджикистан активно изучается в отечественной научной литературе, и значительный вклад в ее развитие внесли авторы из Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. В частности, Х.Х. Алишоев акцентирует внимание на значении производственного предпринимательства для развития национальной экономики, рассматривая его как важнейший фактор социально-экономической стабильности [1].

Ф.А. Джабборов делает акцент на совершенствовании механизма обеспечения устойчивого развития предпринимательства в условиях глобализации, что крайне важно в контексте интеграции Республики Таджикистан в мировую экономику и усиления его позиций на международной арене [9].

Б.Х. Каримов в своих работах рассматривает инвестиции как движущий фактор развития туризма, а также анализирует экономические аспекты управления и государственной поддержки туризма, который является важной отраслью для предпринимательского сектора в стране [4; 5]. Его исследования также затрагивают вопросы поддержки сельскохозяйственного предпринимательства, что является важным элементом аграрной политики страны [6].

Ш.Р. Шарифзода исследует особенности и проблемы развития горнодобывающих предприятий, а также организационно-экономическое состояние управления этой отраслью, что имеет ключевое значение для дальнейшего роста и устойчивого развития предпринимательства в секторе добычи полезных ископаемых [10; 11].

Несмотря на широкий спектр исследований, необходимость дальнейшего углубленного анализа особенностей предпринимательской деятельности в различных секторах экономики, с учетом современных вызовов и тенденций, таких как цифровизация и внедрение инноваций, сохраняется.

Предпринимательство представляет собой деятельность, направленную на организацию производства товаров и услуг с целью получения прибыли. Это процесс, в рамках которого предпринимается риск, инновации и использование ресурсов для создания нового продукта или улучшения существующего. Предпринимательство связано с активным поиском возможностей, решением проблем и преодолением неопределенности. В основе предпринимательской деятельности лежат как экономические, так и социальные мотивы, в том числе стремление к улучшению качества жизни и социальной ответственности.

Существует несколько теоретических подходов к определению предпринимательства. Классический подход, представленный экономистами XVIII-XIX веков, рассматривает предпринимательство как способность соединять факторы производства с целью создания продуктов или услуг. То есть, «Это деятельность по учреждению нового производства, введению новой отрасли промышленности или торговли, применению нового метода в земледелии. Это комбинирование и координирование факторов производства, перемещение ресурсов из области низкой производительности и низких доходов в область более высокой производительности и прибыльности» [7, с. 142].

Теории в основном акцентируют внимание на инновациях, риске и неопределенности. Например, теория австро-американского ученого Й.А. Шумпетера акцентирует внимание на предпринимательстве как двигателе инноваций, подчеркивая важность внедрения новых технологий и процессов для развития экономики. В своих книгах он описывает мнения различных ученых о предпринимательстве. Сам он рассматривал предпринимательство как

наиболее мобильный социальный слой, представляющей собой особый экономический институт, который быстрее приспосабливается к постоянно меняющимся экономическим условиям в современном мире, к желаниям потребителя. Он представлял функцию предпринимателя как действие, заключающееся в том, «чтобы реформировать или революционизировать производство, используя изобретения или, в более общем смысле, используя новые технологические решения для выпуска новых товаров или производства старых товаров новым способом, открывая новые источники сырья и материалов или новые рынки, реорганизуя отрасль и т.д.» [13, с. 511].

Как отмечает Й.А. Шумпетер в своей классической работе «История экономического анализа», Р. Кантильон, ирландский экономист конца XVII – начала XVIII веков, первым использовал термины «предприниматель» и «предпринимательство» в современном значении, представляя предпринимателя как человека, который «приобретает средства производства по определенным ценам с перспективой продажи их по неопределенным (ожидаемым) ценам. Это очень хорошо характеризует один из аспектов деятельности бизнесмена, но не характеризует (или во всяком случае не выделяет) ее сущности» [12, с. 728]. Р. Кантильон относил к предпринимателям не только купцов и ремесленников, но и фермеров (цена на продукцию которых неизвестна, так как она зависит от урожая), а также воров и разбойников. Он утверждал, что предприниматель не обязательно должен производить что-либо или заниматься деятельностью на свои деньги. Предпринимательству Р. Кантильон придавал ключевое значение в экономическом развитии, при этом четко различал капиталистов и предпринимателей.

Таким образом на основе всего вышерассмотренного можно сделать вывод о том, что социальный маркетинг в зарубежных странах основан на использовании маркетинговых стратегий для изменения поведения общества в интересах общественного блага, в основе которых лежат следующие принципы:

- Ориентация на поведенческие изменения — привлечение внимания к социальным проблемам и мотивация к действиям, например, отказу от курения или переходу на экологичные привычки.
- Исследование аудитории — глубокое понимание нужд и мотиваций целевой группы, чтобы разработать эффективные и точные сообщения.
- Использование доступных каналов коммуникации — распространение информации через социальные сети, СМИ, общественные мероприятия и образовательные программы.
- Привлечение партнеров и стейкхолдеров — сотрудничество с государственными и некоммерческими организациями, бизнесом и общественными движениями для поддержки кампаний.

Эти принципы помогают улучшать качество жизни, повышать осведомленность и влиять на социальные нормы.

Анализ зарубежного опыта применения маркетинга в социальной сфере показывает, что данный подход является эффективным инструментом для решения общественно значимых задач. Социальный маркетинг успешно используется для повышения осведомленности, изменения поведения и вовлечения населения в различные инициативы, такие как защита окружающей среды, здоровье, образование и социальная интеграция.

Особенно значимым является использование инновационных подходов, таких как цифровые технологии, персонализированные кампании и партнерства между государственным, частным и общественным секторами. Эти практики не только повышают эффективность программ, но и способствуют устойчивости их результатов.

Рассмотренные примеры подтверждают, что успех социальных маркетинговых инициатив зависит от учета культурных, социальных и экономических особенностей целевых аудиторий. Таким образом, зарубежный опыт показывает, что маркетинг может занимать ключевую роль в трансформации социальной сферы, способствуя решению актуальных проблем и улучшению качества жизни общества.

ЛИТЕРАТУРА

1. Богданова, С. В. Особенности интернет-маркетинга в России / С. В. Богданова // Социально-экономическое развитие региона: состояние, проблемы, перспективы: сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции, Ставрополь, 31 января 2019 года. – Ставрополь: Издательство «АГРУС», 2019. – С. 65-69.

2. Борисов, А. А. Методические подходы в интернет-маркетинге. Основные метрики и показатели эффективности рекламной кампании / А. А. Борисов // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2019. – № 2-1. – С. 49-52.

3. Горохов, М. М. Интернет-маркетинг: стратегия и виды / М. М. Горохов, Д. Е. Докучаев, А. Д. Трефилова // Социально-экономическое управление: теория и практика. – 2019. – № 1(36). – С. 21-24.

4. Гуриева, Л. К. Возможности интернет-маркетинга современной компании / Л. К. Гуриева, Г. Э. Батагов // Управление экономическими и социальными системами региона: Сборник научных трудов / Под редакцией С.Ф. Дзагоева. – Владикавказ: Северо-Осетинский государственный университет им. К.Л. Хетагурова, 2019. – С. 120-126.

5. Джабасова, З. Н. Особенности интернет-маркетинга в России / З. Н. Джабасова, О. В. Юдакова // Актуальные проблемы и тенденции развития современной экономики: Сборник трудов международной научно-практической конференции. В 2-х частях, Самара, 16–17 ноября 2020 года / Отв. редактор И.В. Косякова. – Самара: Самарский государственный технический университет, 2020. – С. 290-293.

6. Исмоилов Ш.М. Развитие электронной коммерции в условиях Республики Таджикистан//Ш.М.Исмоилов, Р.Б.Худжамкулов, М.Д.Лутфуллоев// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал) серия гуманитарных наук. - Хучанд, 2024. №1 (98). -С. 65-74.

7. Лутфулоев М.Д. Методологические основы цифровизации маркетинга. Перспективные исследования в технических и естественных науках: сборник статей международной научной конференции (Великий Новгород, Март 2024). – СПб.: МИПИ им.Ломоносова, 2024. – 64 с. С. 45-49

8. Тиньякова, В., Уварова, Е.А., Шейранова, В.П. (2015). Социальный маркетинг как компонент общей маркетинговой стратегии компании. Современная экономика: проблемы и решения, 3(63), 91-99. https://doi.org/10.17308/meps.2015.3/1193. С.73

УДК 338.4

Худойқулова Ё.К.

ТАСНИФ ВА ТАҲЛИЛИ ВОСИТАҲОИ ПЕШБУРД ДАР БОЗОРИ РАҚАМИИ САЙЁҲӢ ДАР СИСТЕМАИ ИТТИЛООТИИ САЙЁҲӢ

Мақола ба тасниф ва таҳлили воситаҳои пешбурд соҳаи сайёҳӣ дар системаи иттилооти сайёҳӣ бахшида шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки истифодаи фаъолонаи воситаҳои барои рушди сайёҳӣ дар тамоми соҳаи сайёҳӣ мусоидат карда, дар навбати худ барои рушди соҳаи сайёҳӣ замина мегузорад. Дар мақола нақши воситаҳои, ки барои рушди сайёҳӣ истифодашаванда зикр гардидааст. Зарурати ташаакули истифодаи воситаҳои барои рушди сайёҳӣ дар нуқтаҳои туристӣ раванди тадбиқ қарор дорад. Воситаҳои пешбурд дар бозори рақамии сайёҳӣ кӯмак мекунанд, ки ширкатҳо ва кишварҳои сайёҳӣ худро ба мизоҷон муаррифӣ кунанд ва имкониятҳои нав ва таҳқиқоти марбут ба талаботи сайёҳонро фароҳам оваранд.

Калидвожаҳо: воситаҳои сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, дестинатсия, туризми рақамӣ, стратегия, саноати сайёҳӣ, рақамикунонӣ, технологияҳои рақамӣ.

Худойкулова Ё.К.

КЛАССИФИКАЦИЯ И АНАЛИЗ ИНСТРУМЕНТОВ ПРОДВИЖЕНИЯ НА РЫНКЕ ЦИФРОВОГО ТУРИЗМА В ТУРИСТИЧЕСКОЙ ИНФОРМАЦИОННОЙ СИСТЕМЕ

Статья посвящена классификации и анализу инструментов продвижения туризма в туристской информационной системе. Автор подчеркивает, что активное использование инструментов развития туризма способствует всей сфере туризма и, в свою очередь, закладывает основу для развития сферы туризма. В статье отмечена роль инструментов, используемых для развития туризма. Необходимость развития использования инструментов развития туризма в туристических местах является процессом реализации. Инструменты продвижения на рынке цифрового туризма помогают туристическим компаниям и странам презентовать себя клиентам и создавать новые возможности и исследования, связанные с потребностями туристов.

Ключевые слова: инструменты туризма, развитие туризма, дестинация, цифровой туризм, стратегия, туристическая индустрия, цифровизация, цифровые технологии.

CLASSIFICATION AND ANALYSIS OF ADVANCED TOOLS IN THE DIGITAL TOURISM MARKET IN THE TOURISM INFORMATION SYSTEM

Khudoikulova Y.K.

The article is devoted to the classification and analysis of the tools for promoting the tourism industry in the tourism information system. The author emphasizes that the active use of tools for the development of tourism contributes to the entire tourism industry, which in turn lays the foundation for the development of the tourism industry. The article highlights the role of tools used for the development of tourism. The need to develop the use of tools for the development of tourism in tourist destinations is in the process of implementation. Promotional tools in the digital tourism market help tourism companies and countries present themselves to customers and create new opportunities and research related to tourist needs.

Keywords: tourism tools, tourism development, Destination, digital tourism, strategy, tourism industry, digitization, digital technologies.

Тасниф ва таҳлили воситаҳои пешбурд дар бозори рақамии сайёҳӣ дар системаҳои иттилоотии сайёҳӣ масъалаи муҳим ва ҷолиб аст, ки дар шароити имрӯзии бозорҳои сайёҳӣ бо истифода аз технологияи рақамӣ ва платформаҳои интернетӣ пайваста рушд мекунад.

Дестинатсияи туристӣ ин ҷузъи муҳими низоми туризм мебошад. Онро метавон ҳамчун марказ бо ҳама гуна лавозимоти зарурӣ, воситаҳои хизматрасонӣ ва хизматрасониҳо барои таъмини ҳамаи эҳтиёҷоти туристон тавсиф диҳем. Агар дигар хел гуем, макони туристӣ ҷузъҳои муҳимтаринро, ки барои туристон лозим аст дар бар мегирад [6. С.121].

Воситаҳои пешбурд дар бозори рақамии сайёҳӣ кӯмак мекунанд, ки ширкатҳо ва кишварҳои сайёҳӣ худро ба мизоҷон муаррифӣ кунанд ва имкониятҳои нав ва таҳқиқоти марбут ба талаботи сайёҳонро фароҳам оваранд. Воситаҳои пешбурд ё маркетингӣ дар сайёҳӣ ба гурӯҳҳои мухталифе тақсим мешаванд, ки метавонанд аз роҳҳои гуногун ба ҷалби муштариён ва кӯмак дар рушд намудани бозорҳои сайёҳӣ кӯмак кунанд.

Чи тавре, ки пешвои миллат дар паёми худ ба маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 қайд кардан, ки “Баланд бардоштани сатҳу сифати ҳамаи намудҳои хизматрасонӣ ва тараққиёти соҳаи сайёҳӣ самти дигари пешрафти ояндаи иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар мебошад”[1].

Воситаҳои барои рушди сайёҳӣ истифода мешаванд чунинанд:

А) Рекламаи рақамӣ (Digital Advertising)

- **Рекламаи онлайн**: Ширкатҳо ва кишварҳои сайёҳӣ метавонанд бо истифода аз рекламаҳои баннерӣ, видеои реклама, реклама дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҷустуҷӯҳои дар интернет рекламаи ҳадафнок созанд.
- **Рекламаи тарҷумоншуда**: Бо мутобиқ кардани реклама ба забонҳои гуногун, кӯшиш мекунанд, ки сайёҳон дар саросари ҷаҳон ба сайти худро ҷалб кунанд.

Б) SEO (Search Engine Optimization)

- Такмили муҳтавои сайт ва оптимизатсия дар системаи ҷустуҷӯ (Google, Yandex ва ғайра) барои ҷалби муштариён дар ҷустуҷӯи маълумот ва хизматҳои сайёҳӣ. SEO кӯмак мекунад, ки сайтҳои туризми онлайн дар рӯйхати ҷустуҷӯ ба мақсадҳои олиянда расанд.

В) Маркетинги мобилӣ (Mobile Marketing)

- **Платформаҳои мобилӣ ва барномаҳои сайёҳӣ**: Воситаҳои маркетингии мобилӣ, аз ҷумла барномаҳои сайёҳӣ, барои ҷалби сайёҳон аз тариқи смартфонҳо ва планшетҳо истифода мешаванд.
- **Пуш-эрбозҳо**: Ҳар гуна паёмҳои фошшуда ва омода бо кӯмаки SMS ва дигар платформаҳои мобилӣ ба муштариён.

Г) Саҳифаҳои вебсайт ва платформаҳои онлайн (Website and Online Platforms)

- Ширкатҳо ва давлатҳо метавонанд аз платформаҳои сайёҳӣ, ки хизматҳои гуногуни сайтро пешниҳод мекунанд (мисли TripAdvisor, Booking.com, Expedia), барои реклама ва пешниҳодҳои хизматҳои сайёҳӣ истифода баранд.
- **Системаҳои гузариш**: Воситаҳои электронӣ, ки дар онҳо онлайн хизматрасониҳо ва ҷустуҷӯ барои ҷойи хоб, парвозҳо ва хизматҳои транспортӣ мураккаб мешаванд.

Д) Шабакаҳои иҷтимоӣ (Social Media Marketing)

- **Платформаҳо**: Ширкатҳои сайёҳӣ метавонанд дар Facebook, Instagram, Twitter ва YouTube барои тарғиб ва интишори аксу видеои ҷолиб реклама созанд. Ҳамчунин, таъсиси гурӯҳҳо ва сафҳаҳои фан дар шабакаҳои иҷтимоӣ як воситаи муваффақ барои ба назар расондани хизматҳои сайёҳӣ мебошад.
- **Инфлюенсер маркетинг**: Сайёҳон ва блогерҳо метавонанд барои шарҳ додан ва тасвир кардани таҷрибаҳои худ дар сайёҳӣ таъсиргузор бошанд.

Е) Анализ ва таҳлил (Data Analytics)

- **Таҳлили рафтори муштариён**: Воситаҳои таҳлил ва мониторинг, ба монанди Google Analytics ё дигар барномаҳои таҳлили дар платформаҳои сайёҳӣ истифода мешаванд, ки барои фаҳмидани рафтори муштариён ва камбудиҳои маркетингӣ кӯмак мекунанд.
- **Системаи CRM (Customer Relationship Management)**: Ин системаҳо барои назорат ва рушди муносибат бо муштариён ва истифодаи маълумот барои такмили хизматҳои шахсони алоҳида кӯмак мекунанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар ду даҳсолаи охир як равандҳои мусбат ва истиқболи зиёдро таҷриба кардааст. Тадбирҳои зиёде, ки барои рушди ин соҳа дар кишвар андешида шудаанд, нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон ба маркази туристии аврупоии Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст.

Вазорати фарҳанг ва туризм дар Тоҷикистон барои расидан ба як равиши устувори соҳаи туризм як қатор сиёсати стратегӣ ва лоиҳаҳо таҳия кардаанд. Ба мисли "Барномаи миллӣ оид ба рушди туризм", ки ба рушди инфрасохтор, рушди минтақаҳои туристӣ, такмили хизматрасонӣ ва тарғиби кишвар дар арсаи байналмилалӣ равона шудааст.



Расми1. Воситаҳо барои рушди сайёҳӣ истифодашаванда

Ҳар як воситаи маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ метавонад дар рушди стратегияи умумии маркетингии як ширкат ё кишвар таъсири бузург бигузорад. Таҳлили воситаҳои пешбурд дар системаи иттилоотии сайёҳӣ як равандест, ки тавассути он ширкатҳои сайёҳӣ ва ташкилотҳои давлатиро водор месозад, ки барои беҳтар кардани хидмат ва маҳсулоти худ кор кунанд.

- **Дастрасӣ ба иттилоот**: Бо истифода аз интернет ва платформаҳои онлайн, маълумот ва хизматҳои туризм ба осонӣ ва зуд дастрас мешаванд, ки ин барои ҳар як сайёҳ ва ширкат муҳим аст.
- **Фаҳмидани талаботи муштариён**: Таҳлили иттилоот ва маърифати бозор ба ширкатҳои сайёҳӣ кӯмак мекунад, ки дуруст ба нишонаҳои муҳими муштариён ҷавоб диҳанд ва стратегияҳои маркетингии худро дуруст созанд.

Воситаҳои пешбурд дар бозори рақамии сайёҳӣ ба беҳтар кардани хизматҳо ва ҷалби сайёҳон кӯмак мекунанд. Воситаҳои рақамӣ ба ширкатҳои сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки қарорҳои дуруст ва омӯзишӣ дар бораи хоҳишҳо ва эҳтиёҷоти бозор бигиранд. Ин воситаҳо, ҳамзамон, барои таъсиси як нишонаи дуруст ва сазовор барои бренди туристӣ кӯмак мекунанд.

Рушди сайёҳӣ дар ҳоли ҳозир дар саросари ҷаҳон ба як соҳаи калидӣ табдил ёфтааст, ки барои иқтисоди кишварҳо ва минтақаҳо аҳамияти бузург дорад. Барои рушди ин соҳа, истифодаи дурусти воситаҳои гуногун зарур аст. Воситаҳои асосие, ки метавонанд барои рушди сайёҳӣ истифода шаванд, дарҳол метавонад таъсири мусбат ба иқтисод, фарҳанг ва муҳити зисти минтақаҳо расонанд. Ба таври умум, воситаҳо ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: технологӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ.

Воситаҳои технологӣ- платформаҳои рақамӣ ва сомонаҳои сайёҳӣ ба монанди *Booking.com, Airbnb, TripAdvisor*, инчунин ёрии ҷустуҷӯӣ ва таҳқиқи маълумот дар интернет, барои тарғиб ва маркетинги минтақаҳо муҳим мебошанд. Ин тасаввурро ба сайёҳон медиҳад, ки онҳо чӣ гуна ҷойҳоро сафар кардан мехоҳанд. Реалити виртуалӣ (VR) ва реалити аниматсия (AR): Ин технологияҳо метавонанд ба одамон кӯмак кунанд, ки пеш аз сафар бо ҷойҳо ва хизматҳо шинос шаванд.

Воситаҳои молиявӣ- бо таъсиси мизоҷи хизматрасонӣ, ҳавопаймо, роҳи оҳан, таъмири роҳҳои муҳим ва меҳмонхонаҳои замонавӣ, воситаҳои молиявии корӣ метавонанд рушди сайёҳиро ҳавасманд кунанд. Сармоягузорӣ дар инфрасохтор: Бо таъсиси мизоҷи хизматрасонӣ, ҳавопаймо, роҳи оҳан, таъмири роҳҳои муҳим ва меҳмонхонаҳои замонавӣ, воситаҳои молиявии корӣ метавонанд рушди сайёҳиро ҳавасманд кунанд. Ташкилоти

молиявии давлатӣ ва хусусӣ: Бо таъмини қарзҳо ё дигар ёрии молиявӣ, ки барои рушди ин соҳа лозим аст, кӯмак кардан мумкин аст.

Ҳамчунин, баланд бардоштани буҷаи маркетинг ва рекламаи сайёҳӣ барои тарғиби кишвар ё минтақа кӯмак мерасонад. Барномаҳои ҳавасмандгардонӣ: Давлатҳо метавонанд бо пешниҳоди тахфифҳо ё дигар барномаҳои ҳавасмандгардонӣ, ба монанди кам кардани андозҳо барои ширкатҳои сайёҳӣ, хизматҳои нисбатан арзонро пешниҳод кунанд.

Воситаҳои иҷтимоӣ- тарғиб ва маркетинг дар воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, ва иштирок дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ як воситаи муҳим барои рушди сайёҳӣ мебошанд. Рекламаи визуалӣ ва санъатиро дар боғҳои фарҳангӣ, таърихӣ ё табиӣ истифода кардан метавонад таваҷҷӯҳ ба сайёҳонро зиёд кунад. Таъсиси фестивалҳо, намоишгоҳҳо, маъракаҳои фарҳангӣ ва чорабиниҳои варзишӣ, ки бо мақсади ҷалби сайёҳон ташкил мешаванд, воситаҳои муҳими рушди туризм мебошанд. Таъсиси ташкилотҳо ва гуруҳҳои машваратӣ барои ҷалби одамон ба дастгирии рушди сайёҳӣ, инчунин бо коркард ва омӯзиш барои ҳифзи муҳити зист ва фарҳангии минтақаҳо.

Воситаҳои ҳифзи муҳити зист- инноватсияҳо дар ташкили сайёҳии устувор, ки бо ҳифзи муҳити зист ва арзишҳои фарҳангӣ муносибат мекунанд, як воситаи муҳим барои рушди сайёҳӣ мебошад. Ба ин воситаҳо ташкили ҳавасмандгардонӣ барои сафарҳои сабз, истифодаи манобеи барқароршавандаи энергия, ва кам кардани таъсири манфии сайёҳӣ ба табиат дохил мешаванд. Коркард ва истифодаи ҷузъиёти муҳити зист ба таври мақсаднок барои ҷалби сайёҳон ба минтақаҳои боғҳои табиӣ, расидан ба мувозинати табиат ва рушди самараноки сайёҳӣ дар кӯҳистон ё хати соҳилӣ.

Барои рушди муассир ва устувори соҳаи сайёҳӣ, муҳим аст, ки воситаҳои технологӣ, молиявӣ, иҷтимоии ва муҳити зист ба таври мувозинат ва ҳамоҳанг истифода шаванд. Агар ҳамаи ин воситаҳо ба якдигар пайваст карда шаванд, метавонанд ба таъмини рушди мунтазам ва муваффақи соҳаи сайёҳӣ кӯмак расонанд.

Аспектҳои инноватсионӣ ва интеркултуралии сайёҳӣ, инчунин нақши ҷомеа ва ё иштироки онҳо дар раванди рушди сайёҳӣ, на танҳо ба воситаҳои молиявӣ ва технологӣ, балки ба рушди иҷтимоии, фарҳангӣ ва экологӣ низ таъсир мерасонанд. Барои ҷалби сайёҳон, кишварҳо ва минтақаҳо метавонанд брендсозии фарҳангии хешро таҳия кунанд. Ин брендсозӣ метавонад бо истифода аз муқаддасот, тафсири мероси фарҳангӣ, мусиқӣ, санъат, ва ғизо дар маҷмӯъ пайванд дошта бошад.

Ба ин воситаҳо бояд таваҷҷӯҳ дода шавад, ки ба василаи он, аслан маҳалли сайёҳӣ ва хусусиятҳои он ё як минтақаро ба таври муайян эътироф мекунанд. Созмонҳои фарҳангӣ ва санъат метавонанд дар ҷалби сайёҳон тавассути баргузории намоишгоҳҳо, тасвирҳои ҳаҷмии 3D ё сайёҳии фарҳангии мусиқӣ ва рақс нақш гузоранд. Барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангии хусусӣ барои сайёҳон, ки хусусиятҳои минтақавиро эътироф мекунад, метавонанд дар таъмини рушди туризм таъсири мусбат дошта бошанд.

Такмили таҷрибаи сайёҳӣ бо истифода аз технологияи инноватсионӣ, ба монанди интиқолҳои аниматсионӣ (interactive exhibitions), платформаҳои мобилӣ барои назорати сафарҳо ва лоиҳаҳои нав дар бахши сайёҳӣ метавонад имконияти ба андозаи зиёд таъсир расонидан ба рушди иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳоро фароҳам оварад. Дар бисёр ҳолатҳо, рушди соҳаи сайёҳӣ бе ҳамкориҳои байналмилалӣ ва иштироки созмонҳои муҳим имконпазир нест.

Ба ин маънӣ, ассамблеяҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди ОИТ (Созмони Туризм ва Сафарҳои Дунё), метавонанд рушди сайёҳиро бо мубодила ва табодули таҷрибаҳо, стандартҳои нави сайёҳӣ, ва ё барномаҳои ташвиқотӣ таъмин кунанд. Гурӯҳҳои туризм метавонанд барномаҳои муштараки сайёҳӣ тарҳрезӣ кунанд, ки туризмро байни кишварҳо ё минтақаҳои ҳамсоя тараққӣ диҳад. Ин амал метавонад барои ҷалби сайёҳон ва таҳкими муносибатҳои дипломатӣ дар минтақаҳо муфид бошад.

Барномаи таҳсилоти тиҷоратии сайёҳӣ, омодасозии мутахассисони туризм ва ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ барои пешбурди малакаи муҳими сайёҳӣ барои кормандони меҳмонхонаҳо, роҳнамои сайёҳӣ ва ташкилотҳои ҳунарии маҳаллӣ бояд дар ин раванд ширкат кунанд. Қабул ва пешниҳоди курсҳои таълимии гуногун барои пешрафт дар соҳаи туризм метавонад ба сатҳи баландтари хизматрасонӣ ва эҳтиром ба эҳтиёҷоти сайёҳон мусоидат кунад.

Дар ҷаҳони имрӯза, муҳити рақамӣ барои рушди туризм аҳамияти махсус дорад. Сомонаҳо, платформаҳои онлайн, ва аризаҳои мобилӣ, ки дар онҳо маълумот, рейтингҳо ва шарҳҳо оид ба хизматҳои сайёҳӣ мавҷуданд, барои пешбурди туризм мусоидат мекунанд. Бо ин роҳ, ҷаҳонбинии сайёҳон ва ҷалби онҳо ба мақсадҳои мушаххас осонтар ва муассиртар мешавад.

Таҳлили маълумоти оморӣ барои пайгирӣ кардани интизориҳо ва эҳтиёҷоти сайёҳон ва таҳияи стратегияи дурусти маркетинг аҳамият дорад. Барои сафарҳои сайёҳӣ тавассути таҳлили хатар ва эҳтиёҷоти бозор, роҳбарони соҳа метавонанд қарорҳои дуруст ва мувофиқ барои ояндаи сайёҳӣ қабул кунанд.

Воситаҳои ҳифзи муҳити зист ва роҳҳои устувор барои нигоҳдории табиат ва минтақаҳои сайёҳӣ бо истифода аз сиёсати устувор дар сохтмон, нақлиёт ва эҷоди минтақаҳои сайёҳӣ мувофиқ барои ҷомеаҳо аҳамияти калон дорад. Сарҳадҳое, ки ба ҷойҳои табии ва таърихӣ мусоидат мекунанд ва онҳоро бо роҳҳои сабз ва фаъолиятҳои эко-сайёҳӣ дастгирӣ мекунанд, барои рушди сайёҳӣ як манбаи муҳим мебошанд.

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳон ба таври ҷиддӣ вобаста ба истифодаи воситаҳои мувофиқи технологӣ, молиявӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мебошад. Инчунин, татбиқи стратегияҳои глобалӣ, амалҳои устувор ва сохтани иқтисоди сайёҳӣ метавонанд беҳтарин натиҷаҳо ба бор оранд. Агар ҳамаи воситаҳо дар якҷоягӣ ва мувофиқ ба талабот ва муҳити ҷорӣ истифода шаванд, рушди сайёҳӣ метавонад як раванд ва таъсирбахш бошад, ки муфиди як кишвар ва ҷомеа боқӣ мемонад.

Мувофиқи таҳлилҳо амалӣ намудани ислоҳот имкон медиҳад, ки саҳми соҳаи сайёҳӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар то соли 2020 то ба 5 фоиз ва саҳми ғайримустақими он барои рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт то 15 фоиз расонида шавад.[1.].

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар моҳҳои январ-сентябри соли 2024 шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд, бо назардошти ҳама намуди мақсадҳои сафар (хизматӣ, истироҳатӣ ва ғайра) 1 223, 2 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 195,6 ҳазор нафар ва ё 19,0% зиёд гардидааст.

Аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 941,3 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ (тибқи методологияи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ) арзёбӣ мегарданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17,3% зиёд шудааст. Шумораи шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ИДМ ворид гардидаанд, 1 118,5 ҳазор нафар (90,4% аз шумораи умумӣ), аз он 852,2 ҳазор нафар ба ҳайси сайёҳ ва аз давлатҳои хориҷи дур 104,7 ҳазор нафар (мутаносибан 8,6% аз шумораи умумӣ), аз он 89,1 ҳазор нафар ҳамчун сайёҳ ба қайд гирифта шудаанд.

Дар ин давра шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷумҳурӣ хуруҷ шудаанд, 2 642,1 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 128,2 ҳазор нафар ё 5,1% зиёд мебошад.

Тибқи маълумот дар нуҳмоҳаи соли 2024 аз шумораи умумии сайёҳони аз дигар кишварҳо воридгардида 77,5% (729,9 ҳазор нафар) бо мақсадҳои шахсӣ (асосан аёдати хешу табор), 0,9% (8,5 ҳазор нафар) барои таҳсил, 5,1% (47,8 ҳазор нафар) ба ҳайси соҳибони воситаҳои нақлиёт, 3,2% (30,1 ҳазор нафар) бо сафари хазматӣ ва 13,3 (124,9 ҳазор нафар) бо дигар мақсадҳо ба Тоҷикистон ташриф оварданд.



Расми 2. Шумораи ширкатҳои сайёҳии ба қайд гирифта шуда, адад дар солҳои 2017-2023

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 200 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки аз ин миқдор ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 35 адад, шаҳри Душанбе 94 адад, вилояти Суғд 42, вилояти Хатлон- 18 ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 11 адад рост меояд.

Дар баробари ин, дар мамлакат 343 субъекти хизматрасони сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 214 меҳмонхона, 46 хостел ва мотел, 54 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг ва 4 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.04.2024 шаҳри Душанбе.
3. Абдуалимов А., Қодирова М.И. Иқтисодиёти туризм Душанбе 2012 ҶДММ “Комрон+П 174саҳ. Саҳ121.
4. Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. Мушкилоти рушди маркетинги рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Абдураҳмон Ҳ., Шамсов Ф.Т. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, 2023. №2 (46).
5. Масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ / А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова // Ахбори ДДҲБСТ, Силсилаи илмҳои гуманитарӣ.-Хуҷанд, 2022,№3 -С.124-135
6. Мирзоалиев А.А., Худойқулова Ё.К. Омодагии кадрҳо дар шароити рақамикунонии саноати сайёҳӣ /А.А. Мирзоалиев, Ё.К.Худойқулова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2/2(47) Душанбе, 2023 -С.26-33
7. Нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар/ А.А. Мирзоалиев, А.М.Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.-Душанбе, 2020 №3(32) –С.138-145

УДК 330

Ҳамдамзода Х.А.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ КОНСЕПСИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ДАР БАХШИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши кишварзӣ баррасӣ шудаанд. Қайд шудааст, ки воридотивакунӣ дар шароити кунунӣ ба унвони самти стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии ширкатҳои ватанӣ ва роҳ ёфтан ба бозорҳои ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки ин мавзуъ стратегияи ҳадафмандонаи коркард ва татбиқи стратегияи воридотивазкуниро дар бахши кишоварзӣ ба роҳ мондааст. Новобаста аз маъруфияти зиёди консепсияи воридотивазкунӣ то ҳол масоили назариявӣ ва методологии корбурди он дар шароити минтақаҳо ва кишварҳои мухталиф комилан асоснок нашудааст. Аз ҷумла мафҳуми «воридотивазкунӣ», принсипҳои асосии он, механизми ташкил ва идоракунии раванди воридотивазкунӣ ва амсоли он ниёз ба тадқиқ ба баррасии амиқ дорад. Дар мақолаи мазкур мафҳуми «воридотивазкунӣ» дар бахши кишоварзӣ аз дидгоҳи олимон ва мактабҳои мухталиф иқтисодӣ баррасӣ гардидааст. Хусусиятҳо хоси ташкили он дар шароити кишварҳои ру ба инкишоф мавриди омузиш қарор гирифтааст. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ таърифи муаллиф нисбат ба мафҳуми мазкур пешниҳод гардида, модели консептуалии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ коркарда баромада шудааст.

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ, воридот, содирот, кишоварзӣ, консепсияи воридотивазкунанда, рақобатпазирӣ, механизм, принсипҳо, модел.

Хамдамзода Х.А.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ КОНЦЕПЦИИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

В статье рассматриваются теоретические основы концепции импортозамещения в аграрном секторе. Отмечается, что в нынешних условиях импортозамещения в качестве стратегического направления обеспечения продовольственной безопасности, повышения уровня конкурентоспособности отечественных компаний и выхода на мировые рынки. В насятощее время Правительство Республики Таджикистан запустило целевую стратегию по разработке и реализации стратегии импортозамещения в аграрном секторе. Несмотря на большую популярность концепции импортозамещения, теоретические и методологические вопросы ее применения в условиях разных регионов и стран до конца не обоснованы. В частности, требуют детального исследования и рассмотрения понятие «импортозамещение», его основные принципы, механизм организации и управления процессом импортозамещения и т.д. В статье с точки зрения различных ученых и экономических школ рассматривается понятие «импортозамещение» в аграрном секторе. Изучены особенности ее организации в условиях развивающихся стран. На основе анализа научной литературы дано авторское определение данного понятия и разработана концептуальная модель импортозамещения в аграрном секторе.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, импорт, экспорт, сельское хозяйство, концепция импортозамещения, конкурентоспособность, механизм, принципы, модель.

Hamdamzoda H.A.

THEORETICAL ASPECTS OF THE CONCEPT OF IMPORT SUBSTITUTION IN AGRICULTURE

The article discusses the theoretical foundations of the concept of import substitution in the agricultural sector. It is noted that in the current conditions, import substitution is a strategic direction for ensuring food security, increasing the level of competitiveness of domestic companies and entering world markets. Currently, the Government of the Republic of Tajikistan has launched a targeted strategy for the development and implementation of an import substitution strategy in the agricultural sector. Despite the great popularity of the concept of import substitution, the theoretical and methodological issues of its application in different regions and countries are not fully substantiated. In particular, the concept of «import substitution», its basic principles, the mechanism for organizing and managing the process of import substitution, etc. require detailed research and consideration. The article examines the concept of «import substitution» in the agricultural sector from the point of view of various scientists and economic schools. The features of its organization in developing countries have been studied. Based on an analysis of scientific literature, the author's definition of this concept is given and a conceptual model of import substitution in the agricultural sector is developed.

Key words: food security, import, export, agriculture, import substitution concept, competitiveness, mechanism, principles, model.

Дар шароити кунунӣ яке аз роҳҳои муҳим ва афзалиятноки таъмини бехтарии озуқаворӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди инноватсионии кишвар татбиқи самараноки консепсия воридотивазкунӣ ва ба ҳамин васила коҳиш додани вобастагӣ аз маҳсулоти воридотӣ ба ҳисоб меравад. Консепсияи воридотивазкунӣ ба унвони стратегияи мутобиқгардонии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ба талаботи фазои рақобатӣ шинохта шудааст, ки имкон медиҳад тавонмандии истеҳсолкунандагони ватаниро ботадриҷ таҳким бахшида сатҳи рақобатпазирии онҳоро боло бардорад. Консепсияи мазкур дар шароити кишварҳое, ки аз нигоҳи рушди инноватсионӣ ба таври назаррас қафо мондаанд ва наметавонанд молу маҳсулоти комилан навро ба унвони афзалияти рақобатии худ ба бозор пешниҳод намоянд, ба сифати механизми адаптатсионӣ дар як марҳиллаи муайни инкишофи иқтисодӣ тавсия мешавад. Пушида нест, ки ин консепсия барои Тоҷикистон низ дорои аҳамияти стратегӣ буда татбиқи самаранок ва саривақтии он метавонад ба унвони як омили калидӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муҳим дошта бошад.

Мушкилоти озуқа ҷузъи муҳимтарини сохтории таъмини амнияти миллӣ мебошад, зеро набудани захираҳои озуқавории зарурӣ дар минтақаҳо метавонад боиси ноустувории иҷтимоии ҷомеа гардад. Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз шартҳои устувории системаи параметрҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад, ки сифати зиндагии аҳолӣ аз он вобаста аст, ки дар асл нишондиҳандаҳои самаранокии идоракунии давлатӣ мебошад. Ҳангоми тавсифи амнияти озуқаворӣ дар адабиёти илмӣ равишҳои гуногунро дидан мумкин аст, аммо онҳо ба як принсипи ибтидоӣ – таъмини устувори маҳсулоти озуқавории хушсифат барои аҳолӣ - асос ёфтаанд [11].

Айни ҳол «Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд» [10]. Ҳамчунин дар сатҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои соҳавӣ ҷиҳати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии молҳои ниёзи мардум дар ҳоли татбиқ ва иҷро мебошад.

Ба андешаи Д.А. Алиҷонов «Дар шароити тараққиёти нокифояи иқтисодиёти миллӣ дар амал тадбиқ намудани стратегия воридотивазкунӣ имкон медиҳад, ки як қатор мушкилотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, алалхусус, паст намудани сатҳи бекорӣ, бартараф намудани истифоданабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва иқтисодӣ, беҳтаршавии шароити савдо, баландшавии рақобатпазирии молистеҳсолкунандагони миллӣ ҳалли худро ёбанд» [2, с. 76].

Бо вуҷуди ин ҳануз тадқиқи масоили марбут ба асоснок намудани муқаррароти назариявию методологӣ ва амалии консепсия воридотивазкунӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ва, махсусан, бахши кишоварзӣ аз аҳамияти бориз бархурдор мебошад.

Аз дигар тараф, дар адабиёти илмӣ воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳои воридотивазкунӣ амалан ба назар гирифта намешаванд. Танҳо дар теъдоди маҳдуди корҳои илмӣ [8; 5; 3]. ба ғайр аз хусусият ва ҳадафҳои муттаҳидкунанда воситаҳои ноил шудан ба воридотивазкунӣ нишон дода шудаанд. Ҳамзамон, дар чунин асарҳо рӯйхати хеле маҳдуди воситаҳо нишон дода шудааст, ки дар байни онҳо тадбирҳои протекционистӣ (танзими тарифии гумрукӣ ва усулҳои ғайритарифии маҳдудкунии воридот) ва субсидияҳои давлатӣ барои лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ дар соҳаи воридотивазкуниро бояд қайд намуд.

Мафҳуми «воридотивазкунӣ» аз охири асри 19 мавриди истифодаи олимон иқтисодӣ қарор гирифтааст. Маҳз дар ҳамин давра Ф. Лист (иқтисоддони олмонӣ) ба омузиши робитаи афзоиши рушди иқтисодиёти миллӣ ва зарурати ташаккули истеҳсоли ватанӣ барои таъмини талаботи бозори дохилӣ машғул гардид. Ба андешаи ӯ, рушди иқтисодии баъзе кишварҳо аз рӯи қонуниятҳои хосе пеш меравад, ки ба туфайли онҳо ҳар кадоми барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолот дар дохили кишвар аз руи ягон намуди хоси молу маҳсулот махсусгардонида мешаванд.

Аммо дар ҳоли ҳози мафҳуми «воридотивазкунӣ» аз он доираи маҳдуде, ки Ф. Лист ва ҳамсафони ӯ таъриф менамуданд, хеле фаротар по берун ниҳодааст. Бемуболиға метавон гуфт, ки воридотивазкунӣ имрузҳо чун як консепсяи куллии рушди иқтисодӣ дар тамоми давраи занҷираи арзишофарӣ баррасӣ мешавад.

Чунончӣ, А.И. Алтухов қайд мекунад, «... истиқлолияти озуқавории кишварро бе рафъи вобастагии назарраси воридот дар истехсолоти агросаноатӣ таъмин кардан мумкин нест. Аз ҷумла, барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тухмии воридотӣ, масолеҳи зотпарварӣ, мошину таҷҳизоти кишоварзӣ, иловаҳои хӯроки чорво, доруҳои байторӣ истифода мешаванд, ки ҳиссаи зиёди хароҷоти захираҳои воридотӣ дар хароҷоти умумии маҳсулоти кишоварзиро муайян мекунад. Вобаста ба ин, татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ бояд дар тамоми занҷираи арзишофарӣ амалӣ карда шавад» [4, с. 5].

Бояд гуфт, ки назария ва методологияи воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ дар робита бо шароити нави иқтисодӣ рушд ва такмилро тақозо мекунад. Бисёр масъалаҳои бунёдӣ то ҳол ҳалношуда боқӣ мемонанд, ки дар қатори онҳо метавон аз чунин муқаррарот ёдовар шуд:

- то ҳол механизми ҳамаҷонибаи воридоти маҳсулоти кишоварзӣ таҳия нашудааст, гурӯҳбандии дақиқи ҳадафҳо, самтҳо, воситаҳо, омилҳо, шароитҳо, оқибатҳо, таъсир ва натиҷаҳои чунин раванд вуҷуд надорад;

- стратегияи воридотивазкунӣ дар бахши озуқаворӣ на аз рӯи мӯҳлат, на аз рӯи сатҳи татбиқ ва на аз рӯи натиҷаҳои пешбинишуда фарқ намекунад ва дар вазифаҳои дахлдори тактикӣ муайян карда нашудааст.

- нақшаҳои воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ, ки аз ҷониби минтақаҳои ҷумҳурӣ тасдиқ шудаанд, умуман барномаҳое мебошанд, ки мақсадҳои муайяни зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти умумиро бе асоснокии амиқи назариявӣ ва амалии ассортимент ва сохтори молии истеҳсолот доранд;

- масъалаи дастгирии институтсионалӣ ва фароҳам овардани шароит барои татбиқи сиёсати воридотивазкунӣ ҳалношуда боқӣ монад;

- ҳамчунин, равишҳои методологии арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ таҳия нашудаанд ва аз ин рӯ, имконнопазирии татбиқи онро дар як соҳаи муайяни истеҳсолот муайян кардан ғайриимкон аст.

Лозим ба зикр аст, ки новобаста аз маъруфияти зиёд дар адабиёти иқтисодӣ таърифи комил ва эътирофшудаи худи мафҳуми «ворид отивазкунӣ» ҳануз пешниҳод нашудааст.

Мувофиқи таърифе, ки дар Энсиклопедияи Британника оварда шудааст, воридотивазкунӣ як сиёсати иқтисодиест, ки аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар солҳои 1930 ва 1980 барои мусоидат ба саноатунонӣ ва ҳифзи бозори дохилӣ аз рақобати молҳои воридотӣ қабул кардаанд. Усулҳои асосии ҳифзи бозори дохилӣ дар ҳама ҷо ба молҳои воридотӣ муқаррар намудани тарофаҳо ё квотаҳои баланд ва дастгирии соҳаҳое, ки дар бозори байналмилалӣ рақобатпазир нестанд, ба шумор меравад [16]. Чуноне, ки мебинем дар ин таъриф бештар ба сиёсати давлат дар самти ҳифзи бозори дохилӣ таъқид карда мешавад.

Муаллифони муосир ба таври мухталиф воридотивазкуниро шарҳ медиҳанд. Дар баъзе таърифҳои пешниҳодшуда воридовивазкунӣ ҳамчун як раванди иқтисодӣ шарҳ дода мешавад. Масалан, Е.Б. Стародубцева қайд мекунад, ки воридотивазкунӣ ин «... раванди аз ҷиҳати иқтисодӣ объективии афзоиши истеҳсол, истеъмол ва содироти молҳои миллӣ бо таваҷҷуҳ ба кам кардани ҳиссаи воридот аз ҳисоби афзоиши рақобатпазирии молҳои ватанӣ» [13, с. 15]. ба ҳисоб меравад. Дар таърифи мазкур бештар ба такмили механизми рушди иқтисодӣ дар самти истеҳсоли молу хизматрасониҳои муайян таъқид мешавад.

Муаллиф ба тарофа ва квотаҳои давлатӣ, боҷ, андоз ва амсоли он таваҷҷуҳ намекунанд. Яъне барои ноил шудан ба ҳадафҳои воридотивазкунӣ бояд рушди иқтисодии соҳаҳоеро, ки дар бозори хориҷӣ заифтар ба ҳисоб мерванд, тақвият бахшид. Воридтивазкуниро чун сиёсати ба илм асосёфта барои танзими ҳиссаи воридот тавассути ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони миллӣ ва кам кардани воридот бо истифода аз воситаҳои ҳимоятӣ маънидод мекунанд. Дар таърифи мазкур воридотивазкунӣ чун як шакли сиёсати давлатӣ таъриф мешавад, ки ба коҳиш додани ҳиссаи воридот тавассусти востиҳои пешгирӣ аз воридоти молҳои хориҷӣ равона шудааст. Албатта, таърифи мазкур низ воқеъияти амалӣ дорад ва намешавад онро инкор кард, зеро дар раванди воридотивазкунӣ дар бештари ҳолатҳо давлат ба унвони ҳомии истеҳсолкунандагони ватанӣ баромад менамояд.

Воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ, чунон ки М. Сучкова қайд менамояд, «... стратегияи давлатии рушди иқтисодии соҳаро бо мақсади танзими оқилонаи воридот тавассути ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзӣ, таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар кишвар, аз ҷумла, бо иштироки сармояи хориҷӣ, истеҳсол ва ё зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хориҷиро ифода менамояд» [14, с. 12]. Албатта, таърифи мазкурро дар мисоли бахши саноат, нақлиёт ва ё соҳаи дигар низ метавон ба кор бурд. Хусусияти фарқкунандаи таърифи мазкур таъкид бар зарурати коркард ва татбиқи стратегияи давлатӣ дар самти дастрасӣ ба ҳадафи муайян мебошад. Яъне, дастгирии давлатии соҳаро шарти асосии татбиқи консепсия воридотивазкунӣ мешуморад.

Муаллифон В.А. Семыкин, В.В. Сафронов ва В.П. Терехов воридотивазкуниро чун «раванди такмили сохтори иқтисодиёти кишвар ва минтақа бо роҳи ташкили истеҳсолот дар соҳаҳои иловагӣ, ки воридоти молҳои хориҷиро коҳиш медиҳанд, бехатарии иқтисодиётро таъмин менамояд, робитаҳои иқтисодии беруниро тақвият мебахшад ва ба ҳамгироии иқтисодии ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд» [12]. баррасӣ менамоянд. Чунон ки мебинем, муаллифони мазкур воридотивазкуниро чун як равиши мукаммали рушди иқтисодӣ баррасӣ мекунанд, ки, пеш аз ҳама, ташкили соҳаҳои нави истеҳсолотро дар кишвар ва манотиқи мухталифи он пешбинӣ менамояд. Яъне, назар ба ақидаи олимони мазкур, воридотивазкунӣ як стратегияи рушди иқтисодӣ бо таваҷҷуҳ ба вусъат бахшидан ба соҳаҳои нав, ки сатҳи воридотро коҳиш медиҳаду бехатраии иқтисодиётро таъмин менамояд, ба ҳисоб меравад.

Мавқеи М.Г. Клевсова ва С.М. Клевсов тақрибан ба мавқеи муаллифи дар боло зикршуда мувофиқат менамояд. Ба андешаи онҳо воридотивазкунӣ ҷузъи таркибии сиёсати иқтисодии кишвар ва минтақаҳои алоҳида мебошад, ки татбиқи оқилонаи он на танҳо коҳиш додани воридот ва, ҳамзамон озод кардани асъори хориҷӣ ва баробар кардани нишондиҳандаҳои муҳимтарини иқтисодиро дар пай дорад, балки инчунин бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон, барои ворид шудан ба бозорҳои хориҷӣ бо маҳсулоти рақобатпазир шароит фароҳам меоварад. Вазифаи сиёсати воридотивазкунӣ аз ташаккули модели миллии он ва ташкили системаи ҳавасмандгардонӣ иборат аст, ки метавонад истеҳсоли ватании маҳсулоти воридотивазкунандаро дастгирӣ намуда, ҳамзамон содироти онҳоро ҳавасманд намояд [7, с. 358]. Яъне, воридотивазкуниро пеш аз ҳама ба рушди истеҳсолоти ватанӣ равона кардан лозим аст, на ба маҳдудиятҳои сунъии воридот. Илова бар ин, давлат бо истифода аз механизми ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ бояд имкон фароҳам оварад, ки корхонаҳо тавонанд бо маҳсулоти рақобатпазир ба бозори хориҷӣ ворид шаванд. Ба ибораи дигар, воридотивазкуниро метавон чун воситаи ба низоми муносибатхои иктисодии байналхалкӣ дохил намудани кишвар муаррифӣ кард.

Дар воқеъ, дар раванди татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ мешавад ҳадафҳои зиёдеро дар як вақт пайгирӣ кард. Аммо муҳим ҳадафи асосӣ аз интихоби консепсия мазкур ба шумор меравад, ки воситаҳо ва механизмҳои амалии онро муайян менамояд. Ба ибораи дигар, интихоб ва татбиқи консепияи воридотивазкунӣ аз мақсад ва ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар ин замина вобаста мебошад.

Як гуруҳи олимон [9; 1; 15] воридотивазкуниро навъи махсуси на танҳо стратегияи иқтисодӣ, балки сиёсати индустриалӣ, инноватсионӣ, илмию технологии давлат таъриф мекунанд, ки бо молҳои ватанӣ хусусиятҳои навоварона ато менамояд. Яъне онҳо консеписяи воридотивазкуниро бо консепсия инноватсионии рушд дар як сатҳ баррасӣ менамоянд. Албатта, ин мавқеъ низ то андозае ба ҳақиқат наздик аст. Онро дар мисоли кишварҳои ру ба инкнишоф метавон ба осонӣ мушоҳида намуд. Рушди фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ бештар аз татбиқи сиёсати ивазкунандаи воридот вобаста аст. Вазифаи муҳим таҳия, татбиқ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ ва конструкторӣ, инчунин васеъ намудани татбиқи онҳо дар асоси сармоягузории дохилӣ мебошад.

Нуқтаи назари ин олимон ва олимони дигарро хулоса намуда истода метавон гуфт, ки консеписияи воридотивазкунанда дар як вақт дар самтҳои зерин метавонад аҳамияти амалӣ дошта бошад:

- воридотивазкунӣ ҳамчун самти стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ. Дар заминаи коркард ва татбиқи консепсияи воридотивазкунанда давлат тавассути коронаҳои давлатӣ ва хусусӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро, ки аз хориҷ ворид мешаванд ва нархи баланд доранду барои ҳамаи қишрҳои аҳолӣ дастрас нестанд, ба роҳ хоҳад монд. Ин намуди консепсияи воридотивазкунандаро метавон сиёсати ғайрифаъоли давлат дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ номид, зеро бештар ба нусхабардории маҳсулоти хориҷӣ нигаронида шудааст.

- воридотивазкунӣ ҳамчун самти стратегии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ. Татбиқи консепсияи воридотивазкунӣ ногузир ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ мусоидат хоҳад намуд, зеро дар раванди истеҳсоли молу маҳсулоти воридшавандаи хориҷӣ баланд бардоштани сатҳи таъминоти техникӣ, кадрӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот ва амсоли онро талаб менамояд, ки дар маҷмуъ ба афзоиши сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ оварда мерасонад;

- воридотивазкунӣ ҳамчун самти стратегии таъмини рушди инноватсионӣ. Дар ҷараёни амалӣ намудани консепсияи воридотивазкунӣ технологияҳои нав, фановариҳои рақамӣ, натиҷаҳои фаъолияи илмиву коструктурӣ дар истеҳсолот татбиқ карда мешаванд, зеро истеҳсоли молҳои баландсифат ҷорӣ намудани комёбиҳои навтарини илмию техникиро тақозо менамояд;

- воридотивазкунӣ ҳамчун самти стратегии такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии корхонаҳо, маҷмаҳо, соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои кишвар. Минҷумла, такмили ҳамгироии ширкатҳо, кооператсияи байнисоҳавӣ, кластерикунонӣ, махсусгардонӣ, ҷойгиркунии истеҳсолот ва амсоли бояд дар амал татбиқ карда шавад.

Ҳоло бо таваҷҷуҳ ба нуктаҳое, ки дар боло зикр шудаанд, метавон таърифи муаллифии мафҳуми воридотивазкуниро пешниҳод намуд: воридотивазкунӣ сиёсати махсуси давлатӣ мебошад, ки бо истифода аз роҳу усулҳои оқилонаи истеҳсоли молу маҳсулоти ба кишвар воридшавандаи хориҷӣ амнияти иқтисодӣ (озуқаворӣ), рақобтпазирии ширкатҳои ватанӣ, рушди инноватсионӣ ва такмили механизми ташкилию иқтисодии идоракунии субъектҳои иқтисоди миллиро таъмин менамояд.

Ба таваҷҷуҳ ба таърифи мазкур модели консептуалии воридотивазкуниро дар бахши кишоварзӣ метавон дар шакли зерин пешниҳод намуд (расми 1).

Бо таваҷҷуҳ ба модели дар расми 1 тасвиршуда метавон хулоса намуд, ки дар ояндаи наздик самтҳои муҳимтарин ва афзалиятноки сиёсати рушди истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ба таъмини ҳимояи ҳаматарафи истеҳсолкунандагони ватанӣ нигаронида шавад. Аммо ба фарқ аз андешаи роиҷ дар робита ба мафҳуми «ҳимояи истеҳсолкунандагонӣ ватанӣ» манзури мо ҳимояи сирф протексионистӣ набуда, дастгирии методӣ, молиявӣ, қарзӣ, инфрасохторӣ ва илмиву техникии (инноватсионии) субъектҳои иқтисодӣ дар бахши кишварзиро низ дар бар мегирад. Дастрасии аҳолӣ бо маводи озуқа дар навбати худ суботи иҷтимоию сиёсии ҷомеа, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисодӣ, таҳкими қудрат ва нуфузи кишваро дар арсаҳои мухталиф таъмин хоҳад кард.

Таъсири омилҳои беруна зарурати гузаштан ба сиёсати нави кишоварзиро, ки ба ташаккули истеҳсоли устувори маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқавории дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир нигаронида шудааст, пешакӣ муайян мекунад. Омилҳои муайян қувваи пешбаранда мебошанд, ки зарурати ислоҳоти фаврӣ дар соҳаи кишоварзӣ, гузариши фаврӣ ба рушд дар заминаи инноватсионии техникӣ ва технологиро муайян мекунанд. Дигар омилҳо ба самаранокии сиёсати амалишудаи воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мустақим доранд. Ҳамаи омилҳои берунии дар боло зикршуда зарурати гузаштан ба воридотивазкуниро ҳамчун авлавияти асосии рушди кишоварзии ватанӣ ва ҳалли мушкилоти мавҷуд муайян мекунанд.

Дар таъмини раванди воридотивазкунӣ на танҳо омилҳои беруна, балки омилҳои дохилӣ низ нақши муҳим доранд, ки аз таъсири онҳо ҳам натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам имкони татбиқи он вобаста аст. Агар аксари омилҳои беруна роҳи табиии рушди иқтисоди ҷаҳониро инъикос кунанд (масалан, тавсеаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ). Аммо омилҳои дохилӣ натиҷаи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ ва кишоварзӣ дар кишвар мебошанд.

Аз ҷониби дигар коркарди ибтидоии маҳсулоти кишоварзиро дар дохили кишвар бояд самаранок ба роҳ монд. Ба андешаи З.У. Асроров ва Ф.Ш. Исоева «...то 50 фоизи соҳаи кишоварзӣ ба соҳаи саноатӣ мубаддал нагардад ва коркарди маҳсулоти он то натиҷаи ниҳоӣ расонида нашавад, аз як модели идораи иқтисодӣ ба дигар модел гузашта ва таъмини маҳсулоти воридотивазкунанда мушкил ва ғайриимкон мебошад» [6, с. 223].



Расми 1. Модели консептуалии воридотивазкунӣ дар бахши кишоварзӣ

Сатҳи ҳосилнокии меҳнат дар бахши кишоварзии Тоҷикистон барои таъмини рақобатпазирии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ ва афзоиши ҳаҷми содирот дар доираи васеи маҳсулот, бахусус маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда нокифоя аст. Имкониятҳои воридотивазкунӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар дарозмуддат, диверсификатсияи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва истифодаи низоми озодтари савдои хориҷиро аз ҳисоби рақобатпазирии маҳсулот тақозо мекунад.

Иқтидори бузурги табиӣ ва илмию техникӣ бо дастгирии дурусти давлатӣ имкон медиҳад, ки кишвари мо ба сатҳи нави рушди кишоварзӣ бирасад, стратегияи воридотивазкуниро амалӣ созад ва системаи ҳамаҷонибаи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашударо ташаккул диҳад.

Дар робита ба ин, мушкилоти амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон имрӯз тадқиқоти бисёрҷанба ва таҳлили системавиро талаб мекунад, то механизми ягонаи таъмини амнияти озуқаворӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ таҳия карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Алексеев, Н.Е. Импортозамещение как институт укрепления национального суверенитета / Н.Е. Алексеев. – Текст: непосредственный // Мировая политика. – 2019. – №2. – С. 43–50.
2. Алиҷонов Д.А. Рушди иқтисодии воридотивазкунанда ҳамчун асоси бартараф намудани оқибатҳои пастравии трансформатсионӣ дар иқтисодиёт // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №4. – С. 73-79.
3. Алиҷонов Ҷ.А. Стратегияи воридотивазкунанда - асоси таъмини мустақилияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмхои табиатшиноси ва иктисоди. – Хуҷанд, 2022. - Т. 61. – №2. – С. 90-101.
4. Алтухов, А.И. Импортозамещение в агропродовольственном комплексе страны: проблемы и пути их решения / А.И. Алтухов // Вестник Курской государственной сельскохозяйственной академии. – 2015. – №3. – С.2-6.
5. Алтухов, А.И. Продовольственная безопасность и импортозамещение – основные стратегические задачи современной аграрной политики / А.И. Алтухов, В.В. Дрокин, А.С. Журавлев // Экономика региона. – 2015. – №3(43). – С. 256-266.
6. Асроров З.У., Исоева Ф.Ш. Нақши сармоягузорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2017. – №1-3(47). – С. 220-224.
7. Клевцова, М.Г., Клевцов С.М. Многокритериальный анализ отраслевых полюсов роста региона на основе структурной эластичности в условиях реализации политики импортозамещения // Вестник Белгородского университета кооперации, экономики и права. – 2014. – №4(52). – С. 355-361.
8. Маслюкова, Е., Юткина, О. Ключевые аспекты реализации политики импортозамещения в современном экономическом пространстве / Е. Маслюкова, О. Юткина // СХІД. – 2016. – №1(141). – С.24-29.
9. Оруч Т.А. Методологические основы инновационно-технологического развития промышленной региональной экономической системы в условиях импортозамещения: монография / Т.А. Оруч, К.И. Гоман. – Курск: Закрытое акционерное общество «Университетская книга», 2023. – 227 с.
Таҷрибаи фаъолияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар ба мо имкон медиҳад, ки вобастагии мутақобилаи байни намудҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ муайян карда шавад, ки дар доираи онҳо шуғли “сабз”-ро фароҳам оварда, самараи ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоиро ба даст овардан мумкин аст. Вобаста аз намуди фаъолият, шуғли сабз бо ноил шудан ба самараҳо, аз қабили ҳифзи сармояи табиӣ, мусоидат ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рафъи партовҳо ва ҳавасмандгардонии коркарди такрорӣ, махсусан дар соҳаи чорводорӣ, зироаткорӣ ва сайёҳӣ алоқаманд аст. Устувории ҷойҳои кории сабз дар соҳаи идоракунии партовҳо, солимии муҳити зист, энергетика, сохтмон ва нақлиёт бо татбиқи навовариҳои сабз, ки коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ ва баланд бардоштани самаранокии энергетикии биноҳоро ба назар мегиранд, алоқаманд аст.

Дар маҷмӯъ, таъсиси намудҳои гуногуни ҷойҳои кории сабз метавонад ба беҳбуди муҳити зист ва коҳиш додани сарбории табиат ва системаи иқлим тавассути фурӯши маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, таҷҳизоти каммасраф ва хадамоти экологӣ мусоидат намояд.

Хулоса, хусусиятҳои шуғли сабз ва муносибати байни шароити бозори меҳнат ва муҳити зист дар заминаи ин тағйирот муайян карда шуданд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ифлосшавии муҳити зист ва коҳиши сармояи табиӣ ба бозори меҳнат ва шуғл таъсири манфӣ мерасонад. Амалҳо оид ба ҳифз ва ҳифзи муҳити зист, рафъи зарари экологӣ ва истеҳсоли молу хидматҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ба устувории шуғли сабз мусоидат мекунанд. Бо дарназардошти мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ, ки барои рушди минтақаҳои кишвар ҳаллу фасл карда мешаванд, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии шуғли “сабз”, аз ҷумла тадбирҳои анъанавӣ (паҳн кардани сатҳи бекорӣ) ва тадбирҳои инноватсионӣ таҳия шудаанд. Барои таъмини шуғли “сабз” дар ҳар як минтақаи кишвар нақшаи муфассали рушди бозори меҳнат барои ташкили минтақаҳои шуғли “сабз”-ро бо назардошти нишондиҳандаҳои иқтисоди “сабз” таҳия кардан зарур аст.

АДАБИЁТ

1. Алиджанов Д. А. Взаимосвязь занятости трудовых ресурсов и стимулирования импортозамещающего роста в республике Таджикистан / Д. А. Алиджанов // Экономический журнал. – 2015. – № 3(39). – С. 18-30. – EDN UGXGDL.
2. Асалиев А. М., Пироженко Е. А. Теоретические подходы к развитию понятий в сфере зеленой занятости // Горизонты экономики. 2014. № 5 (17). С. 37–40.
3. Вега А. Ю., Фоменко А. А., Потравный И. М. Ресурсосбережение как фактор повышения экологической и энергетической эффективности экономики и обеспечения социальных стандартов жизни населения // Плехановский научный бюллетень. 2012. № 1. С. 45–60.
4. Вередюк О. В. Влияние изменения климата на занятость // Вестник Санкт-Петербургского университета. Серия 5. Экономика. 2011. Вып. 4. С. 22–29.
5. Порфирьев Б. Н. Природа и экономика: риски и взаимодействия. Эколого-экономические очерки. М.: Анкил, 2011. 352 с. С.161
6. Навстречу зеленой экономике: пути к устойчивому развитию и искоренению бедности. Обобщающий доклад для представителей властных структур. ЮНЕП, 2011. С. 5–6. URL: http://www. journal.esco.co.ua/cities/2013_8/art252.pdf (санаи муроҷиат: 15.06.2024).

УДК 333

Исроилова А.Р.

ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ДОИРАИ ПРИНСИПИ РУШДИ УСТУВОР: МЕХАНИЗМИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДӢ

Дар мақолаи мазкур самтҳои идоракунии захираҳои обӣ дар самти рушди устувор бо истифода аз механизмҳои экологӣ-иқтисодӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Самтҳои назариявӣ ва методолии идоракунии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ асоснок карда шудааст. Механизми идоракунии соҳаи кишоварзӣ барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор нишон дода шудааст. Таъсири тағирёбии иқлим ба захираҳои обӣ, соҳаи кишоварзӣ, ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ асоснок карда шудааст. Таҳлили истифодаи захираҳои обӣ дар бахши иқтисодӣ ва соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуда, самтҳои истифодаи он дар дигар бахшҳои иқтисодӣ муаяйн карда шудасст. Самтҳои мукамал кардонидани механизмҳои истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим пешниҳод карда шудааст. Дар раванди арзёбии мақола аз усулҳои илмии таҳлилӣ, муқоисавӣ, диаллектикӣ-мантиқӣ ва ғайра васе истифода бурда шудааст.

Калидвожаҳо: захираҳои обӣ, рушди устувор, механизми экологӣ-иқтисодӣ, соҳаи кишоварзӣ, обёрӣ, идоракунӣ, ҳосилнокӣ, сармоягузорӣ

Исроилова А.Р.

УПРАВЛЕНИЕ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ В РАМКАХ ПРИНЦИПА УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ: ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ МЕХАНИЗМ

В данной статье изучаются и обсуждаются управления водными ресурсами в контексте устойчивого развития с использованием его эколого-экономических механизмов. Обоснованы теоретико-методологические аспекты управления водными ресурсами в сфере сельского хозяйства. Показан механизм управления аграрным сектором для достижения целей устойчивого развития. Обосновано влияние изменения климата на водные ресурсы, сельское хозяйство, продуктивность сельскохозяйственной продукции. Проведен анализ

использования водных ресурсов в экономике и сельском хозяйстве, определены направления его использования в других отраслях экономики. Предложены направления совершенствования механизмов водопользования в сельском хозяйстве с учетом адаптации к изменению климата. В процессе оценки статьи широко использовались аналитический, сравнительный, диалектико-логический и др. научные методы.

Ключевые слова: водные ресурсы, устойчивое развитие, эколого-экономический механизм, сельское хозяйство, ирригация, управление, продуктивность, инвестиции.

Isroilova A.R.

WATER RESOURCES MANAGEMENT WITHIN THE FRAMEWORK OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT: ECOLOGICAL-ECONOMIC MECHANISM

This article studies and discusses water resources management in the context of sustainable development using its ecological and economic mechanisms. Theoretical and methodological aspects of water resources management in agriculture are substantiated. The mechanism of agricultural sector management to achieve sustainable development goals is shown. The impact of climate change on water resources, agriculture, and agricultural productivity is substantiated. The analysis of water resources use in the economy and agriculture is carried out, and the directions of its use in other sectors of the economy are determined. Directions for improving water use mechanisms in agriculture are proposed, taking into account adaptation to climate change. Analytical, comparative, dialectical-logical and other scientific methods were widely used in the process of evaluating the article.

Keywords: water resources, sustainable development, ecological and economic mechanism, agriculture, irrigation, management, productivity, investment.

Истифодаи самаранок ва ҳадафмандонаи захираи обӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҳаки асосӣӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъмини ҷойҳои корӣ ва дар ин баробар, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат баҳисоб рафта, ҳамчун сарчашмаи боеътимод барои дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ ва таъмини маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза маҳсуб мешавад. Рушди соҳаи кишиварзӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор аз қабили: 1.1. аз байн бурдани камбизоатӣ то соли 2030, 6.5. то соли 2030 идоракунии захираҳои обӣ тавассути ҳамкориҳои марказӣ, 13.1. таҳкими устуворӣ ва иқтидори мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим осон мегардонад. Лекин тағирёбии иқлим ва баланд шудани ҳарорати ҳаво дар кураи замин дастриро ба ин Ҳадафҳои рушди устувор дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, истифодаи экологӣ-иқисодии захираҳои обӣ ва коҳишдодани сатҳи камбизоатӣ бозҳам мушкилтар мегардонад.

Дар ин замина, бояд қайд намуд, ки таи даҳсолаи охир вобаста ба тағирйбии иқлим ва гарм шудани ҳарорати кураи замин, боиси бад шудани экосистемаи табии гардида, ба обшавӣ аз байн рафтани ҳазорҳо пирях дар саёра оварда расонидааст, ки ин омил таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд. Тибқи Гузориши Панели байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар бораи уқёнусҳо ва криосфера (соли 2019) то охири садсолаи равон сеяки пиряххои ҷаҳон метавонанд аз байн раванд. Танҳо дар 50 соли охир дар Тоҷикистон беш аз як ҳазор пирях пурра об шуда, ҳаҷми умумии пиряххои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардид. Олимон [17, 14] бар он ақидаанд, ки тағирёбии иқлим сатҳи болоравии ҳарорати кураи заминро тезонида, намнокиро дар заминҳои обёришаванда коҳиш дода, суръати биёбоншавии майдони заминҳои кишоварзиро метезонад.

Дар баробари ин, муҳақиқон [15] қайд мекунанд, ки тағирёбии иқлим дараҷаи норасоии об ва тағирёбии табиӣ-гидрометеорологӣ дар минтақаҳои аридӣ ва нимаридӣ метезонад. Тағирёбии вазъи табиӣ-гидрометеорологӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад аз қабилӣ: - тағирёбии солона (моҳона ва мавсимӣ); дар миёни солҳо (аз як сол ба соли дигар); вақт ва шиддати ҳодисаҳои фавқулодда, ки пешгӯи кардан душвор аст.

Вобаста ба тағирёбии табиӣ-гидрометеорологӣ ва зарари он ба соҳаи кишоварзӣ ҳаминро бояд, гуфт, ки зарари он дар иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ нисбат ба омилҳои антропогенӣ, иқтисодӣ ва технологӣ калон буда, ҳамасола милионҳо тонна маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби он нобуд мегардад. Чи тавре, ки Х. Муҳаббатов қайд менамоянд: «...гумон меравад, ки талафот аз омилҳои гидрометеорологӣ назар ба талафоти марбут ба фаъолияти инсон ва дигар падидаҳои ғайриметеорологӣ хеле зиёд аст. Дар давраи солҳои 1991-2013 талафоти солонаи маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби ҳодисаҳои табиӣ-гидрометеорологӣ бештар аз 1/3 ҳиссаро ташкил додааст. Аз сабаби хушксолии солҳои 2000 ва 2011, ки камобӣ ва кам будани боришот ва захираи барф, ҳосили ғалла дар бисёр минтақаҳо нисбат ба нишондодҳои қаблӣ аз 10 то 30 % ва бештар аз он кам шуд» [4, с.8]. Таъсири омилҳои табиӣ-гидрометеорологӣ аз қабили зиёд шудани миқдори солонаи бодҳо ва чангҳои заҳролудшуда, боришоти бемавриди жола, объхезӣ ва дигар омилҳои ба ин монанд ҳосилнокии маҳсулотро аз байн мебаранд ва боиси норасоии маҳсулоти озуқаворӣ ва поин рафтани ҳосилнокии соҳаи кишоварзӣ мегардад.

Дар баробари ин, омилҳои табиӣ-гидрометеорологӣ ба коҳиш ёфтани боришот ва барф оварда расонида, ба норасоии об дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт аз қабили соҳаи кишоварзӣ оварда расонида, ба поин рафтани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ ва бад шудани экосистемаи табиӣ оварда мерасонад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки: «...ба ҳисоби миёна ҳар сол офатҳои табиии марбут ба об ба андозаи зиёда аз 60 миллиард доллари амрикоӣ хисороти иқтисодӣ ворид сохта, хушксолӣ ва биёбоншавӣ манбаи воситаҳои зиндагии зиёда аз 1 миллиарду 200 миллион одамро дар тамоми ҷаҳон зери хавфу хатар қарор медиҳанд» [8].

Мушкилотҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ аз қабили норасоии сарчашмаи маблағгуорӣ ба инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ ва об, сатҳи пасти мутобиқшавии соҳаи кишоварзӣ ба тағирёбии иқлим, набудани технологияи инноватсионӣ дар самти обёрӣ ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба баъд шудани ҳолати экологӣ ва мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда расонида, дастрасиро ба амнияти озуқаворӣ бозҳам душвор мегардонад. Дар ин замина, дар назди соҳаи кишоварзӣ вазифаи асосӣ истодааст, аз қабилӣ:

– мутобиқшавии соҳаи кишоварзӣ ба тағирёбии иқлим;

– паст кардани сатҳи партови газҳои гулхонаи ба ҳавои атмосферӣ;

– ҷорӣ намудани технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ вобаста ба беҳтар намудани ҳолати истифодаи об ва коҳиш додани сатҳи эрозияи хок;

– истиҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза барои бозорӣ дохилӣ;

– ҷалби бештари сармоягузорӣ ва маблағгузориҳо дар самти мутобиқ намудани соҳаи кишоварзӣ ба тағирёбии иқлим ва расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор.

Ҷалби сармоягузорӣ дар самти идора намудани захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои паст кардани сатҳи хатарҳои экологӣ вобаста ба тағирёбии иқлим зарур мебошад. Дар шароити имрӯза усулҳои зиёди поин бурдани хавфҳои экологӣ маҷуданд, аз қабилӣ:

– захираи солонаи обҳо дар обанборҳои барои коҳиш додани истифодаи барзиёд ва сарфаи об;

– истифодаи технологияи каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ муфид дар раванди обёрии заминҳои кишоварзӣ;

– усули ҳифзи замин барои нигоҳ доштани сатҳи намнокии он;

– усули зеробмонӣ ва аз байн бурдани эрозия ва шӯршавии заминҳо.

Дар баробари ин, технологияи ҷамъоварии обҳо ва идоракунии захираҳои обӣ дар раванди обёрӣ (обёрии қатрагӣ, зеробмонӣ, боришотӣ) яке аз роҳҳои сарфа намудани захираҳои обӣ дар раванди обмонӣ баҳисоб рафата, ҳамчун механизми баланд бардоштани ҳосилнокии заминҳо ва таъмини ҳамешагии намнокӣ дар раванди кишт баҳисоб мераад. Тибқи назарсанҷиҳои ФАО: «...мутобиқшавӣ дар бахши васеътари об инчунин барои рафъи осебпазирӣ ва таъсири захираҳои об дар ҳавзаҳои дарёҳо ва обанборҳо, ки аксар вақт

фаромарзӣ мебошанд, муҳим мебошад» [9]. Барои мутобиқшавии соҳаи об ба тағирёбии иқлим ва бартараф намудани норасоии он дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ бояд истифодаи самарнок ва ҳадафмандонаи онро дар ҳама бахшҳои иқтисодӣ роҳандозӣ намудан зарур аст.

Самаранокии захираҳои об ва истифодаи экологӣ-иқтисодии он аз такмили системаи обёрӣ дар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ вобастагӣ дорад. Таи даҳсоли охир дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба обмонӣ нодуруст ва таъсири антропогенӣ сатҳи экологии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ бад шуда истодааст. Олимон бар он ақидаан, ки: «...истифодаи ғарисамаранок ва барзиёди захираҳои обӣ сабаби асосии бад шудани сатҳи сифати сифати захираҳои обӣ ва вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ гашта, ба фарсудашвӣ объектҳои обкашонӣ оварда расонидааст» [7, с.85]. Дар баробари ин, сохтмони нодурусти заҳбуру заҳкашҳо дар маҷрои обгузар ва сарчашмаҳои об боиси аз меъёр зиёд истифода намудани об гашта, омили асосии норасоии об дар манъбаҳои поёноб маҳсуб меёбад.

Вобаста ба ин, идоракуни захираҳои об ва танзими раванди истифодаи экологӣ-иқтисодии он бояд икониятҳои зиёдеро барои баланд бардоштани сатҳи намнокии замин, таъмини ҳамарузаи намнокии зироатҳо, коҳиш додани сатҳи бухоршавии об, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар раванди обёрии заминҳо бо усулҳои илман асоснокшуда дар шароити кишоварзии ватанӣ, сарфаи зиёдатии он ва истифодаи он барои заминҳои беоб ва обёрии заминҳои нави кишоварзӣ фароҳам оварад. Зеро, зиёд шудани талабот ба истифодаи об дар дигар соҳаҳои иқтисодӣ боиси коҳиш ёфтани захираҳои об ба соҳаи кишоварзӣ мегардад, ки ин омил соҳаи кишоварзиро водор менамояд, ки самаранокии истифодаи обро ҳангоми обёрӣ таъмин намуда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро зиёд ва талаботи афзояндаи аҳолиро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ик истифодаи об дар соҳаи саноат таи даҳсолаи охир зиёд шуда истодааст. Агар истифодаи об дар соҳаи саноат дар соли 2000 341 млн.м^3 – ро (2,7%-дар муқоиса ба истифодаи об дар соҳаи иқтисодӣ) ташкил дода бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 1956 млн.м^3 расидааст, ки нисбат ба соли 2000 1615 млн.м^3 ва ё 5,7 маротиба зиёд мебошад. Истифодаи об дар соҳаи саноат дар таносуб ба истифодаи об дар соҳаи иқтисодӣ аз 2,7% соли 2020 ба 16,7% дар соли 2023 баробар шуда, нисбат ба соли 2000 6,0 банди фоизи зиёд мебошад. Истифодаи об дар хоҷагиҳои хонаводагӣ дар соли 2023 низ нисбат ба соли 2000 3,4 маротиба зиёд шуда, аз 299 млн.м^3 соли 2000 ба 985 млн.м^3 дар соли 2023 баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2000 дар ҳаҷми 686 млн.м^3 зиёд мебошад. Таносуби истифодаи об дар хоҷагиҳои хонаводагӣ дар муқоиса ба истифодаи об дар соҳаи иқтисодӣ аз 2,4 % соли 2000 ба 8,4 % ба соли 2023 расидааст.

Дар қатори дигар соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ соҳаи кишоварзӣ истифодабарандаи асосии об дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ҳамасола зиёда аз 70 % - обҳои дар иқтисодиёт истифодашаванда ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Таи зиёда аз 20 соли охир вобаста ба рушд намудани технологияиҳои обёрӣ ва тадбиқи он дар биёре аз хоҷагиҳои деҳқонӣ аз қабили хоҷагии деҳқонии “Нури Данғара” дар майдони 1600 гектар замин, истифодаи об якранг буда, самаранокии он дар соҳаи кишоварзӣ таъмин карда нашудааст. Агар ҳаҷми истифдаи об барои обёрӣ дар соли 2000 8459 млн.м^3-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 8762 млн.м^3 расидааст, ки нисбат ба соли 2000 дар ҳаҷми 303 млн.м^3 ва ё 3,6 % зиёд мебошад. Суръати рушди истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ назар ба дигар соҳаҳои иқтисодӣ паст буда, соҳаи саноат дар даҳсолаҳои оянда вобаста ба сурхати рушди худ метавонад истифодабарандаи асосии об дар соҳаи иқтисодиёт баҳисоб равад. Ҳамзамон, суръати рушди аҳолӣ ва истифодаи об дар хоҷагиҳои хонаводагӣ низ зиёд буда, ин тамоил метавонад хатари асосӣ дар самти норасоии об дар соҳаи кишоварзӣ гардад.

Ҷадвали 1. – Истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн.м^3)

Солҳо / Самтҳо		2000	2019	2020	2021	2022	2023	2023 / 2000, %
Ҳамагӣ об истифодашуда	I	12609	10602	10159	10468	10507	11703	92,8
	II	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
Аз ҷумла: кишоварзӣ ва моҳипарварӣ	I	8559	7954	7813	7935	7713	8762	102,4
	II	67,9	75,0	76,9	75,8	73,4	74,9	110,3
Аз он обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ	I	8459	7954	7813	7935	7713	8762	103,6
	II	67,1	75,0	76,9	75,8	73,4	74,9	1,1 б.ф.
Соҳаи саноат	I	341	1736	1542	1624	1852	1956	5,7 мар.
	II	2,7	16,4	15,2	15,5	17,6	16,7	6,0 б.ф.
Хоҷагии хонаводагӣ	I	299	912	804	909	942	985	3,4 мар.
	II	2,4	8,6	7,9	8,7	9,0	8,4	3,5 б.ф.
Эзоҳ: I- ҳаҷми умуми истифодаи об; II – истифодаи об бо % нисбат ба ҳаҷми умумӣ								

С а р ч а ш м о и: ӯ Ө ҷ ts ʒ ts tɕ t . ϱ ҷ ʷ ɩ ҷ ʒ ƀ c ҷ ls ҷ ɩ ҷ fŋ ls ï 2024. ïfŋ . - 1 9 8. (5 8 fŋ .)

Дар баробари ин, таъсири тағирёбии иқлим ба коҳишёбии маҷрои об дар дарёҳо гашта, суръати обшавии пиряхҳо, ки сарчашмаи асосии маҷрои об дар дарёҳо мебошад, тезонида ба норасоии об дар фасли тобистон ва мавсими кишт оварда мерасонад. Мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим дар соҳаи кишоварзӣ ва гузариши соҳа ба низоми агроэкологӣ, идоракунии самаранокии об барои обёрии заминҳо, моликунонӣ ва ҷалби маблағҳои зиёдро тақозо менамояд то ин, ки самарнокии истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ таъмин карда шавад. Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки дар даҳсолаи оянда бинобар расидан ба ҳадафҳои стратегӣ аз қабили: «Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар барнома ва консепсияҳои соҳавӣ инчунин расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун афзалиятҳои авалиндараҷа дар сиёсати худ қарор додааст, бояд пеш аз ҳама ҷалби сармоягузориҳоро барои муҳайё намудани инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ, муҳай намудани системаи обёрӣ бо технологияи пешқадам ҷалб намянд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ оварда расонида, дар ин баробар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзиро баланд бардошта, рушди устувори соҳаро таъмин менамояд.

Дар раванди сармоягузорӣ ва ё тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ баяд пеш аз ҳама самараи иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоии он ба инобат гирифта шавад. Сармоягузрӣ бояд барои ислоҳоти кутоҳмудат ва миёнамуҳлати соҳаи кишоварзӣ ва идора намудани раванди самаранокии он бояд пеш аз ҳама иваз намудани навъои зироатҳои кишоварзии камҳосил ба зироатҳои интенсивӣ мутобиқ ба муҳит ва обу хоки минтақа, ва баъдан барои муҳайё намудани системаи каммасрафӣ обёрӣ, технологияи рақамӣ ва усулҳои муосири обёрӣ равона карда шавад.

Дар баробари ин, тадбирҳои мутобиқсозии соҳаи кишоварзӣ ва бахшҳои об бояд роҳҳо ва самтҳоеро дар бар гиранд, ки ба самаранокии захираҳо табии, экосистема ва агроладшафтҳо мусоидан намуда, рушди устуворро суръат бахшанд. Тадбирҳои мутобиқшавии соҳаи об ба тағирёбии иқлим дар соҳаи кишоварзӣ бояд самтҳои инноватсионии идоракунии захираҳои обиро фароҳам оварда, рушди онро дар хоҷагиҳои хонаводагӣ ва деҳқонии хурд таъмин намоянд. Ин тадбирҳо бояд шароит фароҳам меоварад, ки истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаи

кишоварзӣ бо системаи муосири технологӣ муҷаҳаз шуда, бо истифода аз ҳаҷми камтарини об истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза роҳандозӣ карда шавад. Хусусан, ин тадбирҳо барои хоҷагиҳои деҳқонии хурд ва миёна дар самти нигоҳ доштани ҳосилнокии зироатҳо ва баланд бардоштани даромаднокии хоҷагидорӣ муҳим мебошад.

Рушди технологияи инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ ва идоракунии истифодаи захираҳои обӣ ҳамеша роҳи муҳими устуворӣ, амнияти озуқаворӣ ва дастрасии пурра ба захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори он маҳсуб мешавад [11]. Технологияҳо, махсусан воситаҳои гидрологӣ ва идоракунии об ва моделҳо ҷузъҳои муҳими идоракунии захираҳои обӣ гардиданд. Намунаҳои технологияҳое, ки бахши кишоварзӣ ва истифодаи самараноки обро тағир медиҳанд, рушди растаниҳои интеллектуалӣ мебошанд, ки тавассути тағир додани генетикӣ ва таҳрири геном ба хушксолӣ бештар тобовaранд [16]. Баъзе растаниҳо инчунин метавонанд барои истифодаи роҳҳои самараноки фотосинтетикӣ тарҳрезӣ шаванд, ки энергияи мавҷудаи офтобро пурра истифода мебаранд [10]. Вобаста ба ин, истифодаи заминҳои обёришаванда бо ёрии технологияҳои пешқадам метавонад обро сарфа ва рушди устуоври соҳаи кишоварзиро таъмин намояд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳо бармеояд, ки тағирёбии иқлим таъсири амиқи худро ба захираҳои обӣ расонида, дастрасиро ба амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли кишоварзӣ душвор намуда, расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва идоракунии устувори захираҳои обӣ тавассути ҳамкориҳои марказонидашуда мушкилтар мегардонад. Дарки таъсири амиқи тағирёбии иқлим ба соҳаи кишоварзӣ ва захираҳои обӣ бояд механизмҳои муассирро дар самти рушди уствор роҳандозӣ намудан лозим аст. Вобаста ба ин, сармоягузорӣ дар самти идоракунии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва технологияи ирригатсионӣ ҳамчун механизми асосии мутобиқшавии онҳо ба тағирёбии иқлим маҳсуб шуда, дар баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва даромаднокии хоҷагиҳо нақши калидӣ мебозад. Самаранокии истифодаи захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз системаи ирригатсионӣ вобаста мебшад, ки он барои таъмини миқдори зарурии об ҳангоми обёрӣ хизмат намуда, истифода ғайрисамараноки обро бамаротиб коҳиш медиҳад. Таъмини соҳаи кишоварзӣ ва заминҳои обёришаванда бо системаи ирригатсионии ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ малағгузорӣ ва сармоягузории давлатӣ ва хориҷиро талаб менамояд. Зеро корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ вобаста ба кам будани ҳосилнокии зироатҳо ва даромаднокии паст аз ҳисоби маҳсулоти кишоварзӣ наметавонад мустақилона системаи ирригатсиониро такмил ва ё таҷдид намоянд. Бо дарназардошти аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, лоиҳаҳоҳои сармоягузорӣ барои мутобиқшавӣ соҳаи кишоварзӣ ба тағирёбии иқлим ва устуворӣ он бояд муносибати васеътарро барои рушди устувор дар кишвар ва минтақаҳои он таъмин намояд.

АДАБИЁТ

1. Арабов Ф.П. Механизми ҷалби сармоягузориҳо ба беҳдошти экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзӣ [Матн]: Монография. – Душанбе: «Абдураҳмон-Р», 2024. – с.214.

2. Арабов, Ф. П. Эколого-экономический механизм развития мелиоративных земель в сельском хозяйстве [Текст] / Ф. П. Арабов, К. А. Содиков // Экономика сельского хозяйства России. – 2024. – № 5. – С. 130-137. – DOI 10.32651/245-130.

3. Исайнов, Ҳ. Р. Истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ [Матн] / Ҳ. Р. Исайнов, У. Ҳ. Казокзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 5. – P. 32-42.

4. Мухаббатов Х. Региональные особенности природно-ресурсного потенциала Таджикистана [Текст] // Вестник педагогического университета (Естественных наук). Душанбе. – 2022. №1(13). С.7-12.

5. Одинаев, Х. А. Водные ресурсы в системе факторов устойчивого развития региональной экономики [Текст] / Х. А. Одинаев // Ускоренная индустриализация и вопросы ее реализации

в Таджикистане : Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 17 февраля 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 77-81.
6. Одинаев, Х. А. Концепция устойчивого водопользования: от стокьгольма до Душанбе [Текст] / Х. А. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 1. – С. 5-11.
7. Содиков, К. А. Совершенствование механизма управления водно-ирригационного потенциала аридного региона: эколого-экономический аспекты [Текст] / К. А. Содиков. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2021. – 169 с. – ISBN 978-99975-398-6-1.
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд дар ҳошияи саммити СММ оид ба мавзӯи «Ҳавасмандгардонии раванди татбиқи амалӣ ва дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор дар соҳаи об». ИМА. – 2015.
9. ФАО. Адаптация к изменению климата в сельском хозяйстве, лесном хозяйстве и рыболовстве: перспективы, рамки и приоритеты; Продовольственная и сельскохозяйственная организация Объединенных Наций (ФАО): Рим, Италия, 2007.
10. Batista-Silva W. Engineering improved photosynthesis in the era of synthetic biology / W. Batista-Silva, P. Fonseca-Pereira, A.O. Martins, A. Zsögön, A. Nunes-Nesi, W.L. Araújo // Plant communications. – 2020. – Т. 1. – №. 2.
11. Cosgrove W. J., Loucks D. P. Water management: Current and future challenges and research directions //Water Resources Research. – 2015. – Т. 51. – №. 6. – С. 4823-4839.
12. Gafforzoda, I. G. Sustainable development of water resources of Tajikistan / I. G. Gafforzoda, F. P. Arabov, A. K. Sodikov // Ensuring sustainable development: agriculture, ecology, energy and Earth science (IOP Conference Series: Earth and Environmental) : Science II International scientific and practical conference, Dushanbe, Tajikistan, 21–23 December 2022. – Bristol, BS2 OGR, United Kingdom: IOP publishing ltd, temple circus, temple way, bristol, england, BS1 6BE, 2023. – P. 12024. – DOI 10.1088/1755-1315/1229/1/012024.
13. National water policy of Tajikistan in the context of sustainable development / Kh. A. Odinaev, K. Kh. Barfiev, F. P. Arabov, K. A. Sodikov // E3s web of conferences : VIII International Conference on Advanced Agritechnologies, Environmental Engineering and Sustainable Development (AGRITECH-VIII 2023), Krasnoyarsk, 29–31 March 2023. – EDP Sciences: EDP Sciences, 2023. – P. 04028. – DOI 10.1051/e3sconf/202339004028.
14. Olmstead S. M. Climate change adaptation and water resource management: A review of the literature //Energy Economics. – 2014. – Т. 46. – С. 500-509.
15. Rosenzweig C. Et al. Assessing agricultural risks of climate change in the 21st century in a global gridded crop model intercomparison / C. Rosenzweig, J. Elliott, D. Deryng, A.C. Ruane, C. Müller, A. Arneth, J.W. Jones //Proceedings of the national academy of sciences. – 2014. – Т. 111. – №. 9. – С. 3268-3273.
16. Tripathi L., Ntui V. O., Tripathi J. N. Application of genetic modification and genome editing for developing climate-smart banana //Food and Energy Security. – 2019. – Т. 8. – №. 4. – С. e00168.
17. Wheeler T., Von Braun J. Climate change impacts on global food security //Science. – 2013. – Т. 341. – №. 6145. – С. 508-513.

УДК 332

Машокиров Ш.У.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОДХОДА К УСТОЙЧИВОМУ РОСТУ В РЕГИОНАЛЬНОМ РАЗВИТИИ

В статье рассматриваются общие методологические принципы экспансивного подхода и его связь с региональным прогрессом. Этот подход акцентирует внимание на постепенных и последовательных изменениях в стратегиях и политиках, что способствует эффективной адаптации к меняющимся условиям и снижению рисков. Авторы анализируют ключевые характеристики подхода, такие как адаптивность, способность вносить коррективы на основе полученной обратной связи и эффективное использование доступных ресурсов. Также приводятся практические примеры применения экспансивного подхода в различных регионах, что подтверждает его эффективность в условиях неопределенности и ограниченности ресурсов. На основе проведенного исследования разработаны рекомендации по внедрению этого подхода в региональные стратегии, что может способствовать устойчивому развитию и улучшению качества жизни населения. Работа направлена на углубление теоретической основы и практического применения экспансивного подхода в сфере регионального развития.

Ключевые слова: экспансия, развитие регионов, изменения, стратегическое планирование, адаптивные стратегии, рациональное использования ресурсов, устойчивое развитие, обратная связь, изменения в политике.

Машокиров Ш.У.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ РАВИШИ АФЗОЯНДАИ УСТУВОР ДАР РУШДИ МИНТАҚАВӢ

Дар мақола принсипҳои умумии методологии равиши экспансивӣ ва робитаи он бо пешрафти минтақа баррасӣ мешавад. Ин равиш ба тағйироти тадричан ва прогрессивӣ дар стратегияҳо ва сиёсатҳо барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва коҳиш додани хатарҳо таъкид мекунад. Муаллифон хусусиятҳои асосии равишро, аз қабили мутобиқшавӣ, қобилияти ворид кардани ислоҳ дар асоси фикру мулоҳизаҳои гирифташуда ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷударо таҳлил мекунанд. Мисолҳои амалии истифодаи усули экспансивӣ дар минтақаҳои гуногун низ оварда шудаанд, ки самаранокии онро дар шароити номуайянӣ ва маҳдуди захираҳо тасдиқ мекунанд. Дар асоси тадқиқот тавсияҳо оид ба ҷорӣ намудани ин равиш ба стратегияҳои минтақавӣ таҳия карда шуданд, ки метавонанд ба рушди устувор ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат кунанд. Кор ба амиқтар кардани заминаи назариявӣ ва татбиқи амалии равиши экспансивӣ дар соҳаи рушди минтақа нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: тавсеа, рушди минтақавӣ, тағирот, банақшагирии стратегӣ, стратегияҳои мутобиқшавӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо, рушди устувор, фикру мулоҳиза, тағйироти сиёсат.

Mashokirov SH.U.

METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF THE SUSTAINABLE GROWTH APPROACH IN REGIONAL DEVELOPMENT

The article examines the general methodological principles of the expansive approach and its connection to regional progress. This approach emphasizes gradual and sequential changes in

strategies and policies, which facilitate effective adaptation to changing conditions and risk reduction. The authors analyze key characteristics of the approach, such as adaptability, the ability to make adjustments based on feedback, and the efficient use of available resources. Practical examples of the implementation of the expansive approach in various regions are also provided, demonstrating its effectiveness in conditions of uncertainty and resource scarcity. Based on the research, recommendations are developed for incorporating this approach into regional strategies, which could contribute to sustainable development and improved quality of life for the population. The paper aims to deepen the theoretical foundation and practical application of the expansive approach in the field of regional development.

Key words: expansionist approach, regional development, gradualism, strategic management, adaptive strategies, resource efficiency, sustainable development, feedback, political changes.

Инкременталистский подход к социально-экономическому развитию регионов рассматривает как постепенные и эволюционные изменения, а не как резкие революционные преобразования. Он подчеркивает, что политические и социальные изменения обычно происходят маленькими шагами, что дает возможность адаптироваться к различным условиям и требованиям [13].

Инкрементализм может быть связан с различными теориями, такими как теория элит, теория групп, теория политической системы, институционализм, гуманистическая теория, теория устойчивого развития, теория сбалансированного развития, теория саморазвития и теория рационального выбора.

Каждая из перечисленных теорий формирует представление о взаимосвязи между социальной стратегией и экономическим ростом регионов.

К. Линдблум акцентирует внимание на инкрементальном подходе в процессе принятия решений, что находит отражение в его концепции «достаточной рациональности». Это подразумевает, что люди, принимая решения, часто опираются на существующие результаты и имеющиеся механизмы управления, что позволяет избегать рисков, связанных с радикальными изменениями [4].

Линдблум подчеркивает, что инкрементализм становится особенно актуальным в плюралистических обществах, таких как США и Нигерия, где существует множество интересов, точек зрения и групп. В таких контекстах принятие решений сталкивается с рядом вызовов, связанных с необходимостью учета разнообразных потребностей и мнений [1].

Теория олигархии, предложенная Гаэтано Моской, занимает важное место в политической социологии. Моска обосновывал, что в любой системе администрирования, будь то демократия, монархия или автократия, власть всегда фокусируется в руках небольшого сообщества, которые принимают важнейшие решения и управляют обществом. Деление сообщество на правящий и не правящий классы по Моске отмечает колебания власти и политической элиты на политические действия. Это деление помогает проанализировать, как осуществляется власть в разнообразных сообществах и какие механизмы могут быть использованы для ее поддержания или изменения. По мнению Моски, правящий класс имеет больше власти, привилегий и доступа к ресурсам, в то время как неправящий класс, хотя и превосходит правящий класс по численности, остается подчиненным [6].

Теория элиты подчеркивает, что решения стратегического характера касающегося социально-экономического развития региона принимаются в первую очередь правящей элитой.

Таким образом, в соответствии теории элиты, стратегия социально-экономического развития региона формируется "сверху вниз", что подразумевает, что решения принимаются правящей элитой и затем внедряются в общество.

Игнорирование взглядов и потребностей населения при разработке стратегии развитии региона может вызвать серьезные социальные разногласия и недовольства. Поэтому важно учитывать интересы различных общественных групп для успешного воплощения стратегии.

Теория элит, изложенные Т. Дэй и Х. Зиглером, подчеркивает внимание на том, что элита осваивает центральное место в процедуре принятия решений и формировании стратегии развития общества. Вот основные предпосылки: [11]

1. **Ключевая роль элиты**. Элита играет ключевую роль в процессе принятии решений, а также в разработке планирование регионального развития.
2. **Контроль над ресурсами**. Элита обладает существенным влиянием на ресурсы и учреждения, что дает ей возможность управлять коллективными процессами.
3. **Формирование стратегии**. Стратегии социально-экономического развития формируются элитой, отражают ее интересы и очередности.
4. **Ограниченная роль населения**. У населения есть ограниченная вероятность участия в разработке и принятии стратегий, что приводить к его зависимости от решений элиты.
5. **Эксклюзивность знаний**. Элита полагает, что только им доступна неотъемлемые знания и ресурсы для определения и внедрения стратегических целей.

В контексте теории элит стратегия развития рассматривается как инструмент, с помощью которого элита выдвигает свои интересы и обеспечивать свою власть.

Инкрементализм действительно сочетается для работы в условиях неопределенности, главным образом, когда речь идет о стратегиях социально-экономического развития.

Инкрементализм и поэтапные подходы становятся важными инструментами для эффективного реагирования на вызовы и достижения целей в условиях ограниченных ресурсов и неопределенности.

Постепенный подход кажется политически целесообразной, особенно когда речь идёт о разработке и утверждения стратегий социально-экономического регионального развития. Так как данный метод основано на постепенных изменениях и дополнениях к существующим стратегиям, он позволяет достижению согласия между несколькими участниками управленческого процесса.

Благодаря поэтапным изменениям и корректировкам участники и заинтересованные стороны могут прийти к согласию по различным аспектам стратегии, учитывая разнообразные интересы и перспективы. Поскольку каждое изменение опирается на прошлый опыт, результаты и точный анализ ситуации, это позволяет избежать субъективные и не всегда эффективные управленческие и стратегические решения.

Несмотря на свои преимущества, постепенность также включает в себя важные аспекты, которые следует учитывать:

Ограничение изменений. Градуалистские подходы сосредоточены на постепенных, небольших шагах изменений, могут сдерживать изменения, и рискуют неадекватно реагировать на серьезные проблемы или изменения в окружающей среде.

- Недостаток значительных изменений. Постепенный подход может препятствовать реализацию быстрых и радикальных изменений, которые способны привести к долгосрочным выгодам и решению структурных проблем.

- Недостаток гибкости. В определенных случаях рост может привести к утрате гибкости и неспособности реагировать на быстро меняющиеся или кризисные обстоятельства.

- Трата времени и ресурсов. Из-за того, что изменения происходят постепенно, поэтапный подход может занять значительного времени и ресурсов, прежде чем будут достигнуты заметные результаты.

- Риск инерции. Продолжение использования поэтапного подхода может привести к инерции и препятствовать внедрению инноваций в решении имеющихся задач и выявлении новых возможностей.

В своей статье А. Вайс и Э. Вудхаус оценивают четыре постоянных критических замечания в адрес инкрементализма. Однако авторы не отвергают инкрементализм как жизнеспособный подход [10].

Некоторые ученые считают, что градуализм потерял актуальность к середине 1990-х годов, поскольку не смог эффективно реагировать на новые глобальные и региональные

вызовы. Этот подход, основанный на постепенных изменениях и отказе от жестких решений, был эффективен в условиях стабильности и предсказуемости. Однако в эпоху быстрых перемен и глобализации его недостатки становятся все более очевидными [2].

Другая группа исследователей стремится опровергнуть основные критические замечания в адрес градуализма, проводя эмпирические исследования, оценивающие его эффективность в условиях неопределенности. Эти исследования направлены на то, чтобы определить, действительно ли постепенное принятие решений имеет положительный эффект и насколько вероятно, что постепенный подход будет успешным [7].

В исследованиях последних лет ученые продолжают поддерживать поэтапный подход к стратегическому планированию и управлению, подчеркивая его важность в современных условиях. Они отметили, что инкрементализм остается важным из-за ряда преимуществ, таких как адаптивность, способность снижать риски и гибкость реагирования на меняющиеся обстоятельства [7].

Эволюция поэтапного подхода в стратегическом планировании и управлении сопровождалась дискуссиями о его сильных и слабых сторонах и попытками улучшить и развить первоначальную формулировку Чарльза Линдблома. Ученые и практики пытались адаптировать подход к современным условиям, принимая во внимание новые вызовы и возможности [3].

В условиях высокой неопределенности и быстрых изменений инкрементный подход оказывается более эффективным [9].

Многие города и регионы применяют поэтапный подход к подготовке документов стратегического и регионального планирования. Ярким примером является финский муниципалитет Лахти, который сочетает разработку и реализацию городской стратегии и генерального плана в рамках итерационного процесса [5].

В научной литературе предлагаются различные подходы к этапам стратегического планирования и стратегического управления. Эти подходы могут различаться в зависимости от теоретической школы, области применения и контекста. Однако многие из них имеют общие элементы и этапы [12].

Воедино собирая различные методологические подходы к формированию и осуществлению стратегий развития социально-экономического характера, можно выделить пять ключевых этапов. Эти этапы представляют универсальные фазы стратегического планирования, применимые к различным условиям и обстоятельствам. (Рисунок 1).

1. Анализ внешней среды (SWOT-анализ):

- Внешний анализ. Оценка макроэкономических факторов (PESTEL-анализ: политический, экономический, социальный, технологический, экологический и правовой) и отраслевых факторов (конкуренты, клиенты и поставщики).

- Внутренний анализ. Оценка внутренних ресурсов и имеющихся возможностей (финансовые, человеческие, технические а также организационные ресурсы).

- SWOT-анализ. Выявление сильных и слабых сторон, возможностей и угроз.

2. Формулировка миссии, видения и стратегических целей:

- Миссия. Заявление о региональных или организационных целях, а также ключевых задачах.

- Видение. Определение направления долгосрочного развития и желаемого будущего результата.

- Цели. Постановка конкретных, измеримых, достижимых, актуальных и срочных (SMART) целей.

Рисунок 1.Этапы стандартной региональной стратегии для поэтапного подхода



Примечание. Составлено автором

3. Направление и стратегическое планирование.

- Стратегическое направление. Выбор приоритетных направлений в области развития (например, экономические, социальные, экологические).

- План действий. Разработка подробных планов и мероприятий для достижения поставленныхстратегических целей.

- Распределение ресурсов. Определить возможные ресурсы и распределение их в соответствии со стратегическим целям.

4. Реализация стратегии.

- Реализация плана. Преобразование стратегических целей в конкретные действия и проекты.

- Координация и управление. Эффективное управление и организация координации деятельности.

- Коммуникация. Обеспечение информативности всех заинтересованных сторон и членов участвующих в процессе.

5. Контроль, оценка и регулирование.

- Контроль. Частое наблюдение за реализацией стратегии и выполнении плана.

- Оценка результатов. Анализ достигнутых результатов и сравнение их со стратегическими целями.

- Корректировка стратегий. Внесение необходимых изменений и адаптация стратегии на основе существующей информации и изменяющихся обстоятельств.

Преимущества и недостатки каждого этапа:

1. Оценка внешней среды.

Преимущества: помогает выявить ключевые факторы, влияющие на развитие региона, а также способствует подготовке к потенциальным изменениям.

Недостатки: требует сбора обширных данных и детального анализа, что может быть времязатратным процессом.

2. Определение миссии, видения и стратегических целей.

Преимущества: обеспечивает четкое направление и мотивирует участников процесса.

Проблемы: необходимо согласовать потребности заинтересованных сторон и достич консенсуса.

3. Направление и этапы стратегического плана.

Выгода: разрабатывается четкий план действий и появляются возможность эффективного распределения имеющихся ресурсов.

Проблемы: требуется детальная проработка и координация различных планов и мероприятий.

4. Реализация стратегии.

Преимущества: стратегические планы могут быть преобразованы в действия и реальные проекты.

Проблемы: деятельность может быть сложной для управления и координации, а заинтересованные стороны сопротивляются изменениям.

5. Мониторинг, оценка и регулирование.

Преимущества: возможность оценка эффективности стратегии и внесение необходимых изменений для достижения поставленных стратегических целей.

Проблемы: необходимость постоянного мониторинга и сбор информации, а также готовность к адаптации стратегии.

Данные методологические подходы к разработке региональных стратегий социально-экономического развития широко представлены в работах зарубежных исследователей и активно применяются в различных странах, в том числе и в Республике Таджикистан. представленные методологии считаются результатом многолетнего опыта и исследований в области стратегического планирования и управления, а также учитывают мировой опыт и налучшие практики.

Этот подход предлагает систематический способ анализа как внутренней, так и внешней среды, формулирования стратегических направлений и целей, а также разработки инструментов для мониторинга и координации стратегий. Он учитывает различные аспекты социально-экономического развития, включая экономические, социальные, экологические и политические факторы, а также интересы множества заинтересованных сторон.

Применение такого подхода, ориентированного на региональные особенности и возможности, позволяет эффективно планировать местное развитие с учетом конкретных условий. Он способствует созданию стратегий, которые можно успешно реализовать в будущем, обеспечивая устойчивый социально-экономический прогресс.

Основы теоретического и методологического анализа формирования инновационных стратегий финансового развития региональной системы на разных уровнях является ключевым этапом разработки эффективных стратегий регионального развития. Он позволяет выявить ключевые факторы и инструменты стимулирования внедрения инноваций, привлечения зарубежных инвестиций и обеспечения регионального устойчивого экономического развития.

В сложившейся социально-экономической ситуации в Республике Таджикистан переход к новым современным формам сотрудничества необходимо для устранения неравенства в регионе и стимулирования развития регионов страны; интеграция развития стратегий регионального в национальную стратегию развития Таджикистана до 2030 года является необходимым шагом в обеспечении гармоничного и устойчивого развития национальной экономики и общества.

Такие усилия по реформированию экономической модели и поощрению инноваций и инвестиций могут способствовать созданию благоприятной среды для развития предпринимательства, науки и технологий в сельских регионах Республики Таджикистан, что в конечном итоге повысит благосостояние и качество жизни населения страны.

Оценка и исследование качества документов планирования стратегии развития региона необходимы для обеспечения их эффективности и успешной реализации. Нижеследующие критерии необходимы и важны при оценке стратегий социально-экономического развития региона и позволяют глубоко проанализировать их содержание и целесообразность:

1. Основные элементы стратегии в том числе четко сформулированные цели и задачи, анализ нынешней ситуации и перспектив регионального развития, SWOT-анализ (анализ преимуществ недостатков, возможностей и угроз) а также выбор стратегических вариантов - ключевые требования к качеству документа стратегического характера.

2. Анализ роли региона и его экономических связей: необходимо оценить положение

региона в системе национальной экономики и его сотрудничество с другими регионами. Анализ экономических связей дает возможность определить основные факторы, которые влияют на развитие региона, и выявляет потенциальные риски и возможности для сотрудничества.

3. Анализ отраслевого и пространственного развития: обзор имеющихся секторов экономики региона и разработка кластерной политики смогут помочь определить направления для стратегического развития, а также пути оптимизации использования имеющихся ресурсов и стимулирования внедрения инноваций и конкурентоспособности.

